ISSN:2959-6394 (Print)
ISSN: 2959-6408 (Online)

# ИЛМ ВА АМНИЯТ

**МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ МАКТАБИ ОЛИИ
КДАМ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# НАУКА И БЕЗОПАСНОСТЬ

**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ВЫСШЕЙ ШКОЛЫ ГКНБ
РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

# SCIENCE AND SECURITY

**THE SCIENTIFIC JOURNAL OF HIGH SCHOOL
SCNS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

**№ 3 (13), 2025**

**Душанбе – 2025**

*Маҷалла соли 2018 таъсис ёфтааст.*
*Шохис (индекс)-и обуна дар феҳристи «Почтаи тоҷик» – 77798*

*Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Илм ва амният» соли 2018 таъсис ёфта, дар давоми як сол чаҳор шумора ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад. Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти 433/МҶ-97 аз 07-уми августи соли 2025 ба қайд гирифта шудааст.*

*Маҷалла ба феҳрасти маҷаллаву нашриёҳои илмии пешбари тақризшаванда, ки натиҷаи асосии рисолаҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзад ва докторони илм дар онҳо бояд интишор гарданд, аз 2-юми июни соли 2023, бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №136/м ворид гардидааст.*
*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибосҳои илмии Россия» (РИНЦ) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи илмии электронӣ ҷойгир аст: http://elibrary.ru*

***Суроғаи редаксияи маҷалла:*** *734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 54/2, Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
***Тел**: +(992 37) 233-55-19*
***E-mail**: maktabi_oli24@mail.ru*
***Сомонаи маҷалла**: https://ilm-va-amniyat.tj*

**Муовини сармуҳаррир:** Абдуллоев А.А.
**Котиби масъул:** Қурбонов А.С.

**АЪЗОИ ШӮРОИ МУШОВАРА:**

Ятимов С.С., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, Меликзода М.Э., Муҳаммад А.Н., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, Музаффарӣ М., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор, Маҳмадҷонова М.Т., доктори илмҳои фалсафа, профессор, Қудратов Н.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**АЪЗОИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

Сафарализода Х.Қ., доктори илмҳои сиёсӣ, Шарифзода И.З., Назаров У.Қ., Ғуломова Ф.А., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, Салимов Б.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

**Муҳаррирони матнҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ:**
Малтсева Г.Ю., Худойназарова З.Ч.
**Муҳаррири техникӣ:** Камолов С.А.

**© Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025**

* *Назари ҳайати таҳририя метавонад ба ақидаи муаллифон мувофиқ набошад. Барои мазмуни мақолаҳо ва маълумоти пешниҳодшуда муаллифон масъул мебошанд. Ҳангоми пурра ё қисман чоп намудан, истифода бурдан, истинод ба сарчашма ҳатмист.*

*Журнал основан в 2018 году*
*Подписной индекс в каталоге «Почтаи точик» – 77798*

*Научно-теоретический журнал «Наука и безопасность» основан в 2018 году. Выпускается четыре номера в течение года на таджикском, русском и английском языках.*

*Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан под номером 433/МЖ-97 от 07 августа 2025 года.*

*Издание включено в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, в которых публикуются научные результаты диссертаций на соискание ученой степени доктора и кандидата наук, согласно приказу ВАК при Президенте Республики Таджикистан №136/м от 2 июня 2023 года.*

*Журнал включён в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ) на сайте электронной библиотеки: http://elibrary.ru*

***Юридический адрес редакции:*** *734018, Республики Таджикистан, город Душанбе, улица Н.Карабаева, 54/2, Высшая школа ГКНБ Республики Таджикистан.*
***Тел:*** *+(992 37) 233-55-19*
***E-mail:*** *maktabi_oli24@mail.ru*
***Сайт журнала****: https://ilm-va-amniyat.tj*

**Заместитель главного редактора:** Абдуллоев А.А.
**Ответственный секретарь:** Курбонов А.С.

**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:**

Ятимов С.С., член-корреспондент НАНТ, доктор политических наук, профессор, Меликзода М.Э., Мухаммад А.Н., член-корреспондент НАНТ, доктор политических наук, профессор, Музаффари М., член-корреспондент НАНТ, доктор философских наук, профессор, Махмаджонова М.Т., доктор философских наук, профессор, Кудратов Н.А., доктор юридических наук, профессор

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**

Сафарализода Х.К., доктор политических наук, Шарифзода И.З., Назаров У.К., Гуломова Ф.А., кандидат политических наук, доцент, Салимов Б.А., кандидат юридических наук

**Редакторы текстов на русском и английском языках:**
Мальцева Г.Ю., Худойназарова З.Ч.
**Технический редактор:** Камолов С.А.

**© Высшая школа ГКНБ Республики Таджикистан, 2025**

** Взгляды редакционной коллегии могут не совпадать с мнением авторов, которые несут ответственность за содержание статей и представленных сведений. В случае полной или частичной перепечатки и использования, ссылка на источник обязательна.*

***The journal was founded in 2018***
***Subscription index in the Postal Tajik catalog – 77798***

*The scientific and theoretical journal «Science and Security» was founded in 2018 and publishes four issues per year in Tajik, Russian, and English languages.*

*The journal is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan under number 433/МЖ-97 dated Augst 07, 2025.*

*The journal is included in the list of leading peer-reviewed scientific journals and publications in which the main scientific results of dissertations for the degrees of Doctor and Candidate of Sciences must be published, according to order HAC under the President of the Republic of Tajikistan No. 136/m dated June 2, 2023*

*The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library. http: //elibrary.ru*

***Legal address of the editorial office:****734018, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, N. Qaraboev street, 54/2 High school of the SCNS of the Republic of Tajikistan*
***Phone***: +(992 37) 233-55-19
**E-mail:** maktabi_oli24@mail.ru
**Journal website:** https://ilm-va-amniyat.tj

**Deputy Chief Editor:** Abdulloev A.A.
**Responsible secretary**: Qurbonov A.S.

**EDITORIAL COUNCIL:**

Yatimov S.S., corresponding member of NAST, doctor of political sciences, professor, Melikzoda M.E., Muhammad A.N., corresponding member of NAST, doctor of political sciences, professor, Muzaffari M., corresponding member of NAST, doctor of philosophy sciences, professor, Mahmadjonova M.T., doctor of philosophy sciences, professor, Qudratov N.A., doctor of legal sciences, professor

**EDITORIAL BOARD:**

Safaralizoda H.K., doctor of political sciences, Sharifzoda I.Z., Nazarov U.K., Gulomova F.A., candidate of political sciences, assistant professor, Salimov B.A., candidate of legal sciences

**Editors of texts in Russian and English:** Maltseva G.Yu., Khudoynazarova Z.Ch.
**Technical editor:** Kamolov S.A.

**© High school of SCNS of the Republic of Tajikistan, 2025**

** The opinion of editorial board cannot be suitable to the persuasion of authors. Authors are responsible for the contents of articles and proposed information. During full or partly publishing, using, reference on the source is necessary.*

# МУНДАРИҶА

## ИЛМҲОИ СИЁСӢ


1. **ЯТИМОВ С.С.** КОРНОМАҲОИ ҶОВИДОНАИ ПЕШВОИ МУАЗЗАМИ МИЛЛАТ....8-25
2. **МИРЗОЕВ Ғ.Ҷ., КАРИМОВ П.Д.** КОНСТИТУТСИЯ КАФОЛАТИ ДУНЯВИЯТИ ҶОМЕА ДАР ТОҶИКИСТОН....26-35
3. **САИДЗОДА Д.А.** СЕНАРИЯИ ҒОЛИБ ОМАДАН ВА ҲИМОЯИ МАНФИАТҲО ДАР ШАРОИТИ ТАВСЕАИ НАБАРДҲОИ ИТТИЛООТӢ....36-43
4. **РАҶАБАЛИЕВ Ф.З.** ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАРҒИБИ ИДЕЯҲОИ ИСЛОМИ СИЁСӢ: МУШКИЛОТ, УСУЛҲО ВА ПАЙОМАДҲОИ ОН....44-52


## ИЛМҲОИ ФАЛСАФӢ


5. **МУЗАФФАРӢ М.** ҶОЙГОҲИ АХЛОҚ ВА ХАРАКТЕРИ МИЛЛӢ ДАР ТАШАККУЛИ МЕНТАЛИТЕТИ ШАХС ВА МИЛЛАТ....53-61
6. **МАҲМАДИЗОДА Н.Д.** МАСЪАЛАҲОИ ҲАСТӢ ДАР РИСОЛАҲОИ ФАЛСАФИИ ИБНИ СИНО....62-68
7. **МАҲМАДҶОНОВА М.Т., РАМАЗОНӢ А.** «РИСОЛАИ ИШҚ»-И АБУАЛӢ ИБНИ СИНО: ТАҲЛИЛИ АНТРОПОЛОГӢ-ФАЛСАФИИ МАСЪАЛАИ ИШҚ....69-73
8. **НАЗАРОВ С.Т.** ПАЙРАВОНИ ФАЛСАФАИ ИБНИ СИНО: ТАЪЛИМОТИ ИБНИ БОҶҶА....74-79
9. **ИСЛОМОВА Д.Р.** ТАҲҚИҚИ МЕРОСИ ИЛМӢ-ФАЛСАФИИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО ДАР ТОҶИКИСТОН, ОСИЁИ МИЁНА ВА ҶАҲОН....80-86
10. **АМИНОВ Ф.А.** ИРОДАИ ҚУДРАТ, РУҲИ ДИОНИСӢ ВА ТАЪЙИНОТИ АХЛОҚ ДАР «ФАЛСАФАИ ҲАЁТ»-И ФРИДРИХ НИТСШЕ....87-93


## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚӢ


11. **ҚУДРАТОВ Н.А., ШОҲЗОДА Н.И., САТТОРИЁН Б.А.** ҶАНБАҲОИ ИҚТИСОДИИ МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМ....94-107
12. **САЛИМОВ Б.А.** ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ҲАМЧУН АБЗОРИ ИФРОТИСОЗИИ АҲОЛӢ ВА ЧОРАҲОИ ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БА ИН ЗУҲУРОТ ДАР ФАЗОИ МАҶОЗӢ....108-111
13. **САФАРЗОДА Х.С.** ОИД БА МАСОИЛИ АСОСҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ БАНДУБАСТИ ҲУҚУҚИИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ЧОРАҲОИ КРИМИНОЛОГИИ МУҚОВИМАТ БА ҶИНОЯТКОРИИ ЭКСТРЕМИСТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН....112-118

## СОДЕРЖАНИЕ

### ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ


1. **ЯТИМОВ С.С.** БЕССМЕРТНЫЕ ЗАСЛУГИ ВЕЛИКОГО ЛИДЕРА НАЦИИ....................8-25
2. **МИРЗОЕВ Г.ДЖ., КАРИМОВ П.Д.** КОНСТИТУЦИЯ ГАРАНТИЯ ПРОЦВЕТАНИЯ СВЕТСКОГО ОБЩЕСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ....................26-35
3. **САИДЗОДА Д.А.** СЦЕНАРИЙ ПОБЕДЫ И ЗАЩИТЫ ИНТЕРЕСОВ В УСЛОВИЯХ РАСШИРЯЮЩИХСЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ ВОЙН................36-43
4. **РАДЖАБАЛИЕВ Ф.З**. ПРОПАГАНДА ПОЛИТИЧЕСКОГО ИСЛАМИЗМА В ИНТЕРНЕТЕ: АНАЛИЗ ПРОБЛЕМ, МЕТОДОВ И ПОСЛЕДСТВИЙ...............44-52


### ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ


5. **МУЗАФФАРИ М.** МЕСТО НРАВСТВЕННОСТИ И НАЦИОНАЛЬНОГО ХАРАКТЕРА В ФОРМИРОВАНИИ МЕНТАЛИТЕТА ЛИЧНОСТИ И НАЦИИ…....................53-61
6. **МАХМАДИЗОДА Н.Д.** ПРОБЛЕМЫ БЫТИЯ В ФИЛОСОФСКИХ ТРАКТАТАХ ИБН СИНЫ....................62-68
7. **МАХМАДЖОНОВА М.Т., РАМАЗОНИ А.** ТРАКТАТ ИБН СИНА «О ЛЮБВИ»-ФИЛОСОФСКО АНТРОПОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ ПРОБЛЕМЫ ЛЮБВИ....................69-73
8. **НАЗАРОВ С.Т.** ПОСЛЕДОВАТЕЛИ ФИЛОСОФИИ ИБН СИНА: УЧЕНИЕ ИБН БОДЖИ....................74-79
9. **ИСЛОМОВА Д.Р.** ИССЛЕДОВАНИЕ НАУЧНО-ФИЛОСОФСКОГО НАСЛЕДИЯ ИБН СИНЫ В СРЕДНЕЙ АЗИИ И МИРЕ....................80-86
10. **АМИНОВ Ф.А.** ВОЛЯ К ВЛАСТИ, ДИОНИСИЙСКИЙ ДУХ И ПРЕДНАЗНАЧЕНИЕ МОРАЛИ В «ФИЛОСОФИЯ ЖИЗНИ» ФРИДРИХА НИЦШЕ....................87-93


### ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ


11. **КУДРАТОВ Н.А., ШОХЗОДА Н.И., САТТОРИЁН Б.А.** ЭКОНОМИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ЭКСТРЕМИЗМУ....................94-107
12. **САЛИМОВ Б.А.** ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ КАК ИНСТРУМЕНТ РАДИКАЛИЗАЦИИ НАСЕЛЕНИЯ И ПРАВОВЫЕ МЕРЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ЭТОМУ ЯВЛЕНИЮ В ВИРТУАЛЬНОЙ СРЕДЕ....................108-111
13. **САФАРЗОДА Х.С.** К ВОПРОСУ О КОНЦЕПТУАЛЬНЫХ ОСНОВАХ ПРАВОВОЙ КВАЛИФИКАЦИИ ЭКСТРЕМИЗМА И КРИМИНОЛОГИЧЕСКИХ МЕР ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ЭКСТРЕМИСТСКОЙ ПРЕСТУПНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН....................112-118

## CONTENT

### POLITICAL SCIENCES

1. **YATIMOV S.S.** FOREVER EXPLOITS OF IMMENSE OF LEADER OF NATION.......8-25

2. **MIRZOEV G.G., KARIMOV P.D.** CONSTITUTION IN A GARANT OF PROSPERITY OF SECULAR SOCIETY IN TAJIKISTAN.......26-35

3. **SAIDZODA D.A.** SCENARIO FOR VICTORY AND PROTECTION OF INTERESTS IN THE CONTEXT OF EXPANDING INFORMATION WARS.......36-43

4. **RADZHABALIEV F.Z.** PROPAGANDA OF POLITICAL ISLAMISM ON THE INTERNET: ANALYSIS OF CHALLENGES, METHODS, AND CONSEQUENCES.......44-52

### PHILOSOPHY SCIENCES

5. **MUZAFFARI M.** THE PLACE OF MORALITY AND NATIONAL CHARACTER IN THE FORMATION OF THE MENTALITY OF THE INDIVIDUAL AND NATION.......53-61

6. **MAKHMADIZODA N.D.** THE PROBLEM OF EXISTENCE IN PHILOSOPHICAL EDUCATION OF IBNI SINO.......62-68

7. **MAKHMADJONOVA M.T., RAMAZONI A.** «ABOUT LOVE» BY IBN SINA – ANTROPO PHILOSOPHICAL STUDY OF LOVE.......69-73

8. **NAZAROV S.T.** FOLLOWERS OF IBN SINA'S PHILOSOPHY: THE TEACHINGS OF IBN BOJJA.......74-79

9. **ISLOMOVA D.R.** RESARCING SCIENTIC PHILOSOPHY OF HENITAGE OF ABUALI IBNI SINO IN TAJIKISTAN CENTRAL ASIA AND THE WORLD.......80-86

10. **AMINOV F.A.** WIL OF POWER DIONYSION SPIRIT AND OPPOINTING MORAL IN «PHILOSOPHY OF LIFE» OF FRIDRIKH NITSCHE.......87-93

### LEGAL SCIENCES

11. **KUDRATOV N.A., SHOKHZODA N.I., SATTORIYON B.A.** ECONOMIC ASPECTS OF COUNTERING EXTREMISM.......94-107

12. **SALIMOV B.A.** INFORMATIONAL TECHNOLOGY AS A INSTRUMENT OF RADICALIZATION OF POPULATION AND RIGHTS MEASUI OF RESISTANCE OF THIS PHENOMEN IN VIRTUE SPACE.......108-111

13. **SAFARZODA H.S.** ON THE QUESTION OF CONCEPTUAL BASIS OF LEGAL QUALIFICATION OF EXTREMISM AND CRIMINOLOGICAL MEASURES TO COUNTER EXTREMIST CRIME IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN.......112-118

## ИЛМҲОИ СИЁСӢ – ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ – POLITICAL SCIENCES

УДК:32(575.3)+32(575.3)(092)+9(575.3) Я – 98

# КОРНОМАҲОИ ҶОВИДОНАИ ПЕШВОИ МУАЗЗАМИ МИЛЛАТ

**ЯТИМОВ С.С.**
*Доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақола андешаҳо вобаста ба нақши таърихии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди ташаккули нави давлатдории миллии тоҷикон баён гардидааст. Муаллиф дар асоси санадҳо ва далелҳои воқеӣ ҷанбаҳои методологӣ ва пажӯҳишии корнамоиҳои ин шахсияти таърихиро инъикос намуда, хусусиятҳои гнесологии онро мавриди тадқиқ қарор додааст. Махсусан, таҷрибаи ба ҳам овардани миллат, муттаҳид сохтани он, аз вартаи ҷанг раҳоӣ бахшидани ҷомеа, бунёди сулҳи сартосарӣ, ки назираш дар ҷаҳон кам рӯх додааст, паҳлуҳои асосии тадқиқот мебошанд.*

*Инчунин, сифатҳои шахсию харизматикии Пешвои муаззами миллат яке аз нуктаҳои дигари омӯзиши масъала дар назар дошта мешавад. Унсурҳои ҷомеаи дунявӣ, таҳкими баробарҳуқуқии ҷомеа, таъмини рушди иҷтимоии шаҳрвандон, ҳимояи манфиатҳои миллии кишвар ва дипломатияи сатҳи баланд бо мамлакатҳои ҷаҳон, ки дастовардҳои асосии замони соҳибистиқлолӣ мебошанд, дар мақола ба таври мушаххас инъикос ёфтаанд.*

**Калидвожаҳо:** *Пешвои миллат, истиқлол, озодӣ, давлат, сиёсат, ваҳдат, ҳуввияти миллӣ, таърихи миллат, маърифат, манфиатҳои миллӣ, амнияти миллӣ, дипломатия, инсондӯстӣ.*

# БЕССМЕРТНЫЕ ЗАСЛУГИ ВЕЛИКОГО ЛИДЕРА НАЦИИ

**ЯТИМОВ С.С.**
*Доктор политических наук, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана*

*В статье излагаются размышления об исторической роли Основателя мира и национального единства – Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона в процессе становления новой национальной государственности таджиков. На основе документов и реальных фактов автор раскрывает методологические и исследовательские аспекты деятельности этой личности, исследует ее гносеологические особенности. В частности, основным аспектом исследования является опыт сплочения и объединения нации, спасения общества от пучины войны и установления всеобщего мира, подобного которому редко встречалось в мире.*

*В статье также рассматриваются личные и харизматические качества Великого Лидера нации как один из аспектов исследования вопроса. В статье конкретным образом отражены такие основные достижения периода независимости, как элементы светского общества, укрепление общественного равноправия, обеспечение социального развития граждан, защита национальных интересов страны и дипломатия высокого уровня со странами мира.*

**Ключевые слова:** *Лидер нации, независимость, свобода, государство, политика, единство, национальная идентичность, национальная история, просвещение, национальные интересы, национальная безопасность, дипломатия, гуманизм.*

# FOREVER EXPLOITS OF IMMENSE OF LEADER OF NATION

**YATIMOV S.S.**
*Doctor of political science, corresponding member of National Academy of science of Tajikistan*

*In this article are expressed thoughts according to the historical role of Founder of peace national unity, Leader of nation his excellency Emomali Rahmon in the process of development new statehood of Tajiks. The author in the base of documents and real proof showed methodological aspect and researching immense of this historical personality and researched gnesological features of that. Especially the experience of gathering of nation uniting that and freeing society from the breakaway of war, organizing thoroughly peace which there is no similarity of that in the world is the main part of researching.*

*Also personal and charismatics of quality of immence of Leader of nation is one of anotner part of researching of this issue. The secular elements of society strenthening equal rights of society, providing social development of citizens, protecting national interests of the state and high level of diplomacy with world countries, wich is the main achievement of independence period, clearly showed in this article.*

**Keywords:** *Leader of nation, independence, freedom, state, policy, unity, national individuality, history of nation, enlightenment, national interests, national security, diplomacy, philanthropy.*

**Истиқлоли давлатӣ аз дидгоҳи Пешвои муаззами миллат**

«Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат падидаи истиқлоли давлатиро армуғони тақдир намешуморад. Ба ин рӯйдод аз чаҳорчӯбаи таърихи беш аз панҷҳазорсолаи миллати тоҷик менигарад. Таъкид месозад, ки ормони истиқлолият аз нахустин лаҳзаҳои шаклгирии миллати тоҷик арзи ҳастӣ кардааст. Шароити мушаххаси таърихи пайдоиш ва рушди ҷаҳонбиниеро, ки мустақилияти сиёсии миллатро дар назар дошт, ёдрас менамояд» [1, 11].

«Масъалаи соҳибихтиёрӣ барои Роҳбари давлат хусусияти танҳо хуқуқӣ, ифтихорӣ, декларативӣ ва идеявӣ надорад. Чунин мафҳуми муқаддасро ӯ дар ҳамоҳангӣ бо алоқаи диалектикии моҳиятӣ мебинад. Ҳидоят менамояд, ки маънии онро бояд ҳамагон омӯзанд ва андеша кунанд» [1, 12].

«Мафҳуми «истиқлолият» дар фармудаҳои Пешвои миллат маънии фароҳамсозии «имконият»-ро дорад. Имконият ба давлат, ба ҳукумат, ба зиёиён, ба табақаҳои гуногуни ҷомеа – аз хурд то бузург, ба ҳар фарде, ки зарфият, қобилияти фикрронии комил ва тафаккури солим дорад ва сарфи назар аз вазъи иҷтимоӣ, ҷаҳонбинии сиёсӣ, мансубият ба дину мазҳаб, худро соҳибватан мешуморад» [1, 13].

«Дар андешаи Сарвари давлат истиқлолият аз бузургтарин муқаддасоти моддӣ ва маънавии миллати тоҷик тафсир карда мешавад. Мантиқи сохтории ин истилоҳ посух гуфтан ба ниёзҳои созгор ба манфиатҳои миллиро дар бар мегирад. Барои дарки амиқи масъала Пешвои миллат арзишҳои умумимиллӣ ва умумибашарии «Ватан», «миллат» ва «ваҳдат»-ро, ки аз ҷиҳати семантикӣ ҳамрадифи «истиқлол» мебошанд, истифода менамояд. Чунин тарзи изҳори назар илман асоснок аст» [1, 25 – 26].

«Агар муҳимтарин офаридаҳои табиат обу ҳаво бошанд, ки бе онҳо дар рӯйи замин ҳаёт вуҷуд дошта наметавонад, дар суханҳои ҳикматомӯзи Сарвари давлат истиқлол барои миллат айнан ҳамин ҷойгоҳро дорад» [1, 16].

«Сарвари давлат ҳимоя ва таъмини ҳадафҳои истиқлоли миллиро аз вазифаҳои муштараки, пеш аз ҳама, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ тавассути ба эътибор гирифтани воқеияти моддӣ, маънавӣ, амалкарди давлатдории миллӣ ва таҷрибаи фарҳанги сиёсии сатҳи байналмилалӣ мешуморад» [1, 18]. «Сарвари давлат дар масъалаҳои таҳким ва ҳифзи истиқлол, пеш аз ҳама, ба ҷаҳонбинӣ, маърифати баланд, нангу номус ва сатҳи масъулиятшиносии мардуми бофарҳанги Тоҷикистон такя мекунад.

Ҳидоят менамояд, ки миллат марҳалаҳои ҳассосу мушкили хештаншиносӣ ва худшиносии миллиро дар амал ва сарбаландона паси сар кунад. Ҳар фард дар алоҳидагӣ моҳияти Ватан ва масъулияти ватандориро эҳсос намояд» [1, 21].

«Сарвари давлат ба мафҳумҳои «Ваҳдат» ва «Истиқлол» маънои низомсоз медиҳад ва онҳоро бо ҳамдигар зич, вобаста медонад. Дар ҳамин асос муътақид аст, ки ин арзишҳои муқаддас дӯстиву бародарии тамоми сокинони Ватани азизамонро таҳким мебахшанд» [1, 26].

«Таълимоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат решаҳои амиқи гносеологӣ дорад. Ҳангоми асоснок кардани муҳимтарин масъалаҳои мавҷудияти халқи тоҷик мекӯшад, ки мардум, алалхусус ҷавонон қонунмандиҳои ба истиқлоли давлатӣ расидани миллати тоҷикро фаҳманд. Донанд, ки чунин дастоварди бузург чӣ асоси таърихӣ дорад. Марҳалаҳои аслии таърихи навтарини миллати тоҷик – ҷанги шаҳрвандӣ, расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ, рушди устувори иқтисодӣ аз чиҳо иборатанд» [1, 27].

«... истиқлолияти давлатӣ дар таълимоти Сарвари давлат аз мавзуъҳои меҳварӣ мебошад. Ин мафҳум тавассути истилоҳоти «таърихи панҷҳазорсолаи миллат», «забони тоҷикӣ», «мероси илмӣ, таърихӣ, адабӣ», «ёдгориҳои таърихӣ», «ҳокимияти сиёсӣ дар давлати Сомониён», «ҳувияти миллӣ», «хештаншиносӣ», «худшиносии миллӣ», «муборизаҳои озодихоҳонаи миллати тоҷик» ва монанди инҳо асоснок ва тафсир карда мешавад» [1, 58].

**Таърих ва ташаккули миллат**

«Ҳангоми таҳлили паҳлуҳои зуҳуроти раҳбарии сиёсӣ дар таҷрибаи давлатдории миллати тоҷик, ду намунаи барҷаста, мондагори таърих ва фалсафаи сиёсат намудор мегардад: корномаҳои шоҳ Исмоили Сомонӣ ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Боиси таваҷҷуҳи махсуси илмӣ аст, ки соҳиби қудрати давлатдорӣ ва давлатсозӣ шудани ду шахсияти бузург омил ва хосиятҳои фавқулода *(the situational factors)* дорад» [1, 7]. «Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вақте зимоми сиёсиро ба даст гирифт, ки қувваҳои худхоҳ, воқеан, низоми мутамарказонидашудаи давлати тоҷиконро, ки бо амри тақдир истиқлол касб карда буд, пора-пора карда буданд. Дар Тоҷикистон давлат ҳамчун мафҳуми ҳуқуқӣ вуҷуд надошт» [1, 8].

«Дар мантиқи баёни Пешвои миллат мазҳари омӯхтан, аз худ кардани арзишмандтарин дастовардҳои моддӣ ва маънавии таърихи беш аз сеҳазорсолаи миллат ҳамеша дар мадди назар аст. Он дар амалияи сиёсии давлатдории навин бо масъулияти бузург мавриди истифода қарор мегирад. Таъкид мешавад, ки дастовард ва мероси ниёгон бояд чун сарчашмаи маънавии худшиносии миллӣ хизмат кунад» [1, 14].

«Дар фармудаҳои Сарвари давлат аз замони вакили Маҷлиси Олӣ будани ӯ (солҳои 1990-1992) то ба имрӯз, ҳам дар қавл ва ҳам дар амал мантиқи такя кардан ба илм, маориф, истифода аз роҳу усулҳое, ки дар таҷрибаи сиёсии давлатҳои мутамаддини олам санҷида шудаанд, барҷаста ба назар мерасад. Роҳи муборизаи ӯ ба хотири пешравӣ, рӯз ба рӯз беҳтар кардани сатҳи зиндагии мардуми одӣ аст» [1, 15].

«Дар таълимоти Сардори давлат таърихи миллат аз ҷузъиёти сифатии эҳсоси ҳастӣ – забон, адабиёти пурғановат, хештаншиносиву худогоҳӣ ва ваҳдат иборат мебошад. Дар ин истилоҳот кӯшиши ба тарзи амалӣ нишон додани таҷрибаи таърихӣ – дастовардҳои муайян ҳамчун далели раднопазирии ҳастии миллати тамаддунсози мо возеҳ мушоҳида мегарданд ва онҳо ҳамчун арзишҳои эътирофгардидаи сатҳи ҷаҳонӣ ёдоварӣ мешаванд» [1, 28].

«Раҳбари давлат ҳангоми тафсир ва муаррифӣ кардани таърихи миллат эътиқодмандона ва бо ифтихор сухан мегӯяд. Дар роҳи расидан ба ормонҳои миллӣ ва истиқлолият худкифо будани онро таъкид месозад. Сарчашмаи аслии рушд, аз як давра ба давраи дигар гузаштан, аз лиҳози сифат, маънавиёт ба мақоми таърихӣ расидани миллатро аз табиати ботинии худи ӯ медонад. Тақдири таърихии халқро аз лиҳози

диалектикӣ шарҳ медиҳад. Инкишофи онро натиҷаи рақобат, зиддиятҳо, шикасту рехтҳо, эҳё ва дар набарди ҳастӣ пирӯз гаштанҳо мешуморад. Андешаи се даҳсолаи ахир ба амри тақдир, ки ӯ раҳнамои халқ аст, барои таърих, имрӯз ва оянда далели кофии чунин натиҷагириҳо мебошад» [1, 33].

«Мантиқи ҷолиби таваҷҷуҳи истифодаи принсипи таърихият дар таълимоти Пешвои миллат ноил гаштан ба дарки воқеият – сарнавишти миллӣ ва натиҷаи он – худшиносии миллӣ аст. Таҳқиқоти ӯ дар ин маврид халқӣ, огоҳона, дастрас ва барои ҳамагон фаҳмо мебошанд» [1, 33].

«Мантиқи бузурги таълимоти Пешвои миллат аз воқеияти ***«Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад»*** сарчашма мегирад. Сарвари давлат дар амри равшангарӣ ва маърифатнокии миллат ба масъулияти таърихии аҳли донишу маърифат – зиёиён такя мекунад» [1, 39].

«Баҳои Пешвои миллат нисбат ба шахсияти бузурги таърихӣ – Имоми Аъзам фавқулода муҳим аст. Тавассути ибрози чунин эҳтиром ва эътиқод Сарвари давлат ба ходимони дин намунаи олии миллатдӯстӣ ва ватанпарварии як мутафаккири тоҷикро дар шароити ниҳоят мураккаби таърихӣ муаррифӣ мекунад» [1, 42]. «Мувофиқи таъкиди Пешвои миллат, зарур аст, ки насли ҷавон ба омӯхтани таърих, адабиёт ва фалсафаи қадими худ фаро гирифта шавад. Хотиррасон менамояд, ки панду ҳикмати гузаштагони мо на танҳо барои миллати тоҷик, балки дар ғанӣ гардонидани афкори пурҳикмати умумибашарӣ саҳми босазои худро гузоштаанд» [1, 47].

«Сарвари давлат таърихи миллатро бо диққати хосса омӯхтааст. Сабабҳои бурду бохти онро таҳлил, баррасӣ ва арзёбӣ намудааст. Аз онҳо хулосаҳои барои миллат ҳаётан ибратбахш ва шоистаи пайравиро гулчин кардааст. Принсипҳо, меъёрҳоеро муайян намудааст, ки тавассути амалӣ кардани онон фарзандони бонангу номуси халқи тоҷик дар тули таърих барои манзалат пайдо кардан, устувор гаштан, оламиёнро шиносонидан ва моил намудани онҳо барои эътирофи миллат, инчунин ҳимояи халқи тоҷик хизмати сазовор кардаанд» [1, 47 – 48].

«Принсипи таърихияти тадқиқот дар таълимоти Сарвари давлат мавқеи калидӣ дорад. Тавассути он мехоҳад алоқамандии воқеият – тақдири миллати тоҷикро дар вобастагии пурра – бурду бохти ҳадди ақал ҳазорсолаи ахир амиқтар таҳлил, баррасӣ, арзёбӣ кунад, хулосаи асоснок барорад. Ба дигарон, ба мардум фаҳмонад» [1, 60].

«Имкони таърихӣ ба миллати тоҷик инқилоби бузург – Истиқлоли давлатиро ато намуд. Тавассути заҳматҳои шабонарӯзии Қаҳрамони миллати тоҷик пояҳои давлатдории миллӣ гузошта шуданд. Кишвар рӯ ба инкишоф ва тараққӣ ниҳод. Ҳамасрони мо шоҳиди ин таҳаввулоти куллӣ мебошанд. Чунин дигаргуниҳо ва пешрафт дар шароити ниҳоят мураккаби зиддиятҳои дохилӣ ва берунӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Онҳоро нодида гирифтан мумкин нест» [1, 5]. «Роҳбари давлат ба қаҳрамониҳои фарзандони халқи тоҷик ҳамеша арҷгузорӣ мекунад. Кӯшиш менамояд, ки хотираи онҳоро ҷовидон гардонад. Тавассути овардани далелҳои таърихӣ ба ҳамватанон, махсусан зиёиён − шоирон, нависандагон, олимон, кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муаллимони мактабҳои оливу миёна, донишҷӯён, касоне, ки мансуб ба табақаи андешаву эҷод ҳастанд, маъниву мантиқи арзишҳои тоҷикиятро гаштаву баргашта ва возеҳу равшан фаҳмонад ва бузургони гузаштаи миллатро ҳамчун намунаи пайравӣ муаррифӣ намояд» [5, 19].

«Роҳбари давлат ҳамчун эҳёгари воқеии арзишҳои шукӯҳманди таърихӣ замони салтанати Сомониёнро бо ифтихори бузург ёдовар мешавад. Рушду нумӯи забони тоҷикиро натиҷаи истиқлоли давлатӣ мешуморад» [5, 21].

«Дар таълимоти Пешвои миллат нақши сиёсатмадорон, олимон, шоирон, нависандагон, мутафаккирон ва умуман зиёиён дар ташаккули халқи тоҷик, ҳифзи арзишҳои миллӣ, мубориза барои истиқлоли давлатӣ ва бунёди давлати тоҷикон дар тули таърих – аз давраҳои қадим, асрҳои миёна, замони нав ва муосир ба таври хосса таъкид мегардад» [5, 31 – 32]. «Роҳбари давлат симоҳои таърихии бузургони миллатро

ҳамчун намояндаи фардии ҷомеаи замони худ мавриди таҳқиқ қарор дода, ҳамзамон бо ин, нобиғагӣ ва иродату садоқат ба халқ, мардонагӣ, ҷасурӣ, ташаббускорӣ дар роҳи амалӣ кардани идеалҳои пешқадами ҷомеа, истодагарӣ карда тавонистани онҳоро дар ҳифз ва пешбурди манфиатҳои миллӣ махсус таъкид кардааст» [5, 32].

«Ангезаи аслии ризоият додан ва расидан ба қудрати сиёсӣ дар мушкилтарин лаҳзаҳои ҳаёти ҷомеа барои Сарвари давлат хизмат ба мардуми кишвар буд. Зеро дар он замони мудҳиши террори ҷисмонӣ ва маънавӣ, қатлу ғорат, бесарусомонӣ, парешонӣ, яъне беқонунӣ касе ҷуръат ва ғайрати ҳокимият карданро надошт. Сиёсатмадорони ботаҷриба худро ба ҳар баҳона канор мегирифтанд. На танҳо қисмати зиёди мамлакат, балки пойтахти он ҳам наметавонист вазифаи конститутсионии худро адо намояд. Ҳадафи аслии Раиси тозаинтихоби Шӯрои Олӣ, ки ҳамзамон Сарварии давлатро ба уҳда дошт, пеш аз ҳама, ҳифзи манфиатҳои миллат, халқи азияткашида – оммаи васеи мардум буд. Хотираи некиҳо доимо кӯтоҳ аст. Аммо на танҳо ин насл, балки ҳадди ақал, ҳазор соли дигар набояд ин қаҳрамонии умумимиллӣ фаромӯш гардад» [6, 213].

«Ба ҳамин хотир, садои марғуладори ватанхоҳонаи Пешвои муаззами миллат: **«Дӯст бошед! Тифоқ бошед! Ватани худ – Тоҷикистони азизро дӯст доред!»** на танҳо барои ин насл, балки ҳазор соли дигар барои ҳама касоне, ки қобилияти шунидан доранд, ҳамчун мантиқи бузург – маҳсули таҷрибаи таърихи фоҷиабори миллат равона гардидааст. Ин нидо бояд бо сифати абадият, садсолаҳо бо ҳамин овози ҷавонмардонаи даъваткунанда, ҳар шому саҳар дар ҳар хонадон, дар ҳар макону хиёбон садо бидиҳад»[6, 236]. «Тамоми таълимоти Пешвои муаззами миллат ва моҳияти воқеии онро принсипҳои ба вазъи имрӯзаи халқи тоҷик фақат аз нигоҳи таърихӣ ва дар алоқамандӣ бо ҳодисаҳои таърихӣ баҳо додан, дар муносибат бо таҷрибаи таърихие, ки ин миллат аз сар гузаронидааст, дар бар мегирад. Ин мантиқи комилан илмӣ аз лаҳзаҳои аввале, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба манзалати роҳбари давлат интихоб гардид, ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ, баръало ба чашм мерасад» [6, 248].

«Пешоҳанги Эҳёи миллати тоҷик Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки аз рӯзи аввали зимоми ҳокимиятро ба даст гирифтан дар ин роҳ собитқадамона, ҷоннисорона, қаҳрамонона мубориза мебарад. Ин далели таърихӣ аст» [7, 40].

«Рӯзи 2-юми ноябри соли 1992, дар шароити ниҳоят мушкили вазъи сиёсӣ-ҳарбӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ дар шаҳри Кӯлоб сессияи вилоятӣ гузашт. Дар он вакилони халқ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба вазифаи раиси вилоят интихоб карданд.

Мардум медонист, ки ин вазифа мушкилтарин, хатарноктарин ва масъулиятноктарин дар шароити онрӯзаи Тоҷикистон аст. Раиси вилояти Кӯлоб бо вуҷуди вазъи сангини иқтисодии минтақа, гуруснагӣ, қаҳтӣ, нодорӣ, бесарусомонӣ, паҳншавии касалиҳои сироятии марговар, адами имконоти пурраи ҳарбӣ дар муқобили терроризм ва ҷанги хонумонсӯз, ҳамакнун масъулияти роҳбарии ғайрирасмии Ҷабҳаи миллии мубориза барои барқарор кардани сохти давлатдорӣ ва қонуниятро бар уҳдаи худ гирифт» [8, 280].

«Бо интихоб шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вазифаи раиси вилояти Кӯлоб ва заҳматҳои шабонарӯзии ӯ бо мардум, сафарҳои пайдарпай ба маркази вилояти Қурғонтеппа, ки тақдири давлатдории тоҷикон дар он ҷо, дар мубориза ба муқобили терроризми байналмилалӣ ҳаллу фасл мешуд, дар кӯтоҳтарин муддат вазъ ба манфиати барқарор кардани сохти конститутсионӣ тағйир меёфт» [8, 281 – 282].

**«... дар дунё миллате вуҷуд надорад, ки худ ба худ соҳибдавлат гашта, мустақилият ва рушду нуму пайдо кунад, агар доҳиёни сиёсӣ, пешравони ҷонфидо ва қаҳрамононе надошта бошад, ки ҳамин ҳаракат, ҳамин ҷараён, ҳамин нияту мақсад ва ҳамин ормонҳоро бо сифатҳои бузурги шахсияти худ таъмин карда тавонанд.**

Аммо дар бораи шахсияти бузург ҳамон вақт сухан мегӯянд, ки ӯ барои миллати худ хизматҳои бузург кардааст.

**Дастоварди Иҷлосияи XVI-ум, нуктаи бунёдии барои сарнавишти миллати тоҷик таъйинкунандаи он, бозёфт ва интихоби мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Роҳбари давлати тоҷикон буд.**

**Ва баръакс, бузургии мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он аст, ки бо ҷонфидоӣ ва корнамоиҳои дар тули таърихи ҳазорсола нотакрор, манзалати ин Иҷлосияро ҳамчун ифодаи хиради азалии миллати тоҷик абадӣ гардонд»** [8, 282 – 283].

«Бо гузашти даҳсолаҳо дар бораи нақши аввалин поягузори давлатдории миллии тоҷикон дар ҳазораи ахир, ки бидуни шак, ба номи Эмомалӣ Раҳмон мансуб аст, бояд изҳор дошт: **«кам аст, ки андеша ба ифода кардани воқеият кӯшиш намояд, бояд худи воқеият ҳам ба муҳтавои тафаккур тамоюли мутассил дошта бошад»** [8, 283].

«Эътиқодмандии Президент ба ормону орзуҳои худ аз асоси воқеӣ бархӯрдор мебошад. Он бар шуурнокии ҳақиқӣ, дарки реалии вазъ дар дохили мамлакат, минтақа ва кишварҳое, ки тақдири Тоҷикистон бо онҳо алоқамандӣ дорад, асос ёфтааст. Аз диди Роҳбари давлат, офарандаи таърих инсон аст. Ҳар шахс бояд масъулияти худро дар назди ҷамъият барои имрӯз ва оянда эҳсос кунад. Вазифаҳои худро донад. Онро бо дарки масъулият ва кулли имконоти руҳиву равонӣ ва ҷисмонӣ иҷро намояд» [8, 653].

«Эҳёи миллат барои Роҳбари давлат аз масъалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Маҳз ба ҳамин хотир, бо супориши ӯ китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров нашр ва ба ҳар як хонадони тоҷик тухфа карда шуд. «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсиро чун қуръони Аҷам эътироф ва китоби рӯйимизии ҳар фарди ватанпарвар эълон кард» [8, 655].

**Нақши шахс дар тақдири миллат**

«Боиси ифтихор аст, ки даврони Истиқлол сабк, шева ва усули давлатдории миллати тоҷикро воқеият бахшид. Он тамоми паҳлуҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва мудофиавиро дар бар мегирад. Мактаби давлатдории миллӣ усулан созмон ёфт. Бунёдгузори он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Зарур аст, ки ин мактаб ба таври фарогир мавриди таҳқиқоти илмӣ, таҳлил, омӯзиш ва баҳрабардорӣ барои имрӯзу фардо қарор бигирад» [4, 4 – 5].

«Хиради азалӣ, интихоби ягона роҳи дурусти раванди сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат, қобилияти бузурги ташкилотчигӣ, иродаи қавии сиёсӣ, кордонӣ, ҷавонмардӣ, қудрати дар атрофи худ сарҷамъ кардани қишрҳои гуногуни ҷомеа, сарфи назар аз ҷаҳонбинӣ ва манзалати иҷтимоӣ, ба як мақсад сафарбар карда тавонистани оммаи мардум аз омилҳои асосии обрӯ, эътироф, эътимод ва ба маҳбубияти умумимиллӣ сарфароз гаштани Раҳбар ва Пешвои миллати тоҷик мебошад. Дар ин вазъият, Пешвои миллат ва мардум дар якҷоягӣ ба қувваи бузурги умумихалқӣ мубаддал гаштаанд» [4, 67].

«Асарҳои офаридаи Пешвои муаззами миллат «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Сарнавишти миллати соҳибтамаддун», «Забони миллат – ҳастии миллат», «Чеҳраҳои мондагор», «Уфуқҳои Истиқлол» ва монанди инҳо, ки дар солҳои гуногун ба табъ расидаанд, намунаҳои олии таҳлили паҳлуҳои ҳаётан муҳимми зиндагии миллати тоҷик дар тули ҳазорсолаҳо ва замони муосир мебошанд. Асарҳои Пешвои миллат таҳқиқи ҳамаҷонибаи воқеият ва таҷрибаи таърихии ташаккулёбии миллати тоҷик, дастовард, мушкилот ва бурду бохтҳои онро дар гузашта ва даврони мо дар бар мегиранд. Дар паёмҳо, суханрониҳо, муколама бо мардум самтҳои гуногуни ҳаёти мамлакат, минтақа ва ҷаҳон мавриди таҳлил, арзёбӣ, хулосабарорӣ ва раҳнамоӣ қарор гирифтаанд» [4, 67].

«Таълимоти Пешвои миллат – таҳлили илмиву назариявии таҷрибаи таърихии миллати тоҷик ва ҷараёни амалии бунёди давлати миллии тоҷикон дар замони Истиқлол аз ниёзҳои воқеии иҷтимоии давлатдории мо барои имрӯз ва фардо аст. Ҳангоми чунин таҳқиқ бори дигар муайян мегардад, ки чӣ гуна ин назария ва амалияи давлатдорӣ – ҳамчун ганҷинаи бебаҳо ва дастоварди таърихии мо – на танҳо хоси заковатмандии миллати тоҷик аст, аз таърихи илм ва тамаддуни ҷаҳонӣ сарчашма мегирад, балки илм ва тамаддуни ҷаҳониро бо сифатҳои арзишманди худ ғанӣ мегардонад» [4, 68]. «Бар асари

ҷанги хонумонсӯз, ки онро дӯсткушони душманпарвар бо сад маккорӣ ва ҷилваю ҳилагарӣ рӯйи кор оварданд ва имрӯз ҳам аз кардаи худ изҳори пушаймонӣ надоранд, садҳо ҳазор хона вайрон, сағиру кабир ҳайрон, мардум саргардон шуданд. Сарвари давлат – сарвару сарпарасти бепарасторон гашт» [3, 299]. «Таҳлили сифатии фаъолони ба саҳнаи сиёсии солҳои навадуми асри гузашта воридшуда – яке аз фоҷиабортарин давраи таърихии миллати тоҷик, нишонгари он аст, ки бидуни чунин шахсияти бузурге мисли Эмомалӣ Раҳмон, расидани миллати парокандагашта ба сулҳу субот ва таъсиси давлати ягонаи соҳибистиқлол ва ба пайроҳаи рушд раҳнамун сохтани он, ғайриимкон буд» [8, 655].

«Ҳамзамон бо ин, мо ҷонибдори он ақида ҳастем, ки зуҳуроти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун шахсияти фавқулодаи сиёсӣ дар таърихи миллати тоҷик, падидаи ғайриинтизор нест. Ӯ ифодакунандаи рушду камол, хираду андешаи таърихии миллати тоҷик дар роҳи Истиқлоли давлатӣ, маҳсули асрҳост, ки дар нақши ин абармарди сиёсат таҷассум ёфт. Эҳёгари ормону орзуҳои миллат дар ҳазораи ахир гашт» [8, 655].

«Насли охири асри XX ва оғози нимаи аввали асри XXI мушоҳидачии фаъоли заҳматҳои бузурги муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати амалии давлатдорӣ – ташкил ва раҳбарии ҳукумат, пешбурди кори соҳаҳои ҳаётан муҳим ва тақдирсози сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат, коркард ва роҳандозии соҳаҳои ҳаётан муҳимми давлатдорӣ – иқтисодӣ, иҷтимоӣ, амниятӣ, мудофиавӣ, илм, маориф ва фарҳанг мебошад» [8, 656].

«Нобиғагии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он аст, ки дар натиҷаи тадқиқи мавод ва таҷрибаи таърихӣ, махсусан, воқеияти талхи солҳои аввали мустақилият дар ҳаёти халқи тоҷик, муборизаҳои шадиди геополитикии муосир ва зарурати ҳаётии ҳифзи манфиатҳои миллии Тоҷикистон, бо таълифи асар ва суханрониҳои андешамандонаи дар умқи фикр сайқалдида, консепсияи Истиқлоли давлатӣ, масъалаҳои хештаншиносӣ ва худшиносии миллиро илман коркард ва ба ҳамватанон пешкаш кард» [8, 657].

**«Эҷоди асарҳои илмӣ, ибрози мавқеи сиёсӣ дар шакли паём, баёния, суханронӣ, гуфтугӯи мустақим бо халқ аз ҷониби Сарвари давлат аввалин таҷриба дар таърихи давлатдории тоҷикон аст.** Дар ин ҳуҷҷатҳо ва ибрози ақидаҳо муҳимтарин сабк, усул, роҳ ва воситаҳои давлатдорӣ, раҳбарии ҷомеа дар лаҳзаҳои мураккаб ва тақдирсози миллати тоҷик ифодаи худро ёфтаанд. **Ҳаётан зарур аст, ки барои наслҳои имрӯз ва оянда ин хирадсолорӣ ва оини давлатдории Пешвои миллат дар асоси методологияи илмӣ мавриди тадқиқ қарор бигирад. Чунин омӯзиш фарогири тамоми соҳаҳои давлатдорӣ – сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар бошад»** [1, 62].

**Дурахшон аст бо рафтор, бо кирдор, бо гуфтор**

**«Дар рафтор, гуфтор ва зиндагии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун инсон ман шахсияти поктинат, одӣ, хоксор, фурӯтан, хушсуҳбат, нектабиат, ҳимматбаланд, фарди доно ва роҳбари тавоно, фасеҳгуфтор, марди худогоҳу ватандӯст, эҳёгари анъана ва бузургии ниёкон, таърихофарин, пайвандгари тоҷикон, ангезандаи руҳи миллӣ, муҳофизи Ватан, масъулиятшинос, руҳбахш, пуркору накукору пурсаъйу қарин ба одамони меҳнатӣ ва дардошноро дарёфтам. Ӯ воқеан, меҳнатдӯст ва заҳматқарин аст. Дар шоҳидӣ ва пеши назари мо садҳо, ҳазорҳо амале ба намоиш гузошт, ки ӯро ҳамчун ҷавонмард, фарзанди баруманди ин сарзамин, ҷонфидо ба хотири сулҳу субот, ваҳдат, якпорчагии Ватан, обрӯ, манзалат ва тақдири таърихии миллат ва давлати тоҷикон муаррифӣ кард»** [8, 657 – 658].

«Аз таълимоти Сарвари давлат бармеояд, ки фард дар замони худ ҳамон вақт узви фаъоли муносиботи ҷамъиятӣ шуда метавонад, ки аз лиҳози объективӣ ҷонибдори асили манфиатҳои миллӣ бошад ва аз лиҳози субъективӣ – ҷаҳонбинӣ, тарзи тафаккур ва муҳокимаронӣ аз худ амалҳои созгор ба рушди миллӣ нишон диҳад» [5, 32]. «Дар нигоштаҳои Пешвои миллат фарзандони содиқи халқи тоҷик ҳамчун мардоне тасвир ёфтаанд, ки дар лаҳзаҳои барои миллат ҳассос ва басо хатарнок ба майдон омада, ҳаёту мамоти худро ба хотири ҳимоя, пойдорӣ, бардавомии давлати тоҷикон бахшидаанд.

Шахсият, рӯҳи ботинии онҳо ба пуррагӣ ба мақсадҳои бузург ва тақдири таърихии миллат тавъам омадааст» [1, 59 – 60].

**Ваҳдати миллӣ ва хештаншиносӣ – пояи давлатдорӣ**

«Дар баёни маъниҳои худшиносӣ ва ваҳдат Сарвари давлат андешаи миллиро дар ҷойи аввал мегузорад ва таъкид мекунад, ки чунин тасаввурот вақте зуҳур мeёбад ва аз худ қотеона дарак медиҳад, ки мафҳумҳои «замини аҷдодӣ», «Ватан», масъулияти шинохт ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ ба ҷузъиёти муҳимми ҷаҳонбинии шаҳрвандон мубаддал гардад, яъне дарки воқеияти маънавӣ бошад» [1, 23]. «Пешвои миллат ҷаҳонбинӣ ва андешаи миллиро бо далелҳои эътироф ва эҳтироми урфу одат ва анъанаҳои деринаи мардумӣ омили муҳим барои худшиносии миллӣ мешуморад. Дар ин лаҳза на танҳо қудрати истодагарӣ карда тавонистани фарҳанги миллати тоҷик ба бегонагон, балки ба маънавиёти истилогарон таъсир расонидан, бар онон пирӯз гаштан ишора карда мешавад» [1, 24 – 25]. «Дар таълифи Сарвари давлат масъалаи меҳварӣ, яъне хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ дар ҷойи аввал меистад. Ӯ гаштаву баргашта хотиррасон мекунад, ки инсон бояд қувва ва имконоти худро дар вобастагии кулл бо доираи манфиатҳои миллӣ дарёбад, таърихи миллатро донад, худро нисбат ба тақдири Ватан масъул шуморад ва худкифо бошад» [1, 26].

«Дар таълимоти Пешвои миллат таърихи халқ маҷмуи равандҳо ва натиҷаҳое мебошад, ки худи фарзандони миллат офаридаанд ва ба онҳо муваффақ шудаанд. Ҳамзамон бо ин, шахсиятҳои бузурги таърихӣ, ки худро ҳамчун қаҳрамон ва номбардорони миллат муаррифӣ кардаанд, ба некӣ ёдоварӣ карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, зарурати аз онҳо ибрат гирифтан ва ба онҳо пайравӣ карданро таъкид месозад» [1, 26]. «Панду андарзҳои Сарвари давлат дар масъалаи тақвияту таҳкими ваҳдати миллӣ ва пояҳои давлатдорӣ дар Тоҷикистон решаҳои боэътимоди илмӣ доранд. Муттаҳидии мардум, пойдории сулҳу субот, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва худогоҳиву худшиносӣ ҳамчун шартҳои ҳифзи манфиатҳои кишвар ва афзоиши неруи иқтисодии мамлакат ҳамчун омилҳои муҳимтарини рушди давлатдории миллӣ эътироф гардидаанд» [1, 26 – 27]. **«Нақди ганҷинаи идеяи Пешвои миллат сохтани давлати миллӣ аст. Ғарб маҳз тавассути фарзандони бонангу номусаш ҳанӯз чорсад сол қабл ба чунин хулоса омада буд. Ва ин шакли давлатдориро пазируфт. Онро бунёд кард. Афзалият ва самараи ин сохт дар олам маъруф гашт. Ба чунин ниҳоди сиёсии дар таҷрибаи пешқадами инсоният санҷидашуда бо заҳмат ва ҷонбозиҳои Сарвари давлат дар сарзамини тоҷикон асос гузошта шуд. Он аз лиҳози ҳуқуқӣ ва воқеӣ бунёд гардид»** [1, 29].

«Агар суханони Сарвари давлат дар бораи ин фидоиёни халқи тоҷик гаштаву баргашта мавриди омӯзиш қарор дода шаванд, намунаи олии ватандорӣ, сифати комили шахсият, ки барои сохтан, рушд кардани давлати миллӣ, ҳифз кардани манфиатҳои он зарур аст, баръало намудор мегардад» [1, 48]. «Дар таълимоти Сарвари давлат масъалаи тарбияи инсон характери муназзам, сохторӣ ва амалӣ дорад. Он тамоми ҷанбаҳои ташаккули инсонро дар бар мегирад. Аммо тарбияи ахлоқиву маънавӣ дар он мавқеи марказиро ишғол мекунад. Тавассути заҳматҳои бедареғу шабонарӯзӣ Пешвои миллат мекӯшад дар ботини ҳамватанон, ки ӯ ҳаёту мамоти худро ба онҳо бахшидааст, ҳиссиёти баланди арзишҳои меҳанпарастӣ, хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ ташаккул ёбад» [1, 51].

«Дарки амиқи амалӣ намудани рукнҳои маънавиёти миллӣ дар партави корномаи Пешвои миллат, аз аркони ниҳоят аҳаммиятноки худшиносии миллӣ мебошад. Мағз андар мағзи онро садоқат ба Ватан, манфиатҳои миллӣ, ташаккули тафаккури илмӣ нисбат ба воқеоти олам, минтақа ва ҷомеаи мо ташкил мекунад. Моҳияти чунин муносиботро мақсадҳои воқеан ҳаётӣ – зарурати ногузири ба инобат гирифтани таносуби вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва он вазифаҳои ҳаётан муҳимме, ки барои сохтани давлати миллӣ, рушди иқтисодиёт, таъмини амнияти миллӣ хос мебошанд, дар бар мегирад» [3, 308–309].

«Ҳамасрони мо шоҳиданд, ки хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ ва дар ҳамин замина сохтани давлати миллӣ, ки ормони ҳазорсолаи мардуми тоҷик буд, аз мақсадҳои меҳварии Роҳбари давлат маҳсуб мегардад. Суханони дар дили ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон сабтшуда ва умедбахши Роҳбари нав интихобгардидаи миллати тоҷик − **«Ман ба шумо сулҳ меорам!»** азми таърихӣ ва амалҳои ҷонфидоёнаи ӯ, навиди созандагӣ ба ҳар хонадони мамлакати ҷангзадаи дур аз маъмур ва мардуми хастаи ранҷур нур бахшид» [5, 27]. «Садоқатмандӣ ва эътиқоди бепоёни ӯ ба халқ, собитқадамӣ дар роҳи иҷрои паймон, истодагарӣ дар масири пешгирифта, таъмини сулҳ, ваҳдат, рушди устувори миллӣ, сарфи назар аз мушкилот, таҳдид ва хатарҳои ҷонӣ, омилҳои аслии хештаншиносӣ ва худшиносии миллии қишрҳои асосии ҷомеа гардид. Ҳаммаром будани иқдомҳои Пешвои миллат бо ормонҳои мардум ба иҷро гаштани нақшаҳои барои мамлакат созгор такони ҷиддӣ бахшиданд» [6, 224].

«Роҳбари давлат ҳанӯз дар рӯзи аввали расидан ба қудрати сиёсӣ, масъалаи эҳёи миллиро эълон ва давоми се даҳсолаи ахир онро аз лиҳози назариявӣ коркард, тасдиқ ва дар таҷрибаи амалӣ ҷонфидоёна роҳандозӣ намуд» [7, 5]. «Ҳақиқати эътирофгардида аст, ки Даврони Эҳёи миллати тоҷик дар марҳилаи навин аз аввалин суханони Роҳбари тозаинтихобгаштаи давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари Қасри Арбоб оғоз гардид. Минбаъд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суханрониҳои барномавӣ, Паёмҳо, таълифот ва таълимоти бунёдии худ барои ҳар фарди тоҷик ҳаётан муҳим будани Эҳёи миллатро асоснок кард. Принсипҳои асосӣ, сарчашма, роҳ, восита ва усулҳои ба он ноил гаштанро фаҳмонд. Ин равандро дар сиёсати амалӣ, бо азму разми ҷавонмардӣ тавассути бузургтарин чорабиниҳои дар таърихи миллати тоҷик беназир собитқадамона тасдиқ намуд» [7, 28 – 29]. «Таҳлили назария ва амалияи сиёсии Сарвари кишвар аз он шаҳодат медиҳад, ки идеали асосии ӯ сохтани давлати миллӣ тавассути тарбияи ҳисси хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ, таъмини ваҳдати миллӣ бар пояи баланд бардоштани некуаҳволии мардум аст» [8, 652].

**«Ман, ҳамчун шаҳрванд шоҳиди воқеӣ ва иштирокдори раванди сиёсати амалӣ зери раҳбарии Қаҳрамони миллати тоҷик, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳастам. Аз ин лиҳоз, барои мо арзишмандии табиат ва нақши шахсияти Раҳбар дар тулуи мушкилнафаси давлатдории миллӣ, шароити ниҳоят сангини гирдоби таърихӣ, даврони тақдирсоз, қонунмандии ҷараёни тараққиёти ҷамъиятии замон чун оина равшан аст»** [8, 649]. «Яке аз самтҳои омӯзиши сифати шахсияти раҳбар, инъикоси фаъолияти ӯ дар ҳолати динамикӣ – қудрати пешрафт, ҳалли мушкилот ва сарнавишти сиёсии ҷомеа, ки новобаста аз иродаи зимомдори мамлакат арзи вуҷуд кардааст, маҳсуб мегардад. Насли мо шоҳиди сиёсати амалии Сарвари кишвар дар мушкилтарин даврони давлатдории тоҷикон, охири асри XX ва нимаи аввали асри XXI аст» [8, 649].

**Сухан ҷон мегирад андар каломаш**

«Қудрати суханварӣ, маъниофаринӣ, ифодаи бурро ва шевои Пешвои миллати тоҷикон ниёз ба таҳлил, тадқиқ, омӯзиш, арзёбии дақиқ ва пайравиро дорад.

Ҳангоме ки Сарвари давлат дар боби муҳимтарин масъалаҳои давлатдорӣ, ватанпарварӣ, истиқлолият, хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ ҳарф мезанад, аз перояи нангу номус ва ҷавонмардӣ баҳс меорояд, аз маъниҳои барҷаста, калима ва таркибҳои суфтаву дилчаспу форам ва муассиру ҷозибадор устодона истифода мекунад. **Пешвои миллат ба тани сухан ҷон ва ба дили пурармони мардуми азиятдида ва меҳнатқарини кишвараш дармон мебахшад»** [1, 9 – 10]. «... **суханҳои Пешвои миллат шакли мансури Суруди миллии мо мебошанд: Ватан модари ягона аст. Бақои он бақои хонадони мо мебошад. Ҳама ҷаҳон ҳабиби мост, дар сурате ки мо соҳибватан бошем»** [1, 16].

«Дар масъалаи тарбия мантиқи суханҳои Сарвари давлат дар он ифода меёбад, ки ахлоқи ҳамида, масъулиятшиносӣ ва донишҳо аз насл ба насл намегузаранд. Падару модар, мактаб, маориф, васоити ахбори воқеан миллӣ, муҳити атроф бо такя ба таҷрибаи

таърихии халқи мо, намунаҳои олии қаҳрамонӣ, ҷавонмардии фарзандони он ва мероси адабӣ, бояд бикӯшанд, ки насли ба ниёзҳои имрӯза ва оянда посухгӯи давлатдории миллиро тарбия кунанд» [1, 49]. «Маҳсули эҷоди Пешвои муаззами миллат ганҷинаи суханҳои пандомӯз аст, ки ***«гарди баёнаш ба сад рисола барояд»***. Мутолиаи гаштаву баргаштаи ин хазинаи маънӣ, бешубҳа, натиҷаи таҷрибаи воқеияти зиндагии Қаҳрамони миллат – аз овони ҷавонӣ, камолот, бурду бохти роҳи ниҳоят мушкил ва озмудани бахти хеш дар уқёнуси пурталотуми сиёсат ба манфиати сарҷамъ кардани миллати парешони худи ӯ мебошад. **Гавҳар аз баҳр баровардан – гузаштан аз ҷон аст. Дар олам ҳақиқати номуайян нест. Ҳақиқат доимо мушаххас аст. Давлат сохтан аз сарзамине, ки аз он амалан ва танҳо номи ҷуғрофӣ боқӣ монда буд, ҳамин мантиқро дорад.** Ҳарорат ва ҷозибаи маъниҳои ифодакунандаи Пешвои миллат чунин воқеиятро тасдиқ мекунад» [1, 61].

«Воқеан, сухандонӣ, суханшиносӣ, суханварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат барои ҳар нафаре, ки тоҷик аст, ба лафзи дарӣ, форсӣ ҳарф мезанад, худро тахассусманди соҳаи забоншиносии тоҷик ва донишманди меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷик мешуморад, ибратомӯз ва намунаи олӣ аст.

Суҳбати қаҳрамони асар бо табақаҳои гуногуни ҷомеа – кӯдакон, наврасон, куҳансолон, ҷавонон, кишоварзон, коргарон, аҳли фарҳанг, илму адаб, сиёсатмадорон ва муҳофизони Ватан, бо интихоби мавзуъ, мазмун, мундариҷа, муҳтаво, тарзи масъалагузорӣ, ҳидоят ва маслиҳат оид ба ҳаллу фасли онҳо, аз якдигар фарқ мекунанд. Захираи бойи луғавӣ, донистани руҳияи қишрҳои гуногун – аъзо ва авзои ҷомеа, шароити воқеии зисту зиндагӣ, кору фаъолият, муваффақият ва мушкилоти онон, ҳисси ниҳоят баланди масъулият, сидқу сафо, ҳусни ният нисбат ба имрӯзу фардои халқу миллати сипосгузораш, мададгори аслии фаъолияти рӯзмарраи ӯ бо мардуми кишвараш мебошад. Барояш муяссар мегардад, ки дар ҳар маърака барқосо чун ***«муродбахши дили беқарори мардум», «аниси хотири умедворон» ва «ғамгусор»***-и (таъбирҳо аз Ҳофиз) миллати дар роҳи маслакаш мисли ӯ ва дар пайравии ӯ ҷонфидо, ҳамчун гӯшту нохун дар тамос ва дарки маънавӣ бошад» [3, 306]. «Пешвои миллат дар китобу мақолаҳои илмӣ, суханрониҳои сиёсӣ, гуфтугӯҳои мустақим бо аҳли зиё ва мардум муҳимтарин масъалаҳои забоншиносии тоҷикро мавриди омӯзиши дақиқ, таҳлилу арзёбии амиқ қарор дод. Боиси ифтихор аст, Роҳбари давлат дидгоҳи хешро бо забони шево, лаҳни гуворо, барои омма фаҳмо, бо истифода аз далелҳои раднопазири таърихӣ ва санъати бузурги сухандониву суханварӣ иброз медорад» [5, 8]. «Баҳраварии дараҷаи аъло аз захираҳои бойи луғавии забони модарӣ, сабки ороиши сухан бо дарназардошти фазо ва муҳити сухангӯӣ аз муҳимтарин омилҳои нишонрас будани мусоҳибаҳои Пешвои миллат аст. Ҳамчунон, бо мантиқи муъҷаз, муассир ва фасеҳ, бо ҷобаҷогузории намунавии задаҳои ҳиҷоӣ ва мантиқӣ, ки аз донистани нозукии тобишҳои семантикӣ ва семасиологии лексикаи забони модарӣ шаҳодат медиҳад, таваҷҷуҳи мардум ба суханрониҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беихтиёр ҷалб мегардад» [5, 66].

«Пешвои миллат аз камтарин роҳбарони озмудашудаи сиёсии олам аст, ки дар доираи матни гузориш ва гуфтугӯи озод, бо такя ба далелу рақам ва мисолҳои баҳснопазир, бо қудрати маънавӣ ва фарҳанги волои суханварӣ сомеонро тасхир мекунад. Ва моҳияти давлатдории хешро ба дилу дидаи омма мерасонад. Иқрор бояд гашт, ки ин кори чандон саҳл нест» [5, 66 – 67]. «Забон ва тарзи баёни муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба ҳайси мактаби бузурги фарҳанги муколамаи сиёсӣ, бояд дар доираи мавзуи махсуси таҳқиқоти илмӣ ҳамчун ҷузъи санъат ва оини давлатдории миллии тоҷикон омӯхта ва ба наслҳо пешкаш гардад» [5, 67].

«Услуби таҳқиқоти илмӣ, таҳлилу баррасии мураккабтарин зуҳуроти таърихӣ ва олами муосир, ҳаёти рӯзмарраи ҷомеа, хулосаҳои ниҳоят муҳим, бомулоҳиза ва усули суханварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кулли соҳаҳои давлатдорӣ нишонгари дарки воқеият ва тавони барҷастаи истифодаи имконоти забони модарӣ аст. Чунин сатҳи

донистани забони модарӣ бо тамоми ҷузъиёт ва назокати семантикӣ, семасиологӣ, орфоэпӣ, фонетикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ на танҳо барои кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, устодони донишгоҳҳо, муаллимони мактабҳои миёна, кормандони васоити ахбори умум, балки барои тамоми нафароне, ки умуман бо мардум, махсусан бо ҷавонон сару кор доранд, шахсоне, ки забони адабии ҳозираи тоҷикро аз худ карданианд, намунаи омӯзиш, мактаби суханварӣ – дарси мантиқии давлатдорӣ аст» [5, 67 – 68].

«Аввалин суханронӣ ва муколамаи Роҳбари давлат бо кормандони ҳифзи ҳуқуқ моро дар мубориза барои барқарор кардани тартиботи конститутсионӣ дар мамлакат дилпур намуд.

Мо, дафъатан, эътимоди пурра пайдо намудем, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамон шахсиятест, ки зери роҳбарии ӯ метавонем тамоми мушкилоти ҷомеаро паси сар созем. Тартибот ва волоияти қонунро дар давлат барқарор кунем. Ба терроризм ва ифротгароӣ хотима бахшем. Душманони миллати тоҷикро ҳам дар дохил ва ҳам дар берун дасткӯтоҳ намоем» [8, 284]. «Руҳу қавииродагии Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон, бо суханронии буррову ҷавонмардона, масъулиятшиносии огоҳона, дар тасаввури мо эҳсоси таҳамтани мубориз ва фидоии ҳақиқии Ватан, эҳёкунандаи давлати миллии мо, тоҷиконро ба вуҷуд овард» [8, 284].

«Мо бошем, бояд вазифаи худро иҷро мекардем. Мо дастпарварони Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон будем, ки доимо таъкид мекард: «Мо давлатдор ҳастем! Мо бояд миллати худро сарҷамъ кунем. Онҳоро парасторӣ намоем. Миллати мо ғайр аз худи мо дар ягон гӯшаву канори дунё пуштибони дигар надорад. Таъмини ваҳдату ягонагӣ – вазифаи ҷонии мост»» [8, 340 – 341]. «Аз ҷумлаи сифатҳои инфиродии Роҳбари давлати Тоҷикистон, ки мавриди эътирофи умум гаштаанд, волотарин мақом дар байни аҳли сухан дорад. Болотарин манзалат дар иҷрои қавлу амал ӯрост. Ба ҳамин васила, шуҳрату шарафу обрӯ касб кард. Мардум ӯро Пешво хонд» [8, 654].

**Ба дилҳо роҳ ёбад ҳар паёмаш**

«Омӯзиши таърихи навтарини миллати тоҷик нишонгари он аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон маҳз тавассути Ақл, Хирад, Тадбир ва тавоноии Сухан, ки аз ҷавҳари маънавиёти бузурги ӯ сарчашма мегиранд, тавъам бо рафтори ҷавонмардонааш тавонист дар дилу дидаи мардум ҷо шавад, ба кишвар сулҳ биёрад ва суботу амниятро дар Ватани азияткашидаи мо барқарор созад» [1, 9]. «Ҳар як муколамаи Пешвои миллат, тавре ҷомеа шоҳиди он аст, озод, бо салоҳият ва масъулияти бузурги давлатдорӣ, бо таҳлил, далелнокӣ, муқоиса, арҷгузорӣ ба меҳнати деҳқонон, коргарон, соҳибкорон, зиёиён, серталабӣ нисбат ба мақомоти иҷроияи ҳокимият ва дигар сохторҳои давлатӣ сурат мегирад» [6, 206].

«Муҳимтарин нуктае, ки дар оини раҳбарии Сарвари тоҷикон ҳамчун сабк, шеваи барҷаста ва услуби муошират бо мардум ба назар мерасад, ифодаи маъниҳои тақдирсоз бо забони шево, оммафаҳм ва дилчаспу ҷозибадор мебошад. Хиради азалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки тавассути сидқан аз бар намудан ва ба тарзи хастанопазир сайқал додани донишҳои энтсиклопедӣ, такрор ба такрор дар таҷрибаи зиндагӣ санҷидани онҳо исбот гардидааст, мактаби махсуси давлатсозӣ ва раҳбарии муваффақона аст. Онро ҳамчун намунаи пайравии рӯзмарра ва стратегияи давлатдорӣ бояд омӯхт. Қонунмандиҳои аз нестӣ раҳонидан, ҳаст кардан, ба масири тараққиёти устувор расонидан ва ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани як миллати куҳанбунёди бо тақдири фоҷеабор борҳо рӯбарӯшударо барои наслҳои имрӯз ва оянда ҳамчун сабақ манзур сохт» [6, 206 – 207]. «Дар баробари чунин сабки муоширати сиёсӣ, яке аз муҳимтарин шакли муколама – Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намояндагони халқ мебошад. Омӯзиши паёмҳои ҳамасолаи Пешвои миллат нишонгари он аст, ки дар ҳуҷҷатҳои зикргардида вазъияти давлат таҳлил ва арзёбӣ мегардад.

Самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва берунии мамлакат на танҳо дар муддати як сол, балки барои даҳсолаҳои минбаъда коркард ва эълон карда мешаванд» [6, 207].

«Паёмҳои Пешвои миллат хусусияти моҳиятӣ доранд. Дараҷаи алоқамандии диалектикии тамоми бахшҳои низоми сиёсиро бо субъекти марказии ҳокимияти давлатӣ муайян мекунанд. Самаранокии онро тафсир ва баҳогузорӣ менамоянд. Камбудиҳоро ошкор месозанд. Роҳҳои ислоҳи он ва уфуқҳои рушди миллиро дарояндаи наздику дур нишон медиҳанд» [6, 207].

«Бори сеюм буд, ки барои таъйинот ба дафтари кории Сарвари кишвар даъват шуда будам. Ҳар дафъа аз муносибат, кордонӣ ва хирадмандии шахсияте, ки аз хокистари сӯзон мамлакати шукуфон сохтааст, бо таҳаммул ва давлатсолорӣ ҷӯяндаи муваффақи мушкилтарин масъалаҳои дохилӣ ва хориҷии сиёсати мамлакат мебошад, дар шигифт мемондам. Шахсияти одӣ, фурӯтан, хоксор, ниҳоят масъул, иродатманд, ҳамзамон бо ин, бо тамоюли дарки мусоҳиб, иқтидори фитрии муҳокимаронии тахассусмандона дар мавзуи мадди назари давлатдориро медидам. Чунин муносибат ба шахс боварӣ мебахшид. Ӯро барои боз ҳам бо сидқу сафо заҳмат кашидан ҳидоят ва дили ӯро ба кор гарм мекард» [8, 474 – 475].

«Солҳо, мутобиқ ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ, ман Сардори давлатро дар сафарҳо ҳамроҳӣ кардаам. Барои донистан, ӯ на танҳо одамонро ба ҳузури худ мепазирад, балки пеши онҳо меравад, то шахсан ба аҳвол ва кору борашон шинос шавад. Ҳар як сухану амалаш барои он такрорнашаванда ва ҷолиби таваҷҷуҳанд, ки натиҷаи таҳлили таҷрибаи зиндагӣ буда, дарбаргирандаи ниёзҳои рӯзафзун ва тағйирёбандаи талаботи ҷамъиятист» [8, 652].

**Забони модариро ҳомӣ бошад**

«Агар Исмоили Сомонӣ ҳамчун асосгузори аввалин давлати тоҷикон ва ҳомии забон, илм, маърифат, маданият, фарҳангу адаби миллати тоҷик маъруф гашта бошад, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз бузургтарин абармардони таърих аст, ки на танҳо давлати навини тоҷиконро дар шароити ниҳоят мураккаб ва фоҷиабори ҷанги таҳмилии дохилӣ, парокандагии миллӣ, рақобати шадиди геополитикӣ асос гузошт, балки дар роҳи эҳё ва ҳифзи арзишҳои миллӣ – таърих, забони модарӣ, маданият, фарҳанг, фидокориҳои бемисл нишон дод. Бо ибораи дигар, баробар бо наҷоти миллат нақши наҷотбахши забони ӯро низ ба ҷо овард» [5, 7].

«Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ташаббусҳои шахсӣ тавассути Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ ва иқдомоти баробар ба онҳо мақом ва нуфузи забони модариро дар баландтарин поя гузошт. Донистан ва дар фаъолияти расмии давлатдорӣ, муносиботи байналхалқӣ афзалият бахшидан ба онро аз муҳимтарин вазифаҳои хизматчиёни давлатӣ, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кард» [5, 7]. «Дар замони раҳбарӣ – давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон забони тоҷикӣ ба манзалати фарогиру устуворе соҳиб гардид, ки дар тули таърихи чандҳазорсолаи мардуми тоҷик забони модарии мо дар чунин манзалат намеистод ва истода ҳам наметавонист» [5, 7 – 8].

«Дар таҳқиқоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳимтарин масъалаҳои забон ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ, омилҳои иҷтимоии пайдоиш, ташаккул ва рушди забони модарӣ, муносибати забон ба сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг, нақши он дар хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ ва пешрафти ҷомеа, таъмини ваҳдат, амнияти миллӣ, забон ва ҳусни баёни адибони классик ва муосир мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифтаанд» [5, 8].

«Дар афкори муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши фарзандони баору номуси миллат, ки ба ивази ҷони худ забон, фарҳанг, таърих, маданият ва анъанаҳои миллиро ҳифз кардаанд, мақоми хосса дорад. Омӯзиши китобу мақолаҳои илмии Пешвои миллат аз он шаҳодат медиҳанд, ки зуҳуроти камназири таърихӣ – зинда мондани забони тоҷикӣ дар замони истилои араб ва ҳазорсолаи ҳукмронии бегонагон ҳамчун мавзуъ ва ҳадафи илмӣ

муайян шудаанд. Роҳбари давлат дар ин маврид ба ҳамаи саволҳо бо далелҳои эътимодбахш посух медиҳад» [5, 17 – 18].

«Бовар кунонидани халқ ба асолати хеш, эҳсоси масъулияти бузург дар назди таърих, фарҳанг ва тамаддуни гузашта ва арҷгузорӣ ба онҳо аз муҳимтарин вазифаҳое буд, ки Роҳбари давлат онро боисрор ва пайгирона таъкид мекард. Дар ин маврид, забони модарӣ – забони тоҷикӣ нақди барҷастаи яқин барои муътақид кардани мардум ба асолати хеш буд. Ҳамин тариқ, дар таълимоти Пешвои миллат худшиносии миллӣ ҳамчун мафҳуми иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангиву маънавӣ натиҷаи ташаккули ҷаҳонбиниест, ки аз маҷмӯи мураккаби мафҳум ва категорияҳои сохториву функсионалӣ иборат мебошад» [5, 27 – 28].

«Бо қотеияти том изҳор бояд кард, ки дар адабиёти сиёсӣ, таърихӣ ва бадеии имрӯза возеҳтар аз таълимот ва таҷрибаи давлатдории Пешвои миллат, нуктаи назари санҷидашуда ва бо далелҳои илмӣ собитгардида, ки асолати миллӣ ва худшиносии миллиро дар иртибот бо илми забоншиносӣ нишон дода бошад, мавҷуд нест» [5, 29].

«Сарвари кишвар бо истифода аз неруи тавонои забони модарӣ расидан ба умқи хештаншиносӣ ва худшиносиро ба хотири сохтани давлати миллӣ дар асоси арзишҳои волои тамаддуни башарӣ аз муҳимтарин вазифаҳои наслҳои имрӯзу фардои мамлакат меҳисобад. Дар таълимоти Пешвои миллат эҳтиром гузоштан ба забони модарӣ – эҳтиром гузоштан ба Ватан, ба модар, ба миллат, ба фарҳанг ва тамаддуни хеш аст» [5, 30 – 31].

«Пешвои миллат ба мавзуи адабиёти бадеӣ, мундариҷа, моҳият ва забону услуби шоирону нависандагон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад. Маҳз тавассути нишон додани амалҳои ҷонфидоёнаи бузургони миллат мехоҳад, симои ҳақиқии қаҳрамонони худро ба хонанда муаррифӣ намояд. Онҳоро дар муқоиса бо дигарон гузорад. Афзалияти воқеии шахсияти мавриди таҳқиқ қарордодаашро ба оммаи мардум фаҳмонад. Ӯро ҳамчун намунаи олии ватандорӣ, ҷавонмардӣ, муҷассамаи меҳру садоқат ба ормонҳои миллӣ дар муқобили хатарҳои ҷонӣ ба сифати намунаи ибрат пешниҳод кунад. Омӯзиши китоби «Чеҳраҳои мондагор» тасдиқи ин гуфтаҳост» [5, 40].

«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи қудрати забони модарӣ сухан ронда, ба нақши байналмилалии он ишора мекунад. Таъкид месозад, бо вуҷуди он ки забони тоҷикӣ дар таъсири мутақобил бо дигар забонҳои минтақа қарор дошт, ҳувияти функсионалии худро ҳимоя карда тавонист ва бегазанд монд» [5, 47].

«Масъалаҳои забоншиносии тоҷик дар таълимоти Пешвои миллат мавқеи калидӣ доранд. Ӯ таърихи забонро бо таърихи миллат тавъам медонад. Бо далелҳо исбот менамояд, ки чӣ тавр ҳаёти мардум дар ҳаёти забон таҷассум меёбад. Таъкид месозад, ки забони модарии мо аз ду ҷиҳат омӯхта шавад: аз лиҳози таърихиву муқоисавӣ ва фалсафӣ – дар муносибат бо тафаккур» [5, 61].

«Пешвои миллат забони модариро бо беҳтарин сифатҳо тавсиф мекунад. Барҳақ, онро баробар бо номҳои муқаддаси Модар, Ватан, Миллат медонад. Бо далелҳои таърихӣ исбот месозад, забони тоҷикӣ буд, ки аз забони гурӯҳӣ қавмӣ, аз қавмӣ нажодӣ, аз нажодӣ забони халқ ва аз забони халқ забони миллатро ба вуҷуд овард ва билохира омили аслии истиқлоли миллӣ гардид» [5, 62].

«Роҳбари давлат таъкид мекунад, забони модарӣ ягона нишонаест, ки маҳз тавассути он мансубияти инсон ба миллат муайян карда мешавад. Ва то ба имрӯз илм бештар аз ин, далели муътамади мансубияти шахсро ба фардияти инсонӣ, падару модар, сарзамини аҷдодӣ, таърихи пайдоиш, ташаккул ва рушди миллӣ, урфу одати шоистаи дар тули ҳазорсолаҳо шинохташуда надорад» [5, 62].

«Дар таълимоти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон назарияи илман асоснок дар бораи қонунҳои пайдоиш, рушд ва инкишофи забони тоҷикӣ, моҳияти забон ҳамчун воситаи муносиботи ҷамъиятӣ, ифодакунандаи фарҳанг, маданият, маънавиёт ва таърихи миллат, нақши забон дар истиқлоли давлатӣ, роҳу усулҳо ва воситаҳои ҳифз кардан, инкишоф

додан, ба забони воқеан умумиллӣ ва посухгӯ ба кулли ниёзҳои умумихалқӣ мубаддал кардани он нишон дода шудаанд» [5, 64].

«Дар таълимоти Пешвои миллат забон ҳамчун падидаи нодири ҷамъиятӣ ва натиҷаи ҷараёни таърихии шаклгирии миллати тоҷик тавсиф мегардад» [1, 34].

«Пешвои миллат дар алоқамандӣ бо бузургӣ ва тавонмандиҳои забони тоҷикӣ решаҳои қадимии онро хотиррасон карда, ҷанбаҳои амиқи таърихӣ доштан, воситаи асосии ба ин лафз нигоштани бузургтарин шоҳасарҳои ҷаҳониро аз ҷониби фарзандони барӯманди халқи мо бо ифтихор таъкид менамояд» [1, 36].

«Сарвари давлат дар масъалаи омӯхтан, ҳифз кардани таркиби луғавӣ, сохти грамматикӣ, системаи фонетикии забони тоҷикӣ, тибқи меъёрҳои забони адабии ҳозира нигоҳ доштани забони модарӣ кӯшишҳои мунтазам ва муассир ба харҷ медиҳад» [1, 38].

«Сарвари давлат бо такя ба маъхазҳои илмӣ, дар бораи ҷойгоҳи таърихии забони тоҷикӣ сухан ронда, хотиррасон месозад, ки бо вуҷуди мушкилоти сиёсӣ, гузаштагони мо дар тули асрҳо бузургтарин асарҳои илмӣ, бадеӣ, ҳамосаҳои сатҳи ҷаҳониро маҳз ба ҳамин забон офаридаанд. Бо захираи бойи луғавӣ, қудрати маъноӣ, дараҷаи суфтагии грамматикӣ, таровиши гуворои лафзӣ он аз марзҳои Осиёи Шарқӣ ва Ҳимолой то соҳили баҳри Миёназамин – нақши байналмилалӣ дошт. Забони мукотиба ва муоширати қавму миллатҳо буд» [1, 38].

«Роҳбари давлат дар сатҳи аъло донистани забони давлатиро вазифаи ҳар шаҳрванд мешуморад. Дар баробари ин, донистани забонҳои хориҷӣ ва воситаҳои техникии истифодаи онҳоро дар ҳаёти имрӯза шарти зиндагии муваффақона меҳисобад» [1, 39].

«Истилоҳоти «Ватан», «миллат», «забони модарӣ», масъулият дар назди таърих, яъне эмин нигоҳ доштани ин арзишҳо ва гузоштани саҳми босазо дар рушду тараққии онҳо аз ҷониби насли имрӯза ва оянда аз ҳидоятҳои аслии Сарвари давлат мебошанд» [1, 40].

«Сарвари давлат дар асарҳояш нобиғаҳои миллати хешро, ки бо тамоми имконот дар ҳифзу густариши забони модарӣ ва ҳувияти миллӣ корнамоиҳо кардаанд, бо некӣ ёдовар мешавад. Доир ба асосгузори адабиёти классикии тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳамчун мубориз дар роҳи истиқлолияти адабиёти тоҷик бо ифтихор сухан мегӯяд» [1, 41-42].

«Сарвари давлат умри миллатро ба умри забон вобаста медонад. Онро чароғи раҳнамои худшиносиву худафрӯзӣ меҳисобад. Ҳифзи забони модарӣ, аз насл ба насл мерос мондани онро вазифаи муқаддаси соҳибзабонон мешуморад» [1, 42].

«Маҳз бо ташаббус, ҳидоят ва дастгирии Роҳбари давлат масъалаи дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат истифода бурдани меъёрҳои адабии забони давлатӣ роҳандозӣ гаштааст. Фарогирии истилоҳоти мураккаби илмиву техникӣ, эҷоди асарҳои сирф илмӣ бо забони тоҷикӣ имконоти луғавӣ ва мавқеи истифодаи забони модариро боз ҳам васеътар мегардонад» [1, 43].

«Пешвои миллат дар баробари ғамхорӣ нисбат ба забони давлатӣ ба омӯзиш ва рушди забони миллатҳое, ки дар Тоҷикистон зиндагонӣ мекунанд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, онҳоро «миллатҳои бародар» ном мебарад» [1, 44].

«... маъниофаринӣ, сухандонӣ ва санъати суханварии Сарвари давлат ҳамсони шахсияти ин инсони воқеан таърихӣ, бесобиқа ва нотакрор аст. Агар устод Садриддин Айнӣ, ҳамчун алломаи даврон, бо амиқ донистани нозукиҳои адабиёти беш аз ҳазорсола ва нақди забони зиндаи гуфтугӯӣ аз созандагони забони адабии ҳозираи тоҷик бошад, Пешвои миллат бо эҷоди асарҳои илмӣ, муҳимтар аз ҳама, истифодаи олимонаи забони модарӣ онро машҳур ва ҷаҳонӣ гардонд» [1, 61 – 62].

**Рушди фард дар илм ҳасту маърифат**

«Асосгузори давлати тоҷикон, ки бо дастони худ аз хокистар шуъла офарида, сарзамини кӯҳистони худро бо нури он мунаввар сохтааст, тавассути таҳқиқоташ худро

бузургтарин донандаи таърихи миллат, омилҳои бурду бохт, садоқату хиёнат, рушду рукуди миллӣ муаррифӣ кардааст» [1, 40].

«Дар асарҳои Пешвои миллат ҷаҳонбинии сиёсии ҷомеа мавқеи калидӣ дорад. Ба хотири он ки ин навъи шуур дар шароити муайяни иҷтимоӣ шакл мегирад ва нақши худро ҳамчун фарҳанги сиёсӣ ба намоиш мегузорад. Аз ин лиҳоз, ҷаҳонбинии сиёсӣ аҳаммияти рӯзмарраи амалӣ дорад» [1, 28].

«Сардори давлат ба маърифатнокӣ, тахассусмандӣ, маънавиёти ба манфиатҳои миллӣ созгор, яъне дараҷаи сифатии миллат таваҷҷуҳи бузург зоҳир мекунад. Ин хосиятро дар чаҳорчӯбаи муносибат ва муқоиса бо равандҳо ва рақобатҳои мураккаби ҷаҳони муосир мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Бар он аст, ки муаррифгари миллат – ақл, заковат ва дараҷаи маърифатнокии ӯст, на шумораи аҳолӣ ва захираҳои табиии мамлакат» [1, 46].

«Дар ҳидоятҳои Сарвари давлат таълим ҳамчун қисмати ҷудоинопазири тарбия тафсир мегардад. Меафзояд, ки падару модар, мактаб дар зеҳни ҷавонон ҳисси худшиносиву худогоҳӣ, ахлоқи ҳамида, эҳтироми калонсолон, падару модар зарурати омӯзиши илму донишро ҷой кунанд» [1, 47].

«Сарвари давлат даъват мекунад, ки дар баробари омӯхтани осори адибони бузург, ба илмҳои дақиқ ва ҷомеашиносӣ таваҷҷуҳи зарурӣ дода шавад. Онҳоро ҳамчун илми мафкурасоз арзёбӣ мекунад. Хотиррасон месозад, ки омӯзонидани таърих, адабиёт, илмҳои ҷамъиятӣ барои баланд бардоштани сатҳи маънавиёти ҷавонон хизмати босамар мекунанд. Дар ҷодаи ташаккули шахсият, аз худ кардани арзишҳо, самтгирӣ дар роҳи тайкардаи абармардони миллат, тибқи принсипҳои ватандорӣ, ватанпарастӣ ва манфиатҳои миллӣ зиндагӣ кардан ҳидоят менамояд» [1, 49].

«Сарвари кишвар воқеиятро дарк карда, таъкид менамояд, ки имконоти тараққиёт ва пешрафти Тоҷикистон танҳо дар канданиҳои фоиданок ва мавқеи ҷуғрофиёии он нест. Аз захираҳои маънавӣ, ақл, фаросат, дониш, тахассусмандӣ ва дараҷаи рушди илму маърифат – захираҳои инсонӣ, иродатмандии саросарии миллӣ вобастагӣ дорад» [8, 653].

«Роҳбари давлат ба хирад ва касбият чун муҳимтарин воситаҳои истеҳсолот ва такомули давлатдории миллӣ муносибат мекунад. Неруи аслии инсонро на дар мавҷудияти одии ҷисмонӣ, балки дар моҳияти ҷаҳонбинӣ ва руҳи ӯ ба инобат мегирад. Баҳо мегузорад. **Борҳо ман шоҳиди он будам, таъкид мекард, ки ягона маҳаки шинохти инсон – дарки манфиатҳои миллӣ, мувофиқати кору амали ӯ дар лаҳзаҳои барои давлат ҳалкунанда ва ҳаётан муҳим аён мегардад. На дар сухан ва шиорпардозӣ»** [8, 653 – 654].

**Номи миллат ҷовидон бо номи ӯст**

«Аз он дастовардҳое, ки миллати тоҷик дар муддати се даҳсолаи ахир ба даст овард: оташи ҷангро хомӯш ва миллатро сарҷамъ кард. Давлати миллиро асос гузошт. Онро бунёд кард. Иқтисодиёти мамлакатро барқарор ва кишварро сарсабзу ободу намуд. Тоҷи гумшудаи тоҷикро бозгардонд. Миллатро дар ҷаҳон ифтихорманд кард. Кишварро ба Ватани Адолат ва Сулҳу Амният табдил дод. Инҳо намунаи корнамоиҳои бемисли Қаҳрамони миллии мардуми тоҷик мебошанд» [2, 18 – 19].

«Даст болои сина иқрор бояд гашт: ин тухфаи осмонӣ набуд ва нест. Ҷонбозиҳо, сарсупурдагӣ, матонат, ҷасорат, рӯинтанӣ ва дар набардҳои бисёр вақт нобаробар ба майдон баромада ҷоннисориҳо кардан, садҳо бор бо хасм рӯ ба рӯ гаштан ва пирӯз омадани Шахсияти бузург – фарзанди миллати тоҷик аст. Аз оне ҳам, ки ин Абармарди таърих бо фурӯтании ҷавонмардона дастовардҳоро мансуби миллати бузургаш медонад, ҳақиқат ҳаст. Ҷасорат, Мардонагӣ, бахри хушбахтии Миллат худро дар обу оташ андохтан, ҳамчун намуна, падидаи беназири миллӣ дар симои як Фард, ба миллат ва андешаи миллӣ бетаъсир намонд. **Мардум дар атрофи Ӯ ҷамъ омаданд. Домони Ӯро гирифтанд. Бо Ӯ ҳамсаф шуданд. Пайравӣ карданд. Ва пирӯз гаштанд»** [2, 19].

«... сарфи назар аз он ки дар минтақаи бузург забону адаби мардуми тоҷик мавриди эътирофу истифода қарор гирифта буд, номбар кардан, ҳамчун намунаи волои рафтори

ҷамъиятӣ ҷилвагар намудани қаҳрамонони миллии тоҷик ба манфиати доираҳои сиёсии роҳбарони давру замон набуд. Пешвои бузурги миллат эҳёгари корномаи миллати хеш, ба хотири намунагузории рафтори ватанпарастонаи ин бузургон дар назди халқу миллат мебошад» [3, 303].

«Иқдоми ҷавонмардонаи Пешвои миллат барои эълони соли бузургдошти Имоми Аъзам, ҳамчун чеҳраи баргузидаи миллӣ, аз ҷасорати ин пири тариқат барои ҳимояи забони модарӣ, ҳувият ва асолати миллии тоҷикон сарчашма мегирад. Маводи таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки ӯ бо дониш, ақлу заковат, далерӣ ва матонат ғосибонро маҷбур кард то бо эътироф кардани забон ба миллаташ низ эҳтиром гузоранд. Маҳз бо чунин сифатҳо забон ҳамчун организми зинда ва субъекти муносибот шинохта мешавад» [5, 5 – 6].

«Хосияти гениалии инсон аст, ки меҳнати пурмашаққат ва тафаккури нерумандро ба самти муайян сафарбар намояд» (И. Нютон). Чунин тафсирро метавон ҳамчун намунаи ҳидояткунандаи сифатҳои олии ватанпарастонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хотиррасон намуд, ба ин равшангари орзуву ормонҳои ҳазорсолаи халқи тоҷик дар кору пайкор содиқона пайравӣ кард ва аз насл ба насл чун руҳи шикастнопазири миллӣ пайғом расонид» [5, 68].

«Дар тамоми давраҳои мавҷудияти давлатдории миллати тоҷик, аз ҷумла, дар таърихи асрҳои миёна, таърихи нав, таърихи навтарин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ягона шахсияти эътирофшуда − раҳбарест, ки қавитарин робитаро бо мардум доштаву дорад» [6, 206].

«Ҳамасрони мо гувоҳи онанд, ки Сарвари давлат, новобаста аз мавқеи ҷуғрофиёӣ, хатарнокии масир ва шароити ниҳоят сахту номусоиди иқлим, борҳо ба дурдасттарин деҳа, ҷамоат, ноҳия – манзили сокинони мамлакат ташриф оварда, бо зиндагӣ, ҳолу аҳвол, кору бори мардумони касбу ҳунари гуногун шинос шудааст. Бо онҳо вохӯрӣ ва суҳбату мулоқотҳо доир намудааст» [6, 206].

«Пешвои муаззами миллат даҳҳо, садҳо маротиба дар нишасту анҷуманҳои муътабар, сатҳи баландтарин ва суҳбатҳо бо миллати миннатпазири хеш, аз бузургвории қаҳрамонони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ, аллома Бобоҷон Ғафуров ва дигар фарзандони сарсупурдаи ин миллат боифтихор мисолҳо меоварад. Аз корнамоиҳои онон бо эҳсоси баланди ватанхоҳона, ҳамчун намунаи асили рафтори фидокорона ба хотири тоҷикон ва ин сарзамин ёдовар мешавад. Тамоми мардуми Тоҷикистонро ба пайравӣ аз кору пайкори онон даъват менамояд.

**Аммо мардум медид ва мебинад, ки худи Қаҳрамони миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳар лаҳзаву ҳар рӯз даҳҳо ва садҳо чунин қаҳрамониҳо кардааст ва мекунад»** [6, 252 – 253].

«Бо ҷашн гирифтани 1100 - солагии давлати Сомониён (соли 1999), эълони Соли тамаддуни Ориёӣ (соли 2006), навиштани асарҳои «Тоҷикон дар оинаи таърих» (1996, 2002, 2006), «Чеҳраҳои мондагор» (2016) ва чандин таълифоти илмӣ – таърихӣ, сохтмони иншоотҳои бунёдии аср Пешвои муаззами миллати тоҷик худро ҳамчун эҳёгари анъана, суннат ва азамати ниёкон, зиндакунандаи маънавиёти Зардушт, Курушу Доро, раҳбари забардаст, масъулиятшинос ва худогоҳ, бунёдгузори таърихи навини миллати тоҷик муаррифӣ намуд ва мардумро ба истифода аз ин ганҷи бепоён, санадҳои худшиносиву меҳанпарастӣ, истиқлолхоҳиву меҳанпарастӣ даъват кард. Яъне Сарвари давлати тоҷикон амалеро, ки дар доираи тавони як раҳбари камназир ва ватанпарвари таърихофарин аст, иҷро намуд» [7, 29].

«Бояд эътироф намуд, ки Роҳбари давлат ҳангоми баррасӣ, таҳлил ва арзёбии маълумот дараҷаи баланди истеъдоди фитрӣ, тавони расидан ба моҳияти масъала, дарк кардани тазоде, ки аз аломатҳои зоҳирии маълумот ба қонунмандӣ ва умқи падидаи ҷолиби таваҷҷуҳ мебарад, муносибат мекунад» [7, 658].

«Хирад ва таҳаммулпазирии Роҳбари давлат бо вуҷуди серталабӣ, дар муносибат бо аъзои Ҳукумат, роҳбарони дараҷаҳои гуногуни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, дар лаҳзаҳои ҳассос, мураккаб ва гоҳо нобарории иҷрои вазифаҳои хизматӣ, барои ҳама гуна сатҳҳои мақомот намунаи барҷастаи омӯзиш, таҷрибаандӯзӣ, арзёбӣ ва хулосабарорӣ аст» [7, 658].

**«Дар бораи роҳ, усул, маърифат, назокат, муошират ва фарҳанги волои идории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон месазад тадқиқоти тахассусмандонаи академии шоистаи илмӣ ба анҷом расад. Ва он ҳамчун мактаби раҳбарии давлатдории миллии намунаи ибрат, мавриди истифодаи наслҳо қарор гирад»** [7, 658].

**Маорифро бақои миллату давлат бидонад**

«Барои таҳкими истиқлолият ва таҳкурсии давлат Пешвои миллат нақши тамоми қишрҳои зиёиро муҳим мешуморад. Ба олимон, шоирон, нависандагон, муаллимони мактабҳои олӣ, миёна, журналистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад. Чун дар замони муосир эҷоди корҳои илмӣ, адабӣ, бадеӣ ва публитсистӣ ҳамаро фарогир шудааст, Сарвари давлат бо эҳтиром ва назокати баланд ҳидоят менамояд: он намунаеро бояд эҷод ва ба хонанда (бинанда, шунаванда) пешниҳод кард, ки давлатдории миллии мо ба он ниёз дошта бошад. Дармони дарди ҷомеа бошад. Зиндагии воқеиро, инсонро такмил диҳад. Ба осонии рӯзгор мусоидат намояд» [1, 56].

«Замони Истиқлол, сарфи назар аз мушкилоти ниҳоят сангини ба таври сунъӣ эҷодгашта, бо кӯшишу эҳтимоми бемисли Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давраи воқеан таърихии рушди мактабу маориф, мукаммалгардонии инфрасохтори соҳа маҳсуб мегардад. Замони шӯравӣ бо ҳазорон афзалияти воқеӣ дар риштаи маориф, чунин собиқаи тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои давлатдории миллиро дар дохил ва хориҷи мамлакат надошт. Дошта ҳам наметавонист. Таъкиди ҳамарӯзаи Сарвари давлат, ки илм, маориф, касбомӯзӣ, ягона воситаи раҳоии миллати тоҷик аз мушкилоти рӯзмарраи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии имрӯзу оянда мебошанд, ба дилу дидаи мардум ҷо гаштааст» [3, 301 – 302]. «Бузургии Пешвои муаззам, хиради волои созанда ва ғамхор ба тақдири неки имрӯзуояндаи миллат мебошад, ки мактаб, донишгоҳ, муассисаҳои илмиро пояи асосии давлатдории миллӣ эълон намудааст» [6, 219 – 220].

«Роҳбари давлат вазифагузорӣ мекунад, ки ҳар фард аз калима ва ибораҳои «миллат», «таърихи ташаккул ва рушди миллӣ», «андешаи миллӣ», «асолати миллӣ», «ҳувияти миллӣ», «истиқлоли миллӣ», «ватандориву ватанпарастӣ», «ифтихори ватандорӣ», «арзишҳои таърихиву фарҳангӣ, илмиву маданӣ», «урфу одат ва анъанаҳои миллӣ», «тафаккури таърихии миллӣ», «дифоъ аз фарҳангу тамаддуни миллӣ», «худогоҳӣ», «таҳкими ваҳдату ягонагии миллӣ», «бунёдкорӣ» ва монанди инҳо бояд баҳравар бошад. Онҳоро фаҳмад. Дарк намояд. Тафсир карда тавонад. Дар рафтори иҷтимоии худ амалӣ созад» [5, 28].

«Хизмати таърихии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ − Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумла иборат аз он аст, ки дар баробари таъсис додани давлати миллӣ, барқарор кардан ва таъмин намудани рушди устувори иқтисодиёти мамлакат, ба инкишофи илм, маориф ва фарҳанг низ асос гузошт» [5, 65].

«Ворид кардани таълимоти Пешвои миллат дар соҳаи забоншиносии тоҷик, таҳқиқоти илмӣ дар соҳаҳои таърих ва фалсафа, ғояҳои марказии адабиёти бадеӣ, мантиқи китобҳои дарсӣ – маънои ворид кардани низоми арзишҳои миллӣ, маънавиёти хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ ба хотири тарбияи одам дар рӯҳияи тоҷикият, ватанпарастӣ, ҳимояи сохти давлатдорӣ ва амнияти миллӣ мебошад» [5, 68].

**Низоми иқтисодӣ тарҳ бинҳод**

«Маълум аст, ки маҳз тавассути кӯшишҳои шабонарӯзии Қаҳрамони миллии мо фаъолияти низоми иқтисодии мамлакат эҳё гашт. Рушди бемайлони он таъмин гардид.

Симои шаҳру деҳот ба куллӣ тағйир пазируфт. Ба ибораи дигар, Сарвари давлат иҷрои бузургтарин уҳдадориҳоеро, ки ба дӯши худ гирифта буд, таъмин намуд» [1, 53 – 54].

«Маълум аст, ки муҳимтарин масъалаи ҷаҳони мутамаддину пешрафта ва яке аз омилҳои аслии рушду тараққии он таъмини аввалиндараҷаи озодии иқтисодӣ мебошад. Гардиши озоди қувваи корӣ, мол, пул ва хизматрасонӣ хусусиятҳои дохилӣ ва берунӣ – минтақавӣ ва глобалӣ дорад. Кӯшиш ва натиҷаи самараноки сиёсатҳои собитқадамонаи Сарвари давлат доир ба самтҳои муҳимми ба якдигар алоқаманд шароитро барои рушду нумӯи иқтисодиёти мамлакат фароҳам овард» [6, 213].

«Яке аз нишонаҳои хирадмандии Роҳбари давлат ҷиддан ба инобат гирифтани пешомадҳои фавқулода ва ғайриинтизори иқтисодӣ, иҷтимоии дохилӣ ва омилҳои берунии хосияти табиӣ ва геополитикидошта маҳсуб мегардад.

Муносибати Сарвари давлат дар ин маврид, аз дидгоҳи диалектикӣ бархӯрдор аст. Ӯ ба воқеият аз мавқеъ ва вусъати тағйирёбӣ, дигаргуншавӣ, инчунин, эҳтимоли таъсиррасонӣ ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон менигарад. Ба ақидаи ӯ, инсон дар ҷаҳони бесарусомонӣ ва пешгӯинашаванда, бояд низоме коркард ва роҳандозӣ кунад, ки манфиатҳои миллат ва давлатро ҳимоя карда тавонад. Ҷомеаро дар ҳолати рушд ва ҷавобгӯ ба талаби замон нигоҳ дорад» [8, 651].

**Сарвари доно ва ба гуфтан далеру тавоно**

«Муколамаи Пешвои миллат дар самти муносиботи байналмилалӣ, расидан ба моҳияти масъалаҳои мавриди муҳокимаи тарафайн, бо навъи аҳсант ҳимоя намудан ва пеш бурдани манфиатҳои миллӣ − мактаби бузурги дипломатияи тоҷик мебошад. Ин ҳама афзалиятҳо ба қавли Абулқосими Фирдавсӣ аз сифатҳои бузурги «доно ва ба гуфтан далеру тавоно будан»-и Сарвари давлат шаҳодат медиҳанд» [5, 66]. «Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон самтҳои асосии сиёсати хориҷии давлати Тоҷикистонро нисбат ба Шоҳигарии Белгия, Иттиҳоди Аврупо, ЮНЕСКО як-як бо таҳлили масъулияти намояндагӣ тафсир намуд. Баҳогузорӣ кард. Дар охир супоришҳои мушаххас дод. Ман мисли ҳамешагӣ ба масъулиятшиносӣ ва касбияти устодонаи Роҳбари давлат – бо ҷузъиёт донистани нозукиҳои дипломатӣ дар самтҳои асосии сиёсати хориҷии мамлакат, сарчашмаҳои ҳуқуқии муносиботи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо мамолики Аврупо, дафъатан, сари таъзим фуруд овардам» [8, 474 – 475].

***

**«Воқеият шаҳодат аз он медиҳад, ки дар муқоиса бо дигар роҳнавардони сиёсӣ, ки таърих ёд дорад, рӯинтани аслии миллат ва давлатофарини тоҷикон дар ҳазор соли ахир Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Дар байни бузургтарин қаҳрамонони асарҳои илмӣ – таърихӣ, симои Пешвои миллат ифтихори ҳамасрони ӯст. Ҳамчунон, намунаи пайравӣ ва меҳроби давлатдории миллӣ барои ҳазорсолаҳост»** [3, 306].

**АДАБИЁТ:**


1. Ятимов.С.С. Асарҳо. Ҷилди 5. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019.
2. Ятимов.С.С. Асарҳо. Ҷилди 6. Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 328 с.
3. Ятимов.С.С. Асарҳо. Ҷилди 8. Достони ҷавонмардӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019.
4. Ятимов.С.С. Асарҳо. Ҷилди 8. Аристотел: давлат ва сиёсат. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 504 с.
5. Ятимов.С.С. Асарҳо. Ҷилди 11. Қисми I. Масъалаҳои забоншиносии миллӣ дар таълимоти Пешвои миллат. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 384 с.
6. Ятимов.С.С. Асарҳо. Ҷилди 11. Қисми II. Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди маърифат. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020.
7. Ятимов.С.С. Асарҳо. Ҷилди 12. Эҳёи миллат – бақои давлат. – Хуҷанд: Ношир, 2024. – 344 с.
8. Ятимов.С.С. Ёддоштҳо. Қисми II. – Душанбе: Эко принт, 2024. – 704 с.
9. Ятимов.С.С. «Ҷумҳурият», № 141-142 (25 257), 22 июли соли 2025

ТДУ 321.01:342.4(575.3)

# КОНСТИТУТСИЯ КАФОЛАТИ РУШДИ ДУНЯВИЯТИ ҶОМЕА ДАР ТОҶИКИСТОН

**МИРЗОЕВ Ғ.Ҷ[1].**
**КАРИМОВ П.Д[2].**

*[1]Доктори илмҳои фалсафа, мудири шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*
*[2]Унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақола муаллифон доир ба шароити пурҳаводиси имрӯза ҳимояи неъмати барои ҳар як шаҳрванд бузургтарину муқаддас истиқлолу озодӣ ва аҳаммияти таърихии он дар раванди ташаккули давлатдории навин диққати аввалиндараҷа равона намудаанд. Муҳиммияти истиқлоли сиёсӣ ва нигаҳдошти он барои наслҳои оянда аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ ба таври васеъ ишора гардида, оид ба таъмини бехатарии давлат ва шаҳрвандони он баҳри сохтани давлати дунявӣ, далелҳои методологӣ оварда шудааст. Муаллифон кӯшиш ба харҷ додаанд, ки арзишҳои ҳимояи якпорчагӣ ва муттаҳидии ҷомеаро нишон диҳанд. Аз ҷумла, зикр гардидааст, ки аз ҳар яки мо барои таъмини мустақилият саъю талош ва кӯшишу ғайрати шабонарӯзӣ, нангу номуси миллӣ, заҳмати содиқонаву фидокорона ва муҳимтар аз ҳама, иттиҳоду сарҷамъиро тақозо мебояд.*

**Калидвожаҳо:** *давлат, давлати дунявӣ, арзиши таърихии истиқлол, конститутсия, иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, демократия, миллати тоҷик, ҷашнҳои миллӣ, фарҳанг, маданияти миллӣ, дин.*

# КОНСТИТУЦИЯ ГАРАНТИЯ ПРОЦВЕТАНИЯ СВЕТСКОГО ОБЩЕСТВА В ТАДЖИКИСТАНЕ

**МИРЗОЕВ Г.ДЖ[1].**
**КАРИМОВ П.Д[2].**

*[1]Доктор философских наук, руководитель истории философии Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*
*[2]Соискатель Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*В статье авторы рассуждают о защите величайшего и священного блага для каждого добропорядочного гражданина – независимости и свободы в нынешних условиях хаоса и беспорядка, о важности и значении ряда проблем и пути их решения с научной точки зрения, а также о реализации мер по обеспечению безопасности государства, общества и его граждан для создания светского государства. Изложено что защита независимости требует от каждого из нас ежедневных усилий, стараний и усердия, национального самосознания и славы, преданного, бескорыстного труда и самое главное единства и сплоченности.*

**Ключевые слова:** *государство, светское государство, историческая ценность независимости, конституция, 16-я историческая сессия Верховного Совета Респулики Таджикистан, демократия, таджикская нация, национальные праздники, цивилизация, национальная культура, религия.*

# CONSTITUTION IN A GARANT OF PROSPERITY OF SECULAR SOCIETY IN TAJIKISTAN

**MIRZOEV G.G[1].**
**KARIMOV P.D[2].**
*[1]Doctor of Philosophical science of the Institute of phylosophy, politician and jurisprudence by name A.Bahoviddinov of National Academy of Science of Tajikistan*
*[2]Applicant of the Institute of phylosophy, politician and jurisprudence by name A.Bahoviddinov of National Academy of Science of Tajikistan*

*In the article the author notes concerning the protection of prosperity for every honest person the greatest sacred-independence and freedom, the meaning and importance of collection of the number of difficulties and the ways of their solving from the scientific point of view and also the implementatition of measures related to insuring state security, society and its citizens for construction secular state. He tries to show the protection of independence- invaluable jewel from every of us wants tring and fighting of the round-the-clock, national honour, honest and devotedly anxiety and the most important unity and gathering.*

**Keywords:** *state, secular state, the historical value of independence, constitution, the 16$^{th}$ historical session of AF Republic of Tajikistan, democracy, Tajik nation, national holidays,culture, national civilization, religion.*

Дар таърихи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, як воқеаи бузургтарини таърихӣ ба ҳисоб меравад. Зеро, дар ин давра халқи Тоҷикистон роҳи соҳибихтиёриро пеш гирифта, ба манфиати демократия ва сохти давлатдории дунявӣ интихоби комилан дуруст ва одилона кард.

Изҳороти Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати 12) 9 сентябри соли 1991 қабул гардид, санади таърихӣ ба ҳисоб мерафт. Асоси ҳуқуқии соҳибихтиёрии комил, ин матни асосии он буд, ки чунин омадааст: «Бо назардошти дигаргуниҳои инқилобӣ дар ИҶШС, бо дарназардошти хоҳиши ҷумҳуриҳои соҳибихтиёр, ки дар ҳайати он буданд, дар мавриди барқарор намудани муносибатҳо тибқи Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 24 августи соли 1990 эълон шуда буд, Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолият эълон мекунад». ҶШС Тоҷикистон ба сифати субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ, ки дар Эъломияи соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, дар сессияи дуюми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон санаи 24 августи соли 1990 қабул шуда буд, ба фаъолият шурӯъ кард [1, 47].

Дар баробари давлати соҳибихтиёру соҳибистиқлол эълон шудани Тоҷикистон қадамҳои аввалини истиқлолияти сиёсӣ ва иқтисодӣ гузошта шуданд. Рамзҳои давлатии Тоҷикистон: Парчам, Нишон ва Суруди миллии Тоҷикистон қабул шуданд. Ҳадафҳо, стратегияҳо ва барномаҳои дурнамои рушди минбаъдаи давлатдории миллии Тоҷикистон-бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба ҳисоб меравaнд, ки принсипҳои бунёдии онро ташкил медиҳад. Дар як муддати кутоҳ барои таҳия ва қабули Конститутсияи нави Тоҷикистон, такмили минбаъдаи дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии ҳаёти кишвар заминаи ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуд. Бинобар он, ки Конститутсия санади бунёдии сиёсию ҳуқуқӣ буда, асосҳои сохти конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ифода намуда, шакли давлат ва ҳокимияти онро муайян мекунад, аз ин лиҳоз, онро қонуни асосии мамлакат ном ниҳодаанд.

Аз рӯзҳои аввали истиқлоли давлатӣ бо СММ робитаҳои мунтазам барқарор шуданд. Қарор дар бораи қабули Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Созмони Милали Муттаҳид 2 марти соли 1992 дар иҷлосияи 46-уми Маҷмааи умумии созмони мазкур

қабул шуда буд. Саҳми сиёсии ин Созмон дар рушди пас аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандии Тоҷикистон дар гузариши бемайлони давлат ва ҷомеа аз вазъи низоъ ва ташаннуҷ ба сулҳу субот нақши муҳим бозид. СММ дар раванди ҳифзи сулҳ, таъсиси институтҳои демократӣ ва барқарорсозии иқтисодиёт фаъолона иштирок кард.

Солҳои аввали истиқлол барои Тоҷикистон дар таърихи ташаккули он ҳамчун давлати соҳибихтиёр давраи душвортарин ба ҳисоб мерафт. Шикаста шудани робитаҳои байниқтисодӣ ва тезутунд шудани зуҳуроти бӯҳронӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, набудани Артиши миллӣ, ки дар натиҷаи муқовимати мусаллаҳонаи фоҷиавӣ шадидтар гардид, барои рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон оқибатҳои вазнин ба бор овард.

Сарфи назар аз вазъи душвори ҳарбию сиёсӣ Тоҷикистон дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX самтҳои асосии сиёсати хориҷии худро комилан дуруст муайян кард. Дар оғози истиқлол, шуруъ аз соли 1993, 12 созмони байналмилалӣ, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Хазинаи Байналмилалии Асъор, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд, дар соли 1994 8 созмони байналмилалӣ, соли 1995 2 созмон ва дар соли 1996 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 ташкилот ва зиёда аз он намояндагиҳои худро таъсис дода ва ба фаъолият оғоз намуданд.

Дар солҳои истиқлоли давлатӣ Тоҷикистонро 180 кишвари ҷаҳон ба расмият шинохт ва бо 178 давлат равобити дипломатӣ барқарор шуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон узви фаъоли 51 созмони бонуфуз, аз ҷумла созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, инчунин институтҳои молиявии байналмилалӣ мебошад. Тоҷикистон заминаи сиёсати дохилию хориҷии худро бо эътирофи санадҳои асосии муносибатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, Санади ҷамъбастии Ҳелсинки, Паймони Париж ва дигар санадҳо мегузорад. Дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ–Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои тахассусии он, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони ҳамкории исломӣ ва ғайра мавқеи хосаеро ишғол менамояд.

Ҳамкории мутақобилан судманд Тоҷикистонро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуда, ба барқароршавӣ ва рушди ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии кишвар мусоидат намуд.

Воқеаи муҳим дар ҳаёти тоҷикон аз замони эълони соҳибихтиёрии миллӣ-давлатӣ додани мақоми расмӣ ба ҷашни Наврӯз дар соли 1992 буд. Ин як амали эҳёи анъанаҳои асили мардумӣ ва расму оинҳои қадимии мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад. Ба мардуми Тоҷикистон имкон дода шуд, ки ҷашнҳои Наврӯз, Сада, Меҳргон, Тиргонро, ки аз қадимулайём миёни тоҷикон васеъ ҷашн гирифта мешуданд ва таърихи беш аз 6000 сола доранд, таҷлил кунанд. Дар ҷумҳурӣ қариб ҳамаи расму оинҳои бо идҳои таърихӣ алоқаманд пурра барқарор карда шуданд.

Таҳлили рафти иҷрои ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ дар Тоҷикистон дар солҳои соҳибихтиёрӣ нишон медиҳад, ки дар давраи гузашта барои демократикунонии ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, ташаккули асосҳои иқтисоди бозаргонӣ ва инкишофи минбаъдаи муваффақиятноки ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлати сохибихтиёр заминаҳо ба вуҷуд оварда шуданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати комилҳуқуқи соҳибистиқлол, инчунин субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ ва узви ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳонӣ,татбиқи стратегияи санҷидашудаи хориҷии худро бо дарназардошти афзалиятҳо ва манфиатҳои олии миллии кишвар муайян намуд.

Дар дар ташаккули соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ маҳз, қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи ноябри соли 1994, имконият фароҳам овард, ки вазъи ҷамъиятию сиёсии кишвар ба эътидол омада, сулҳу ваҳдати фарогир миёни

қишрҳои мухталиф ба вуҷуд оварда шавад. Дар дохил ислоҳоти воқеии соҳаи иқтисодӣ оғоз гардад. Дар амалишавии он бевосита нақши Конститутсия зиёд аст. Зеро, иродаи халқ дар он таҷассум ёфтааст.

Мардуми кишвар дар раъйпурсии умумихалқӣ Қонуни асосии нави хешро қабул карда, Президенти ҷумҳуриро озодона интихоб намуданд. Дар таърихи тараққиёти мамлакат саҳифаи нав кушода шуд. Барои сохтмони ҷамъияти демократию дунявӣ заминаи мустаҳкам фароҳам омад. Ба ибораи дигар, дар Тоҷикистон роҳи таҳкими минбаъдаи пояҳои рушди осоиштаи демократӣ ва бунёди давлати дунявию ҳуқуқбунёд ба принсипҳои иқтисоди бозоргонӣ боз гардид.

Конститутсия дар як вақт ҳамчун Қонуни асосии ҷомеа амал мекунад, ки нишонаи давлатдорӣ буда, аз ҷониби мардум қабул шуда, ҳудуди ҳокимияти давлатиро муайян намуда, рушди дунявияти ҷомеаро кафолат медиҳад. Дар он принсипи волоияти қонун пурра ҳукмфармост. Он ягонагии дохилии меъёрҳои низоми ҳуқуқии миллӣ ва робитаҳои муассири ҳуқуқиро бо низомҳои ҳуқуқии хориҷӣ таъмин намуда, ҳамчун асоси меъёрии тамоми қонунгузорӣ хизмат мекунад. Дар он, дар баробари принсипи волоияти ҳуқуқ, принсипи давлати дунявӣ низ бартарии калон дорад.

Конститутсия ҳамчун сарчашмаи сиёсию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурият, сохти ҷамъиятию давлатии он, муносибатҳо ва ваколатҳои мақомоти олӣ, асосҳои ташкили идоракунии давлат ва низоми судӣ, принсипҳои асосии ҳуқуқи интихобот ва вазъи ҳуқуқии шаҳрвандонро дар қонунгузорӣ ифода менамояд. Конститутсия ҳамчун санади эътибори олии ҳуқуқӣ асоси меъёрии тамоми қонунгузорӣ мебошад.

Дар солҳои истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳои муҳими сиёсӣ ба амал бароварда шуданд, ки ба бунёди ҷомеаи дунявӣ, таъмини суботи сиёсӣ ва ноил шудан ба ваҳдати иҷтимоии ҷомеа нигаронида шудаанд.

Қабули Конститутсияи Тоҷикистон дар соли 1994 давраи гузариши ҷумҳуриро аз даврони Шӯравӣ ба даврони рушди соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқӣ, дунявӣ, ягона ва мустақилона ба анҷом расонд. Меъёр ва муқаррароти он марҳилаи имрӯзаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии Тоҷикистонро ҳамчун қисми таркибии ҷомеаи ҷаҳонӣ инъикос менамояд. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ҷузъи таркибии низоми ҳуқуқии он мебошад.

Тибқи моддаи 1-уми Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад [6]. Ҳамчунин моддаи 100-уми Конститутсия хусусияти давлати Тоҷикистонро дунявӣ таъйин менамояд ва онро ивазнашаванда эълон медорад. Яъне мавзуи ҳукмронии дунявӣ дар Тоҷикистон, масъалаи барои ҳамешагӣ ҳалшуда мебошад. Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, сиёсати он ба фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста ва рушди озодии шахсият нигаронида шудааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳоеро, ки дар назди давлат истодаанд, муайян намуда, асосҳои низоми ҳуқуқии давлатро гузошта, принсипҳои бунёдиро мураттаб менамояд, ки мувофиқи онҳо ягонагии сиёсии ҷомеа ташаккул меёбад, зиддиятҳо бартараф карда мешаванд, тамоми фаъолияти сиёсӣ ва давлатӣ бунёд мегарданд, асосҳои қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ гузошта мешаванд. Ҳар як шаҳрванд бо риояи қатъии муқаррароти Конститутсия ва қонунҳо, татбиқи амалии онҳо, таҳкими волоияти қонун, бунёди давлати воқеии ҳуқуқии дунявӣ, ки гарави асосии дахлнопазирии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон мебошад, саҳм мегузорад. Дар моддаи 26-уми Конститутсия бошад, қайд гардидааст: «ҳар кас ҳақ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ

иштирок намояд». Дин кори шахсии шаҳрванд мебошад. Хусусияти дунявии давлат бо ислом-дини аксари аҳолии Тоҷикистон мухолиф нест.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дар баробари Конститутсия қонунҳое низ қабул шудаанд, ки дунявӣ будани давлат ва имконияҳои баробари фаъолияти тамоми ҷамъиятҳои динии кишварро кафолат медиҳанд.

Шаш принсипи конститутсионии сохти давлатӣ бунёди давлати миллиро ҳатмӣ муайян мекунад. Вазифаи сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили давлати мутамаддини миллӣ мебошад.

Аз ин рӯ, аз рӯзҳои аввали қабул гардидани Конститутсия, қонунҳо ва санадҳое, ки таҳия ва қабул гардиданд, заминаҳои ҳуқуқии ваҳдатро тақвият ва таҳким бахшиданд. Аз ҷумла, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (27-уми июни соли 1997), Санади ҳамдигарбахшӣ (10-уми июли соли 1997), Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авфи иштироккунандагони муқовимати сиёсӣ ва низомӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1-уми августи соли 1997), қонунҳо дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ, интихобот ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳалии вакилони халқ, тағйирот ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1999) ва таъсиси парлумони думаҷлиса – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон заминаҳои нави ҳуқуқии ваҳдати миллиро ба вуҷуд оварданд ва онро тақвият доданд.

Бешубҳа, давлатсозӣ ва зиёдтар аз он таъмин намудани суботи сиёсӣ аз муҳимтарин ва мушкилтарин вазифаҳои давлатдорӣ дониста мешавад. Аз ин рӯ, миллат ҳамон вақт ҳадафмандона, оқилона ва муваффақона давлати миллии худро месозад ва онро аз тахти дил, бо тамоми ҳастӣ - бошуурона ҳифз ва ҳимоя карда метавонад, агар хонад, омӯзад ва онро содиқона дӯст дорад. Чунки масъалаи давлат ва давлатдории миллӣ қисмати ҳаётан муҳимми мавҷудият ва пойдории миллат аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати дунявӣ ҳеҷ гуна ҳокимияти калисо ё рӯҳониёнро дар болои ҳокимияти давлатӣ эътироф намекунад, ба санадҳо ва қоидаҳои динӣ ҳамчун сарчашмаи махсуси ҳуқуқ, ки барои шаҳрвандони ҷумҳурӣ ҳатмист, аҳаммияти ҳуқуқӣ намедиҳад. Дар моддаи 8 Конститутсия омадааст, ки «ҳеҷ идеология, аз ҷумла идеологияи динӣ наметавонад ҳамчун идеологияи давлатӣ таъсис дода шавад... Ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлат дахолат карда наметавонанд». Барангехтани адовати динӣ манъ аст. Аз ин рӯ, ҷалби дин ба сиёсати давлат ва масъалаҳои муносибатҳои байналмилалӣ барои ҳар як шаҳрванд ва тамоми инсоният хатари ҷиддӣ дорад. Яъне қонунгузорӣ ҷои динро дар ҷомеа, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории онро дар таҳкими ҳокимият мушаххасан муайян кардааст. Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, муколамаи судманди тамаддунҳо, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории судманди динҳои гуногун танҳо дар шароити давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ имконпазир аст. Ин метавонад дар муайянкунии асосҳои ҳамкории ҳукумат ва дин таҳкурсӣ гардад ва барои татбиқи консепсияи ташаккули фаҳмиши амиқи аз давлат ҷудо будани дин хизмат кунад.

Бинобар ин, муносибати давлат ва иттиҳодияҳои динӣ ва принсипи ҷудоии иттиҳодияҳои динӣ аз давлат дар моддаи 5-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» муқаррар гардидаанд. Дар навбати худ ходимони динӣ низ бояд пеш аз ҳама қонунҳои амалкунандаро қатъиян риоя кунанд ва фаъолияти худро тибқи ин қонунҳо, ки ба тарзу усули ҳаёти дунявӣ асос ёфтаанд, мувофиқ намоянд.

Демократия ба худи табиати инсон хос аст ва инкишофи демократия раванди стихиявӣ нест. Истеҳсолот ва технология худ аз худ боиси нашъунамо ва такмили он намегардад. Дар ин ҷо нақши ҳалкунандаро омили субъективӣ – давлати тоҷикон мебозад. Давлат дар асоси сандаҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар раванди фаъолияти ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ иштирок намуда, ба идоракунии

соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ сохторҳои марбутаро ҷалб мекунад. Ба онҳо дар идоракунӣ ҳуқуқҳои васеъ медиҳад, онҳоро барои зиёд кардани истеҳсолот ва такмил додани муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷалб менамояд. Одам қобилияти кор кардан, тафаккур ва сухан гуфтан дорад ва дар ниҳояти кор дорои озодӣ низ мебошад ва бояд соҳиби ҷамъият, моликият, ҳаёт ва меҳнати худ бошад. Ин ҳуқуқи соҳибихтиёрии вай мебошад. Ба қавли олими тоҷик Кароматулло Олимов: «Ҷаҳони ботинии инсон падидаи хеле мураккаб аст, ки ҳамеша тилисме буда, ҳаст ва хоҳад буд ва онро то охир кашф кардан номумкин аст. Ин ҷаҳони зеҳнӣ омезиши тасаввуроти илмӣ, динӣ, сиёсӣ, эстетикӣ, ахлоқӣ, эҳсосотӣ ва ғайра мебошад» [5, 66].

Тоҷикистони соҳибистиқлол шарики калидӣ барои кишварҳои Ғарбу Шарқ буда, аз нигоҳи геополитикӣ ва геоиқтисодӣ барои қудратҳои бузурге чун Русия, Чин ва қудратҳои минтақавии Ховари Миёна ва Осиёи Ҷанубӣ: Ҳинд, Эрон, Покистон, Туркия ба як мавзуи муҳимми равобит табдил ёфтааст.

Ба ибораи дигар, барои кишвари мо ҳамчун кишвари дар чорроҳаи тамаддунҳо ҷойгиршуда, тасдиқи принсипҳои демократӣ дар ҳаёти он аз лиҳози таърихӣ ва геополитикӣ асоснок аст. Эҷоди як давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ имкон намедиҳад, ки мардуми Тоҷикистон аз вартаи рушди муосир дар канор монад ва имкони ширкат дар рушди дастовардҳо ва арзишҳои тамаддуни муосирро фароҳам меорад. Давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба ормонҳои миллӣ ва миллат созгоранд.

Хусусияти демократияи воқеӣ дар он аст, ки дар ин соҳа вусъати шабоҳат ҳамчун арзиши олии инсонӣ аз ҷиҳати инсондустӣ ташкил карда шудааст.

Демократия аслан тамаддун аст. Бе ҳифз ва татбиқи ҳуқуқҳои инсон имконнопазир мебошад. Аммо, вай ҳар қадар мустаҳкамтар бунёд карда шавад, дар роҳи барпо намудани асосҳои он ҳамон қадар рушду инкишф зиёд мешавад. Демократия дар Тоҷикистон бе муносибатҳои бозаргонӣ инкишоф ёфта, бе плюрализми мукаммали сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва идеологӣ, бе ҷомеаи шаҳрвандии мутараққӣ, бе синфи миёнаи муқарраршуда имконнопазир аст.

Ҳанӯз аз ибтидои ҷамъияти инсонӣ, дар давраи сохти ҷамъиятии ибтидоӣ ҳамаи одамон дар идоракунии корҳои ҷамъиятӣ иштирок намуда, ин вазифаро озодона иҷро мекарданд. Аммо, бо пайдоиши моликияти хусусӣ ва ба вуҷуд омадани тақсимоти синфӣ ҳокимият имтиёзи табақа ва синфҳои соҳибмулк гардид. Оммаи меҳнаткашон аз идоракунии ҷамъият дур шуда, объекти истисмор гардиданд. Асрҳо гузаштанд, форматсияҳои ҷамъиятию иқтисодӣ тағйир ёфтанд, ғуломдориро феодализм гирифт, охирин ба капитализм роҳ дод. Бо вуҷуди ин демократия моли ақаллияти соҳибони моликият буд. «Меҳнаткашон аз имконияти озодона ва демократӣ идора кардани ҷамъият маҳрум буданд» [3, 89].

Таърихи башарият дар асри XX нишон дод, ки танҳо сохти демократию дунявӣ қодир аст идеалҳои хайрхоҳӣ, инсондӯстӣ ва инсонгариро дар ҳаёти инсон ва ҷомеа амалӣ созад. Имрӯз Тоҷикистон тамоми имкониятҳоро дорад, ки дар роҳи бунёди ҷомеаи дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва демократӣ дар кишвар устуворона пеш равад. Маҳз ин роҳ роҳи сулҳпарварист, ки ба арзишҳои демократӣ мувофиқ аст. Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таърихи халқи тоҷик ҳамчун марҳалаи гардиш дар масири хотима бахшидан ба ҷанги бародаркуш, ҳифзи миллати тоҷик ва ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ дар Тоҷикистон ворид гардид. Қарорҳое, ки дар ин иҷлосия қабул шудаанд, имкон доданд, ки истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз гардида, халқи тоҷик аз нобудшавӣ эмин нигоҳ дошта шавад. Зеро, чунин таҳдид хеле воқеӣ буд.

Таърих, замон, вазъият ва худи ҳаёт дар назди Сессияи 16-уми Шурои Олӣ вазифаҳое гузоштанд, ки барои ояндаи халқи тоҷик аҳаммияти фавқулоддаи

тақдирсоз доранд. Иҷлосияи мазкур марҳалаи муҳим, марҳалаи гардиш дар таърихи муосири истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, оғози раванди сулҳ, пайвастани нави нерӯҳои сиёсӣ, бунёди пояҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ гардид.

Ҳамин тариқ, бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳу ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва тадриҷан амалӣ шудани бандҳои он мавқеи кишвар дар арсаи байналмилалӣ мустаҳкам мегардад. Асоси шартномавӣ-ҳуқуқии муносибатҳо бо кишварҳои мухталифи ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ тавсеа ёфта, барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд тадбирҳои фаъол андешида мешаванд.

Ба ҳамин монанд, бидуни роҳи бунёди давлати дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва демократӣ дар Тоҷикистон, ки дар Конститутсия сабт шудааст, раванди сулҳу субот имконнопазир ва кумаки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳалли низоъ ғайриимкон буд. «Роҳи дигар барои кишвар наметавонад аз ҷомеаи ҷаҳонӣ, кишварҳо ва созмонҳое, ки арзишҳои демократӣ дар ҳаёти онҳо пешсафанд, ин гуна кӯмаки фаъолро ба даст оранд» [2, 68].

«Системаи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба оилаи ҳуқуқии романӣ-германӣ тааллуқ дорад. Ин оилаи ҳуқуқӣ таърихан дар заминаи ҳуқуқи империяи Рим ташаккул ёфта, дар ҳудуди давлатҳои Аврупо инкишоф ёфтааст. Ҳуқуқи римӣ тавассути империяҳои Рими Шарқӣ ва Русия то Осиёи Миёна ҳанӯз пеш аз замони шӯравӣ паҳн шуда буд» [8].

Имрӯзҳо масоили динӣ аз мушкилтарин масъалаҳои давлатҳои муосир ба шумор меравад. Маҳз мушкилоти динӣ дар баробари масоили миллӣ ва этникӣ, масъалаҳои марбут ба ҳувияти миллат, ҳаёти маънавию ахлоқии ҷомеа ҳастанд, ки наметавонанд нисбат ба давлат бетаваҷҷуҳ бошанд. Бо таъкиди дурусти муҳаққиқи тоҷик Ғ.Мирзоев «... инкишоф ва рушди ҷомеаи ҳуқуқбунёди демократӣ ва дунявӣ дар шароити ҷомеаи суннатии мусулмонӣ маъмулан бо шеваи ҳамвору мулоим ва бемамонияту осон амалӣ намешавад. Низоми анъанавии дар тӯли садсолаҳо ташаккулёфтаи муносибатҳои иҷтимоӣ, ки меъёрҳои динӣ дар он то ба ҳанӯз нақши муайян доранд, бо арзишҳо ва меъёрҳои ҷамъиятиву ҳуқуқии замони муосир тадриҷан ва марҳила ба марҳила метавонанд таҳаввулу бо ҳам мутобиқ шаванд [8, 107].

Идеалҳои хайрхоҳӣ ва инсондустӣ қариб дар ҳар як система ё таълимоти идеологӣ дида мешаванд. На коммунизм, на исломи сиёсӣ ва на демократия истисно нестанд. Аммо таърихи инсоният дар асри XX нишон дод, ки танҳо низоми дунявӣ қодир аст онҳоро дар ҳаёти инсон ва ҷомеа амалӣ созад. Гарчанде, баъзе тамоилҳо ҳам ба пурзӯр кардани унсурҳои дунявӣ, ҳам ба ҷоннок кардани унсурҳои динӣ равона карда шудаанд.

Ин доктринаҳо барои кишвар чизи абстрактӣ нестанд. Қувваҳои гуногуни душманонаи берунӣ бо ёрии қувваҳои бадхоҳи дохилӣ кӯшиш мекарданд ва то ҳол низ мекунанд, ки ин ё он моделро дар ҳаёти мамлакат муқаррар намоянд, гарчанде мавқеъҳо баробар нестанд. Аммо барои пешравии бемайлон дар самти бунёди ҷомеаи дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва демократӣ дар кишвар тамоми имкониятҳо мавҷуд аст.

Зеро масоили динӣ аз печидатарин мушкилоти давлатҳои муосир ба шумор меравад ва дар ҳоли ҳозир дар ҷаҳон тамоюли пурзӯр шудани нақши дин ҳам дар кишварҳои алоҳида ва чи дар маҷмӯъ дар ҷаҳон мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, масъалаҳои динӣ дар баробари масоили миллӣ ва ахлоқӣ масъалаҳои марбут ба ҳувияти миллат, ҳаёти маънавию ахлоқии ҷомеа мебошанд, ки нисбат ба давлат бетаваҷҷӯҳ буда наметавонанд.

Аз таърихи ҷаҳонӣ ҳамаи мо мисолҳоеро медонем, ки дин чи гуна халқҳо ва миллатҳоро муттаҳид ва аз ҳам ҷудо карда метавонад. Аз ин рӯ, қариб ҳар як

давлат ба масъалаҳои муносибатҳои давлату дин, чун қоида, дар сатҳи конститутсионӣ таҳкими асосҳои онҳо таваҷҷуҳи хоса медиҳад.

Айни замон, дар ҷаҳон 3 сохти асосии ҳамкориҳои давлат ва ташкилотҳои динӣ ҷудо карда мешаванд:

1. «давлати дунявӣ» - давлат аз дин ҷудо аст;

2. «давлати теократӣ» - ҳокимияти давлатӣ ва динӣ як буда, сарвари давлат ҳамчун сардори конфессияи динӣ баромад мекунад;

3. «давлати руҳонӣ» - дар давлат чун қоида як дин мавҷуд аст, ки мақоми давлатӣ дорад ва ба он имтиёзҳои азим дода шуда, ба қувваи бонуфузи сиёсӣ табдил ёфтааст.

**Мухтасаран: Давлати дунявӣ**

Дар мавриди давлати дунявӣ бошад, принсипҳои асосии он принсипҳои ҷудоии мутлақи сиёсати дин аз давлат ва принсипҳои озодии виҷдон мебошанд. Дар ҳамин ҳол, теъдоде аз коршиносон дар асарҳои худ дар ин маврид усули ҷудоии дин аз давлатро ба яке аз муҳимтарин кафолатҳои озодии виҷдон медонанд.

Ҳангоми возеҳи мураттабсозии мазмуни пурраи мафҳуми давлати дунявӣ бояд ба назар гирифта шавад, ки мустақилият ва соҳибихтиёрии мутлақи манфиатҳои кишвар ва ҷомеаҳои динӣ дар салоҳият тафовути хеле бунёдӣ доранд. Дар ин маврид мафҳуми соҳибихтиёрӣ волоият ва истиқлолият, инчунин соҳиби пуррагии як навъи салоҳияти истисноиро дар назар дорад.

Худи мамлакат ба масъалаҳои дорои характери динӣ, ба нишонаҳои аниқи мансубияти шаҳрвандон ба дин, ба лаҳзаҳои худидоракунии дохилии иттиҳодияи динӣ тамоман дахолат намекунад. Иттиҳодияҳои динӣ ба масъалаҳои зерин тамоман дахолат намекунанд:

- дар идоракунии давлатӣ;
- дар муносибатҳои давлатӣ ва ҳокимият;
- дар фаъолияти мақомоти давлатӣ;
- дар фаъолияти институтҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ;
- инчунин, дар низоми маориф.

Мутобиқи моддаи 5 (Муносибати давлат ва иттиҳодияҳои динӣ) давлат барои таъмини озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандони диндор ва иттиҳодияҳои динӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Мутобиқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад ҳеҷ як мафкураи динӣ ҳамчун мафкураи давлатӣ ва умумиҳатмӣ эътироф намешавад. Иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо мебошанд. Яъне ҷудоии давлат ва чунин иттиҳодияҳо, маънои онро дорад, ки диндорон дар масъалаҳои динӣ ҳокими худ ва барои худанд ва худи кишвар худро ҳамчун ҳаками динӣ муаррифӣ намекунад.

Дар забони русӣ калимаи «секулярный» маънояш «мардумӣ, дунявӣ, шаҳрвандӣ» мебошад. Синоними «давлати дунявӣ» «давлати секулорӣ» аст.

Дар ҳоли ҳозир дар ҷаҳон ҳудуди 200 давлат мавҷуд аст, ки беш аз нисфи онҳо расман дунявӣ ҳастанд ва дар тӯли тақрибан 250 соли ахир теъдоди онҳо афзоиш меёбад. Тамоюли баръакс низ вуҷуд дорад - аз давлати дунявӣ он метавонад ба як давлати динӣ табдил ёбад, гарчанде ки ин гуна мисолҳо ягона ҳастанд ва чун қоида, истисноро аз қоидаҳои умумӣ ифода мекунанд.

Давлати дунявӣ ба таври ҳақиқӣ бо давлати демократӣ алоқаманд аст, зеро дар он дин кори шахсии ҳар як шахс аст ва шахс дар ин масъала озодии интихобро нигоҳ медорад. Баъзан ба чунин изҳорот дучор шудан мумкин аст, ки давлати дунявӣ давлати атеистӣ аст. Бо вуҷуди ин, изҳороти мазкур бардурӯғ аст. Давлати

дунявӣ на дину на атеизмро дастгирӣ нанамуда, дар ин масъала бетарафиро нигоҳ медорад.

Бояд ба назар гирифт, ки хусусиятҳои назариявии давлати дунявӣ, ки дар ҳуқуқшиносӣ таҳия шудаанд ва давлатҳои воқеии дунявии муосир аксаран мафҳумҳои носозгор мебошанд. Ҳаёти воқеӣ чунон навъҳои гуногуни давлатҳои муосирро фароҳам меорад, ки аксари онҳо ҳатто худро расман дунявӣ эълон карда бошанд ҳам, дар айни замон ба таркиби назариявии аз ҷониби умум қабулшудаи давлати дунявӣ мувофиқат намекунанд.

Аз ин лиҳоз, аз нуқтаи назари давлатшиносӣ баъзан ҷавоб додан душвор аст, ки оё ин ё он давлат дунявӣ ҳаст ё не. Масалан, Аргентина давлати дунявӣ аст, аммо тибқи қонун муқаррар шудааст, ки «ҳукумати федералӣ дини апостолии католикии Римро дастгирӣ мекунад». Вазъият дар Арманистон низ чунин аст: гарчанде ки Конститутсия калисо ва давлатро расман аз ҳам ҷудо мекунад, Калисои Апостолии Арманистон расман калисои миллӣ аст.

Ин рӯйхати кишварҳоро метавон идома дод - Финландия, Гурҷистон, Канада, Исроил, Ирландия, Норвегия, Руминия, Туркия ва ғайра давлатҳои дунявӣ ҳисобида мешаванд, вале муқаррароти муайяни қонунгузории марбут ба муносибатҳои давлату калисо боиси думаъноӣ ва нобаробарӣ дар масъалаҳои тавсифи дақиқи ин давлатҳо мегардад.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришу дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ва давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бо назардошти манфиатҳои миллӣ ва давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул меёбад.

Хулоса, дар ин рузҳо ҷумҳурӣ дар муносибатҳои давлат ва дин маънои заррин пайдо кардааст, ки имкон медиҳад забони муштарак пайдо кунем ва дарки равандҳои дар муҳити динии ҷумҳурӣ ба амаломадаро таъмин созем. Имрӯз ду нуқтаи умумии ҳамкории давлат ва ҷомеаҳои динӣ вуҷуд дорад:

Якум, тарғиби сулҳу ваҳдати миллӣ мебошад, ки он арзиши олӣ буда, ба як хусусияти заминавии ҳаёти ҳаррӯзаи мо табдил ёфтааст.

Дуюм, рушду эҳёи фарҳанг аст. Фарҳанги миллӣ ва диниро аз ҳамдигар ҷудо кардан осон нест. Бархе аз ҳамватанони мо дар муайян кардани он, ки ҷашнҳои Наврӯз, Рамазон ва ғайра, ки мардумони мо ҷашн мегиранд, дар миллӣ ё мазҳабӣ будани онҳо душворӣ мекашанд.

Роҳи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, ки мо бо он бовармандона ва устуворона пеш рафта истодаем, воқеан далели барҷастаи пирӯзии ваҳдат, ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулгароӣ, ягонагии халқ ва ҳокимияти сиёсӣ маҳсуб меёбад. Яъне, сохтмони давлати миллӣ бомаром ва ҳадафмандона идома дорад, ки ин душвортарину заҳматталаб роҳи Истиқлол мебошад. Албатта, дар ин роҳ қувваю падидаҳои кинапарвар ва зиддидавлатӣ – ҷаҳолат ва ифротгароӣ, пайдоиш ва густариши терроризм ва экстремизм мавҷуданд, ки дар баробари дигар падидаҳои барои миллату давлат хатарнок мунтазам халал мерасонанд ва дар замони муосир заминаи мусоид ба вуҷуд меоранд. Чунки онҳо то ба ҳол аз хориҷи кишвар бо тамоми роҳу воситаҳо кӯшиш карда истодаанд, то ки ҷомеаи моро ноором сохта, фарҳангу мазҳаби бегонаро ба сари мардуми мо таҳмил кунанд.

Миллати бузурги тоҷик ҳамеша бояд хусусияти дунявӣ доштани давлати хешро фаромӯш насозад. Ҳамеша кӯшиш намояд, то ки ҳама гуна мафкураи хусусияти зиёдаравӣ ва тундгароидошта сари вақт пешгирӣ ва баҳои сазовор гирифта, тадриҷан аз

фазои иттилоотӣ берун бароварда шавад. Миллат бояд ҳамеша дар хотир дорад, ки омилҳои асосии пешрафти ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон ин доштани давлати миллӣ, андешаи миллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Чунки андешаи миллӣ маҳсули ақли солим, хиради азалӣ ва ҳикмати чандинҳазорсолаи миллатамон буда, тавассути он тоҷикон худро ҳамчун миллат ҳифз кардаанд, фарҳанги оламшумул офаридаанд. Мусаллам аст, ки андешаи миллӣ, ҷавҳари ҳар халқу давлат, баёнгари асолати давлатдорӣ буда, на танҳо давлату мақомоти давлатиро раҳнамоӣ мекунад, балки самтҳои фаъолияти шаҳрвандонро низ муайян месозад. Ба маънои дигар, идеологияи миллӣ муҳимтарин василаи ҳифзи бақои миллат ва давлат аст. Акнун вақти он расидааст, ки бо бардошт аз сабақҳои гузаштаи талху таърихии миллатамон мазмун, моҳият ва муҳиммияти идеяҳои дунявиятро ба миллат фаҳмонем, омӯзонем.

Акнун дар рӯзҳои мо замон, вақт ва вазъият тақозои онро мекунад, ки ба хотири дарки арзиши таърихии истиқлол ва дарёфти роҳҳои таҳкими он мо паҳлӯҳои гуногуни ин неъмати азизу бузурги ба дастомадаро гаштаву баргашта мавриди арзёбӣ қарор диҳем.

Кунун миллат ҳамагуна тамоюлоти харобгарои фарҳангӣ ва хатари ҳалокатбори бархӯрди тамаддунҳоро дарк ва маҳкум намуда, тавсеа додани муколамаи тамаддунҳо ва фарҳангҳоро дар арсаи байналмилалӣ пуштибонӣ мекунад ва таҳким мебахшад.

Чунки:

«Тоҷикон-дар сайёраи мо ягона намунаи одамоне мебошанд, ки сарфи назар аз муносибатҳои ғаразноки аҷнабиён, дар тули асрҳо якравона роҳи худро пеш гирифта, мавҷудияти худро таъмин кардаанд» [7].

«Тоҷикон ягона намояндагони ориёиҳо дар Туркистон буда, таҷассумгари қадимтарин сокинони ин минтақа буданд» [4].

Аз ин лиҳоз, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи аслӣ ва кафолати рушди усули дунявият дар давлатдории Тоҷикистони муосир буда, айни замон ин принсип имконият фароҳам меоварад, ки ҳам ҳуқуқҳои пайравони дину мазҳабҳои гуногун дар кишвар баробар таъмин карда шавад, дин дар мазҳари тарбияву ахлоқ ҷойгир буда, кори шахсии шаҳрванд бошад ва ҳам дониши илмӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ рушду пешрафти ҷомеаро муайян созад.

## АДАБИЁТ:


1. Алимов Р., Лебедев М., Шарипова Дж. Дипломатия Таджикистана. –Душанбе: МИД РТ, 1994.
2. Асадуллаев И.К. Экспансия подобия, демократия и Таджикистан: (понятие, проблемы, аспекты). – Душанбе: «Шарки озод», 2001.
3. Афанасьева В.Г. Научное управление обществом. Издательство «Мысль». Москва, 1967.
4. Гартнер А. Россия. Культурно-политическая география. Москва, 1909.
5. К.Олимов. Робитаи дуҷонибаи ҷаҳонбинии дунявӣ ва динӣ дар шароити эҳёи давлати миллӣ. Китоби «Истиқрори боварӣ миёни исломиён ва дунявигароён-таҷрибаи тоҷикон». Душанбе, «Деваштич», 2004. – с. 66.
6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, соли 2016.
7. Миддендорф А.Ф. Очерки Ферганской долины. СПб., 1882.
8. Мирзоев Ғ.Ҷ. Моҳият ва афзалияти модели дунявии давлати миллӣ ва омилҳои осебрасони он //Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ. – 2020. - №2 (1). –С. 104-109.
9. Холикзода А.Г. Светское государство. Таджикистан и проблема политизации ислама: анатомия проблемы и механизмы решения. Душанбе. 2021.
10. Чернышева О.В. Церковь и демократия. Опыт Швеции. М.: Наука, 1994.

ТДУ 327:[007+659-04] (575:3) УКД 327.88

# СЕНАРИЯИ ҒОЛИБ ОМАДАН ВА ҲИМОЯИ МАНФИАТҲО ДАР ШАРОИТИ ТАВСЕАИ НАБАРДҲОИ ИТТИЛООТӢ

**САИДЗОДА Д.А.**

*Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, докторанти кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.*

*Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамисозии фазои коммуникатсионии ҷаҳонӣ набардҳои иттилоотӣ ба воситаи муҳимтарини расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва стратегӣ табдил ёфтааст. Дар мақола сенарияҳои пирӯзӣ ва ҳифзи манфиатҳо дар шароити густариши набардҳои иттилоотӣ баррасӣ карда мешаванд. Диққати махсус ба таҳлили усулҳое, ки давлатҳо ва субъектҳои зиддиятҳои иттилоотӣ барои таҳрики иттилоот ва таъсир ба афкори ҷамъиятӣ ва қабули қарорҳо истифода мебаранд, равона карда мешавад. Оқибатҳои ҳамлаҳои иттилоотӣ ба амнияти миллӣ, истиқлолият ва муносибатҳои байналмилалӣ низ омӯхта шудааст. Механизмҳои асосии муҳофизат аз таҳдидҳои хабаррасонӣ, аз ҷумла амнияти киберӣ, танзими иттилоотӣ ва кӯшишҳои сохторӣ, ки ба таъминии ахборот нигаронида шудаанд, баррасӣ мешаванд. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки дар таҳияи стратегияи муқовимат ба набардҳои иттилоотӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ бархӯрди ҳамаҷониба зарур аст.*

**Калидвожаҳо:** *набардҳои иттилоотӣ, ҳифзи манфиатҳо, стратегияи ғалаба, манипулятсияи иттилоот, киберамният, амнияти иттилоотӣ, таблиғот, ҳамлаҳои иттилоотӣ, эътидоли сиёсӣ, амнияти миллӣ, рақамисозӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, танзими иттилоотӣ.*

# СЦЕНАРИЙ ПОБЕДЫ И ЗАЩИТЫ ИНТЕРЕСОВ В УСЛОВИЯХ РАСШИРЯЮЩИХСЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ ВОЙН

**САИДЗОДА Д.А.**

*Кандидат политических наук, доцент, докторант кафедры политологии и международных отношений Бохтарского государственного университета им. Носири Хусрава.*

*В условиях глобализации и цифровизации мирового коммуеикационного пространства информационная война становится важнейшим средством достижения политических, экономических и стратегических целей. В статье рассматриваются сценарии победы и защиты интересов в условиях расширения информационной войны. Особое внимание уделяется анализу методов, используемых государствами и субъектами информационной войны для манипулирования информацией и влияния на общественное мнение и принятие решений. Также изучаются последствия информационных атак на национальную безопасность, суверенитет и международные отношения. Рассматриваются основные механизмы защиты от информационных угроз, в том числе кибербезопасность, информационное регулирование и структурные усилия, направленные на поддержание информационной стабильности. Автор приходит к выводу о необходимости комплексного подхода при разработке стратегии противодействия информационной войне на глобальном уровне.*

**Ключевые слова:** *информационная война, защита интересов, стратегия победы, информационное манипулирование, кибербезопасность, информационная безопасность, пропаганда, информационные атаки, политическая стабильность, национальная безопасность, цифровизация, международные отношения, информационное регулирование.*

# SCENARIO FOR VICTORY AND PROTECTION OF INTERESTS IN THE CONTEXT OF EXPANDING INFORMATION WARS

**SAIDZODA D.A.**
*Candidate of olitical Sciences, Associate Professor, Doctoral Student of Political Science and International Relations Department Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav.*

*In the context of globalization and digitalization of the global information space, information warfare is becoming the most important means of achieving political, economic, and strategic goals. The article discusses scenarios of victory and protection of interests in the context of the expansion of information warfare. Special attention is paid to the analysis of the methods used by states and subjects of information warfare to manipulate information and influence public opinion and decision-making. The consequences of information attacks on national security, sovereignty, and international relations are also studied. The main mechanisms of protection against information threats are considered, including cybersecurity, information regulation, and structural efforts aimed at maintaining information stability. The author concludes that a comprehensive approach is needed in developing a strategy for countering information warfare at the global level.*
**Keywords:** *information warfare, protection of interests, strategy of victory, information manipulation, cybersecurity, information security, propaganda, information attacks, political stability, national security, digitalization, international relations, information regulation*

***Муқаддима***

Қудрати иттилоотӣ ва музаффариятҳои маҷозию расонаӣ, андозанамоии геополитикии фазои иттилоот барои сиёсати байналмилалӣ манбаи асосии ташаккули муносибатҳо гардидааст. Фазои иттилоърасонӣ ҳамакнун танҳо як фазо нест, балки махсусияти геополитикӣ дорад. Асос ва бунёди таҳкими қудрати сиёсӣ дониста мешавад.

Дидгоҳи геополитикии замони муосир бо рушди фаъоли технологияҳои коммуникатсионию рақамӣ тавсиф карда мешавад, ки ногузир ба табдили шаклҳои анъанавии бархӯрдҳо ва зиддиятҳову муҳорибаҳои сиёсӣ оварда мерасонад. Набардҳои иттилоотӣ ҳамчун шакли нави муқобилият ба майдони ихтилофҳои на танҳо байни давлатҳо, балки миёни субъектҳои гуногуни ғайридавлатӣ низ табдил ёфтаанд. Рушди воситаҳои баландтехнологии алоқа, васоити ахбори омма ва платформаҳои иҷтимоӣ-шабакавӣ имкониятҳои навро барои идора кардани ҷараёни иттилоот, таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ ва эҷоди ҳолатҳои сунъии буҳронӣ, азхуд кардани тамаддун, ҳимояи манфиатҳо, тақвияти асосҳои фарҳангиву иттилоотии қудрати сиёсӣ замина фароҳам меорад.

Яке аз мушкилоти асосӣ, ин хусусияти бисёрҷанбаи таъсиррасониҳои иттилоотӣ мебошад, ки ҳамлаҳои иттилоотӣ бо таҳдидҳои киберӣ, дуздидани иттилоот ва ҳатто дахолат ба равандҳои сиёсӣ якҷоя мешаванд. Табиати мураккаби муқовимати имрӯза на танҳо таҳияи чораҳои самараноки муҳофизатӣ, балки эҷоди сенарияҳои ғолибро дар фазои маҷозӣ талаб мекунад, ки динамикаи зудтағйирёбандаи ҷараёни мазкурро ба назар гирифта метавонанд.

Муҳиммияти мавзуи мазкур аз он иборат аст, ки механизмҳои анъанавии амният на ҳамеша қодиранд ба чолишҳои асри рақамӣ ва асри иттилоот ба таври кофӣ ва саривақтиву самаранок посух гардонанд. Дар ин замина, сенарияи ғолиб омадан на танҳо бо қобилияти ба зудӣ вокуниш нишон додан ба ҳамлаҳои иттилоотӣ, балки барои пешгирӣ кардани таҳдидҳои эҳтимолӣ тавассути эҷоди системаҳои дифоии муассир ва мутобиқшаванда муайян карда мешавад. Дар навбати худ, ҳимояи манфиатҳо ба як вазифаи бисёрсатҳӣ дар шароити тавсеаи набардҳои иттилоотӣ табдил меёбад, аз ҷумла ҳам ҳалли техникӣ (таҳияи алгоритмҳои нави дифои киберӣ ва системаҳои мониторинг) ва ҳам роҳҳои стратегӣ дар шакли эҷоди эътимоди ҷомеа ва устувории институтҳои сиёсӣ муҳим эътироф мегардад.

Таҳлили мунтазами набардҳои расонаӣ, муайян кардани механизмҳои асосии ғолиб омадан дар муборизаҳои платформаҳои иттилоотӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба мубориза бо таҳдидҳо дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ мақсади асосиро ташкил медиҳад.

***Моҳияти бархурди манфиатҳо дар фазои иттилоотӣ дар шароити набардҳои иттилоотӣ.*** Ҳамчун воқеияти таърихӣ муноқишаҳои иттилоотӣ ҳанӯз дар замонҳои қадими рушди давлатдорӣ ва раванди ҳимояи манфиатҳои давлативу қабилавӣ мавҷуд буданд. Онҳо дар баробари пайдо шудани муборизаҳои сиёсӣ, чӣ дар шакли мусаллаҳона ва чӣ дар сатҳи ғайримусаллаҳона, ҳамчун воситаи заиф гардонидани иқтидори рақиби сиёсӣ, воситаи баланд бардоштани руҳияи муҳорибавӣ ташаккул ёфтаанд. Бо пайдоиши давлат, набардҳо ва зиддиятҳои иттилоотӣ ба як ҷузъи муносибатҳо бо кишварҳои гуногун на танҳо дар замони ҷанг, балки дар замони осоишта, инчунин як самти мубориза бар зидди қувваҳои дохилӣ, ки ба сифати рақиб («мухолифат ба қудрат») амал мекунанд, мубаддал гардида буд. Айни замон, шиддатёбӣ ва муборизаҳои иттилоотӣ дар марҳилаи рушди телекоммуникатсия қарор дорад. Аз замонҳои қадим, муҳимтарин қисми бархурди манфиатҳо дар фазои иттилоотӣ ташаккули муносибати равонии аҳолӣ ба таъсири оинҳои дигарон тавассути тарбияи аҳолии осоишта дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва садоқат ба арзишҳои ахлоқӣ ва ё диниву мазҳабии худ буд. Бадном кардан, муросо кардан, дезинформатсия – ин усулҳои асосӣ душманро ба амалҳои муайян маҷбур кардан то ҳол истифода мегардад.

Айни замон, зиддиятҳо дар фазои иттилоотӣ масъалаи муҳимми замони мо гардидааст. Дар шароити глобаликунонӣ ва рақамисозии ҷаҳон ҷараёнҳои мухобиротӣ ба як воситаи тавонои таъсиррасонӣ ба эҳсосоти ҷамъиятӣ, равандҳои сиёсӣ ва тамоюлҳои иқтисодӣ мубаддал гардидааст. Рушди интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ВАО-и нав уфуқҳои муассирро барои дасткорӣ, ҳифз ва назорати иттилоот боз кардааст. Дарк кардан муҳим аст, ки набардҳои иттилоотӣ на танҳо мубориза барои дастрасӣ ба иттилоот, балки мубориза барои тафсир, дарк ва назорат аз болои он мебошанд.

Задухӯрдҳои электронӣ ба як абзори амалисозии талошҳои муваффақшавии геополитикӣ ва мубориза барои нуфузи ҷаҳонӣ табдил ёфта, бахусус кишварҳои бузургу тавоно аз технологияҳои иттилоотӣ на танҳо барои ҳимояи манофеи худ, балки баҳри дахолат ба умури кишварҳои дигар низ истифода мекунанд. Ин ҳолат ҳам ба вайрон кардани субот дар дохили давлатҳо ва ҳам ба тағйир додани сиёсати берунии давлатҳои дигар, ба вуҷуд овардани вазъияти номусоиди байналхалқӣ нигаронида шуда метавонад. Дар ин гуна набардҳо иттилоот на танҳо дониши интиқолшаванда, балки аслиҳае ба ҳисоб меравад, ки метавонад ҷомеаҳоро идора кунад, бӯҳронҳо ба вуҷуд оварад, ихтилофҳоро шадидтар гардонад, муноқишаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳатто ҳарбиро барангезад.

Ширкатҳои ҷаҳонӣ ва бонуфузи ВАО дар зиддиятҳои иттилоотӣ нақши калидӣ доранд, ки платформаҳои медиаро барои таблиғи маҳсулот, хидматҳо ва ғояҳои худ истифода мебаранд. Бо рушди ширкатҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ, як бозори нави таъсир ба вуҷуд омад. Муқовимати байни ширкатҳои бузург дар ин соҳа на камтар аз соҳаи классикии иқтисодӣ шиддат мегирад.

Бавуҷудоии рақобатҳои расонаӣ бо пайдоиши компютерҳои фардӣ ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ пайваст мебошад. Воситаҳои нигаҳдории компютерӣ воситаи асосӣ ва муҳимми ворид намудани захираҳои иттилоотӣ – шабакаҳои телекоммуникатсионӣ гардиданд. Доираи бархӯрдҳои манфиатҳо дар фазои иттилоотӣ васеъ шуда, муборизаҳои «хакерӣ», муборизаи «кибернетикӣ» ва «шабакавӣ», хатарҳои кибертерроризм, терроризми иттилоотиро ба вуҷуд овард.

Таъсири мураккаби ахборот бо назардошти системаи назорати давлатӣ ва низомии тарафи душман ва роҳбарияти ҳарбию сиёсии он равона шудааст. Майдони иттилоотӣ-шабакавӣ макони ба ҳам омадани рақибони сиёсӣ гардидааст. Дар он иштироки тамоми таркиботи институтсионалӣ аз мақомотҳои қудратӣ сар карда, то ба низому сохторҳои

тадқиқотиву идеологӣ ва таълимиву таҳлилӣ иштирок мекунанд. Объекти баҳамхурии манфиатҳо дар фазои иттилоотӣ метавонад ҳама гуна объекте бошад, ки нисбат ба он дар сатҳи иттилоотӣ таъсир расонидан мумкин аст.

Ба субъектҳои он дар фазои иттилоотӣ давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ, корпоратсияҳои трансмиллӣ, созмонҳои ғайридавлатӣ ва ғайриқонунӣ, ҷомеаҳои виртуалии иҷтимоӣ, корпоратсияҳои медиавӣ, эътилофҳои виртуалӣ дохил мешаванд.

Бархӯрди манфиатҳо дар фазои иттилоотӣ як шакли муқовимат ва набардҳои иттилоотӣ мебошад. Дар раванди бархурди манфиатҳо бо истифода аз воситаҳои иттилоотӣ барои ҷалби тарафдорон аз воситаҳои мухталифи таъсиррасонии психологӣ истифода мебаранд. Яке аз ин гуна воситаҳои таъсиррасонӣ манипулятсияи сиёсӣ мебошад. Манипулятсия дар интернет як падидаи хеле маъмул аст. «Таклифи дилхоҳ ба омма» — чунин таърифи манипулятсияро В. Королев пешниҳод намудааст [3].

Дар асри XXI падидаи манипулятсия ҳамчун восита ва усули мубориза, набардҳо ва зиддиятҳои иттилоотӣ дар ВАО, интернет ва рӯйдодҳои сиёсӣ татбиқи худро пайдо мекунад. Мақсади асосӣ барномарезии афкори оммавӣ, назорати он аст [3].

Шабакаҳои иҷтимоӣ ва блогҳо дар ҳоли ҳозир воситаи маъмултарини бархурдҳои иттилоотӣ ва паҳни идеологияҳои гуногун мебошанд. Шабакаҳои иҷтимоӣ барои таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ фаъолона истифода мешаванд. Онҳо ба объект ва василаи гузаронидани амалиёти иттилоотӣ, бархурди манфиатҳо дар арсаи муқовимати иттилоотӣ табдил ёфтаанд [1]. Дар ин соҳа задухурдҳои маҷозӣ хусусияти хоси худро пайдо мекунад. Қайд кардан ба маврид аст, ки маҳз дар ҳамин шароит чунин падидае ба мисли идоракунии иттилоот ба вуҷуд меояд.

Дар муқовимати иттилоотӣ шабакаи интернет як намуди субъект мебошад, ки фазои иттилоотиро фаро гирифта, фазои кушоди манбаъҳои низоъ дар он ҷой дошта метавонад. Интернет платформаро муқовиматҳои сиёсии давлатҳо, неруҳо, ҳизбу ҳаракатҳо ва ташкилоту иттиҳодияҳову одамони алоҳида васеъ гардонидааст. Як намуди ҷомеаҳои иҷтимоии виртуалӣ блогҳо мебошанд.

Бештари муборизаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба монанди «Facebook», «Vkontakte», «Twitter», «Odnoklassniki» ва ғайраҳо ба амал меоянд.

Аксаран зиддиятҳо дар фазои иттилоотӣ дар замони раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа ба монанди интихобот, қабули қарор, роҳпаймоиҳо, моҷарои сиёсӣ ба вуҷуд меоянд [5]. Дар рафти маъракаҳои интихоботӣ ва фаъолияти ҳизбҳои гуногун блог ба театри асосии амал табдил меёбад. Масалан, дар ҳоле ки нашри маълумот аз назарсанҷиҳои иҷтимоӣ ва дигар пурсишҳои интихобкунандагон дар расонаҳо мамнӯъ аст, корбарони интернет аллакай дар блогҳо маълумотро дар бораи раъйи худ мубодила мекунанд [2].

Мухолифатҳои иттилоотии байни ду давлат самтҳои зерин дорад, ки Н. Бруснисин ишора кардааст: «мубориза бо системаҳои идоракунӣ, амалиёти иттилоотӣ ва разведкавӣ, муборизаи равонӣ, мубориза бо ҳакерҳо, муборизаи кибернетикӣ ва шабакавӣ, муборизаи иқтисодӣ ва ҳуҷумҳои хакерии молиявӣ ва ғ.» [1, 118].

Барои иштирок дар набардҳои иттилоотӣ ҳакер, рӯзноманигор, блогер будан шарт нест, дар ҳама шабакаҳои иҷтимоӣ ҳисоби шахсии худро доштан кофӣ аст. Танҳо як ҷонибдории электронӣ дар сомонаҳо кофӣ аст. Н. Бруснисин менависад, ки: "Дар ҷангҳои оянда, амалиёти иттилоотӣ аҳамияти рӯзафзун хоҳад дошт, пеш аз ҳама, технологияҳои иттилоотӣ на танҳо дар системаҳои фармондеҳӣ ва идоракунии қувваҳо, ҳайати шахсӣ, иктишофӣ, таҳия ва қабули қарорҳо, балки дар системаҳои назоратии онҳо худи аслиҳа, техникаи ҳарбӣ аҳаммияти ҳалкунанда доранд» [1, 138].

Низоми манфиатҳои миллӣ ба омили муҳимми рақобати ҷонибҳо дар майдони иттилоот табдил меёбанд. Дар ҷаҳоне, ки зиддиятҳои идеологӣ ва тафовутҳои фарҳангӣ аксаран боиси низоъҳои иҷтимоӣ мешаванд, иттилоот метавонад барои барангехтани кинаву таҳаммулнопазирӣ, инчунин барои эҷоди монеаҳо дар байни гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ истифода шавад. Масалан, шабакаҳои иҷтимоӣ метавонад ба майдони паҳншавии

эҳсосоти нажодпарастӣ ва бегонаситезӣ табдил ёбад, ки баъдан боиси эътирозҳои оммавӣ, хушунат ва бесуботии сиёсӣ мегардад. Набардҳои иттилоотӣ, ки ба пешбурди арзишҳои фарҳангӣ, меъёрҳо ва стандартҳои муайян нигаронида шудаанд, боиси зиддиятҳо мегардад, махсусан вақте ки ин арзишҳо ба анъанаҳои муқарраршудаи кишварҳо ё минтақаҳои гуногун мухолифанд.

Яке аз зуҳуроти барҷастатарини бархӯрдҳо бо роҳи таблиғот ва маълумоти бардурӯғ таҳрик додани афкори ҷамъиятӣ мебошад. Дар шароити муборизаҳои шабакавию коммуникатсионии ҷаҳонӣ, хабарҳои қалбакӣ, тасвирҳо ва видеоҳои сохташуда ва далелҳои бардурӯғ як ҷузъи воқеияти ҳамарӯза мегарданд. Дар чунин шароит ҷомеа бо хатари паҳншавии ахбороти ғайривоқеӣ рӯбарӯ аст, ки қабули қарорҳои оқилона ва фаҳмидани вазъи воқеии корҳоро мушкил мекунад. Давлатҳо ва қувваҳои сиёсӣ метавонанд бо чунин усулҳо дастгирӣ кардани барномаҳои худ ва паст кардани эътимоди мухолифонашон истифода баранд.

Манфиатҳои низоми кибернетикии миллӣ ва технологӣ дар набардҳои иттилоотии муосир нақши муҳим доранд. Дар асри рақамӣ воситаҳои нави технологӣ на танҳо ба платформаи паҳнкунии иттилоот, балки ба объектҳои низоъ табдил меёбанд. Ҳамлаҳо ба системаҳои иттилоотӣ, дахолат ба интихобот тавассути ҳамлаҳои ҳакерӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ барои эҷоди аккаунтҳои қалбакӣ ва паҳнкунии оммавии маълумоти бардурӯғ тавассути ботҳо ба ҷузъҳои усулҳои нави набардҳои иттилоотӣ табдил меёбанд. Масъалаҳои ҷории ҳифзи маълумот, дахолатнопазирӣ ва амнияти иттилоотӣ дар пасманзари ҳамлаҳои доимии киберӣ ба яке аз унсурҳои асосии мубориза барои бартарии иттилоот табдил меёбанд.

Бо ҳамин тартиб, бархӯрди манфиатҳо дар фазои иттилоотӣ дар шароити набардҳои иттилоотӣ бисёр масъалаҳои на танҳо марбут ба сиёсату иқтисод, балки суботи иҷтимоӣ, амнияти миллӣ ва ҳатто муносибатҳои байналмилалиро шадидтар мекунад.

***Сенарияи ғолиб омадан дар бархӯрди манфиатҳо тавассути зиддиятҳои коммуникатсионӣ.*** Ба сатҳи ҷомеаи мутамаддин расидан, махсусан ҷомеаи иттилоотӣ маънои коҳиш ёфтани сатҳи муқовиматҳо ва зиддиятҳои сиёсиро надорад. Баръакс таҳкими абзорҳои хабаррасонӣ шакли нави муборизаҳо набардҳои иттилоотиро тақвият ва хатари онро дар ростои ҳимояи манфиатҳои миллӣ бештар гардонидааст.

Давлат - ташаббускори асосии ғолиб омадан дар ҷангҳои иттилоотӣ мебошад. Давлат системаҳои мудофиавии худро дар набардҳои иттилоотӣ ҳимоя намуда, таҳдидҳоро бартараф менамояд. Бисёре аз марказҳои таҳлилии ҷаҳон дар стратегияҳои худ аз вазифаи таъмини бартарияти иттилоотӣ пеш омада, аз рӯи сенарияҳои эҳтимолии ҷангҳои мухобиротӣ кор мекунанд [4].

Сенарияи ғолиб омадан дар бархӯрдҳои сиёсӣ тавассути зиддиятҳои телекоммуникатсионӣ як қатор усулҳо ва стратегияҳоеро дар бар мегирад, ки ҳадафи онҳо ҳимояи манфиатҳо, таъмини амнияти иттилоотӣ, заиф кардани рақибон ва ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ тавассути назорат бар ҷараёни иттилоот мебошад. Дар шароити муқовимати сиёсӣ набардҳои иттилоотӣ метавонанд омили ҳалкунанда дар мубориза барои қудрат гардад, зеро он на танҳо ба афкори мардум, балки ба дарки бозигарони асосии сиёсӣ, ҳизбҳо, институтҳо ва ҳатто фаъолони байналмилалӣ низ таъсир мерасонад. Стратегияи ҷангҳои расонаӣ дар заминаи сиёсӣ аз истифодаи васоити ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ ва иттилооти махсуси омодашудаи «тозакардашуда» бо мақсади ташаккул додани фазои мусоид, ғолиб омадан ба рақибон, эҷоди симои душман ва пирӯзӣ дар набардҳои иттилоотӣ иборат аст [6, 89 – 137].

Таҳияи сенарияи ғолиб омадан дар муноқишаҳои хабарӣ аз арзёбии вазъият ва рақибон оғоз мешавад. Дар ин марҳила вазъияти сиёсиро бодиққат омухта, нуктаҳои заифи ҳарифон ва имконияти ҷалб намудани афкори ҷамъиятиро дар асоси манфиатҳои миллӣ ошкор кардан муҳим аст. Муайян кардани объекти таҳдидҳо зарур

дониста мешавад. Яъне аниқ карда мешавад, ки кадом гурӯҳҳо ё афроди сиёсӣ метавонанд ба ҳамлаҳои муайяни расонаӣ осебпазиранд ва кадом арзишҳо ё ғояҳо тавассути амалиёти иттилоотӣ халалдор мешаванд. Муҳим аст, ки на танҳо камбудиҳои рақибони сиёсӣ, балки ҳадафҳои стратегии онҳоро низ муайян кард. Таҳлили стратегӣ инчунин омӯзиши хусусиятҳои аудиторияи мақсаднок, дарки онҳо дар бораи рӯйдодҳои ҷорӣ, муносибат ба ҳизбҳои мухталифи сиёсӣ, роҳбарон ва институтҳоро бо мақсади ташаккул додани маъракаи иттилоотии муассир дар бар мегирад.

Эҷод ва паҳн кардани иттилооти муфид стратегияи муваффақ шудан дар набардҳои иттилоотӣ метавонад ба ҳисоб равад. То он даме, ки низоми мустаҳкаму мусаллаҳи баёнияи иттилоотӣ сохта нашавад, на танҳо аз мавқеи сиёсӣ ҳимоя кардан, балки пайваста ба рақибон ҳамла намудан ва дар набардҳои иттилоотӣ пирӯз шудан ғайриимкон мебошад. Дар ин сурат инкишоф ва пешбурди симои мусбати худ, ки мушкилоти доғи ҷомеаро ҳал мекунад, дар муқоиса бо рақибонро бунёд созад. Дар баробари ин ба вуҷуд овардани симои манфии ҳариф, равшан кардани камбудиҳо, зиддиятҳо ё мушкилотҳои ахлоқӣ аҳаммияти калон дорад.

Таъсири мақсаднок ба гурӯҳҳои асосии аҳолӣ як қисми ҷудонашавандаи стратегияи муваффақ шудан дар набардҳои иттилоотӣ мебошад. Технологияҳои муосир имкон медиҳанд, ки платформа ё худ майдонҳои иттилоотии ҳузури умумии шунавандагонро дар шакли муассир ҳадаф қарор диҳанд, ки ин имкон медиҳад маводҳои таблиғотӣ ба таври дақиқ ҳадафрас бошанд. Дар ин замина муҳим аст, ки ҷомеаро ба гурӯҳҳои алоҳидаи дорои манфиатҳо, афзалиятҳо ва ақидаҳои гуногун тақсим кард, то ки роҳҳои мувофиқтарин барои паҳн кардани ахборот интихоб карда шаванд. Истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, мессенҷерҳои фаврӣ, блогнависон ва пешвоёни афкор имкон медиҳад, ки паёмҳои зарурӣ ба ҳар яке аз ин гурӯҳҳо расонида шавад. Масалан, вазъи сиёсиро метавон ба ҷавонон ҳамчун мубориза барои ҳуқуқу озодиҳои худ ва ба пиронсолон ҳамчун таҳдид ба суботу амнияти кишвар муаррифӣ кард. Муҳим он аст, ки иттилоот то ҳадди имкон фардӣ ва дастрас бошад ва эҳсосот омили асосии тағйирот дар афкори ҷамъиятӣ гардад.

«Панҷараи оҳанини ҳифзи иттилоот», он аз маълумотҳои нодуруст фазоро нигоҳ медорад. Иттилооти нодуруст ба эҷоди бесарусомонӣ сабаб гардида, он ба унсурҳои муҳимми набарди иттилоотии рақиб табдил меёбад. Ба рақибон на танҳо бо маълумоти манипулятсионӣ ё таҳрифшуда, балки инчунин маълумотҳое, ки тааҷҷуби пайравони онро ба миён меоварад, метавонад ҳамла кунад. Ин ҳолат на танҳо рақибонро овораи мутаҳиддии дохилӣ мекунад, балки ҳамчунин номуайяниро ба вуҷуд меорад, ки қобилияти рақибро барои вокуниши муассир ба тағйироти вазъи сиёсӣ заиф мекунад.

Истифода ва воситаи манипулятсионӣ низ як қисми стратегияи набардҳои иттилоотӣ мебошад. Дар замони ноустувории сиёсӣ, бӯҳрони иқтисодӣ ё нооромиҳои иҷтимоӣ субъектони таҳдид ва набардҳои иттилоотӣ метавонанд бо истифода аз вазъият мавқеи худро мустаҳкам кунанд ва мавқеи рақиби худро заиф созанд. Бӯҳронҳо имкон медиҳанд, ки афкори ҷомеа тавассути эҷоди тарс, кина ва ё ҳисси таҳдид идора карда шавад. Масалан, касе метавонад рақибони худро ҳамчун нотавон ва ё омода набуда барои идоракунии бӯҳрон тасвир кунад ва ба ин васила симои худро ҳамчун ҳалкунанда ва салоҳиятдор тақвият бахшад.

Таҳлили мушкилоти пешбурди набардҳои иттилоотӣ, аз ҷумла муайян намудани имкониятҳои банақшагирии тадбирҳо оид ба татбиқ ё инъикоси таъсири иттилоотӣ, равшантар муайян намудани самтҳои асосии набарди иттилоотиро талаб мекунад. Асосан дар фазои иттилоотии интернетӣ ҳашт самти асосии бархӯрди манфиатҳо ҷой дорад: «мубориза бо низоми идоракунии иттилоотӣ, амалиёти иттилоотӣ ва иктишофӣ (кашшофӣ), муборизаи электронӣ, муборизаи равонӣ, муборизаи хакерӣ, муборизаи кибернетикӣ ва шабакавӣ» [7, 122 – 169].

Бо тартиби дигар, сенарияи пирӯзӣ дар бархӯрди манфиатҳо тавассути набардҳои иттилоотӣ як модели стратегӣ мебошад, ки дар он захираҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ силоҳи асосии расидан ба ҳадафҳо, хоҳ дар сиёсат, иқтисод, ҳаёти иҷтимоӣ ё муносибатҳои байналмилалӣ мегарданд.

Мақсади асосии муноқишаҳои иттилоотӣ ин тағйир додани тассавурот дар бораи воқеияти бозингарони асосӣ (давлатҳо, гурӯҳҳои сиёсӣ, элитаҳо, шаҳрвандон) ва шуури омма мебошад, ки боиси заиф шудани мавқеи рақиб, аз даст додани боварӣ ба амалкарди ӯ ва маҳрум шудани қобилияти идоракунии вазъият мегардад. Унсурҳои набардҳои иттилоотӣ метавонанд пинҳон, ноаён ва ғайримустақим бошанд, ки ин онҳоро махсусан самаранок мегардонад. Баръакси низоъҳои анъанавии ҳарбӣ, набардҳои иттилоотӣ хусусияти мураккаб доранд, зеро онҳо на танҳо ба нобудсозии душман, балки барои заифшавии маънавию равонӣ ва иҷтимоии он низ нигаронида шудаанд.

Воситаи дигари муҳимми ҷангҳои иттилоотӣ, ин амалиёти равонӣ мебошад, ки ба паст кардани руҳияи душман нигаронида шудааст. Он метавонад аз коҳиш додани эътимод ба пешвоёни сиёсӣ ва таъсиррасонӣ ба аҳолӣ барои аз даст додани боварӣ ба қобилияти мақомот дар ҳалли самараноки мушкилот иборат бошад. Дар ин гуна набардҳо калиди эҷоди «таҳрифи воқеият» аст, ки душман дар амалу қарорҳои худ шубҳа мекунад, ҳамоҳангии дохилӣ ва қобилияти вокуниш ба таҳдидҳоро аз даст медиҳад.

Ҳамлаҳои киберӣ низ ҷузъи ҷудонашавандаи мақсадҳои стратегии набардҳои иттилоотӣ мебошанд. Дар ҷаҳоне, ки ахборот ва иртибот нақши калидӣ доранд, ин ҳамлаҳо як воситаи муассир барои нобуд кардани инфрасохтори душман, халалдор кардани кори созмонҳои муҳим, системаҳои иртиботӣ ва табодули маълумот мебошанд. Киберҳамлаҳо метавонанд муассисаҳои давлатӣ, бахшҳои тиҷорат, системаҳои молиявиро фалаҷ кунанд ва шабакаҳои муҳимми иртиботро халалдор созанд, ки боиси бесарусомонӣ ва номуташаккилӣ гарданд. Дар баробари ин, ҳамлаҳои зерин аксар вақт нодида гирифта мешаванд, ки ошкор кардани онҳоро душвор ва ҳатто хатарнок мекунанд.

Илова бар ин, нақши шабакаҳои иҷтимоӣ ва ВАО-и навро дар ҷангҳои иттилоотӣ қайд кардан зарур аст. Дар ҷаҳони имрӯза ин платформаҳо метавонанд ҳам барои паҳн кардани ҳақиқат ва ҳам барои эҷоди ривоятҳои бардурӯғ хидмат кунанд. Шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд барои паҳн кардани овозаҳо, таҳрики афкори ҷамъиятӣ, ҳамоҳангсозии амалҳо, фишор ба мақомот истифода шаванд. Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ҳангоме ки иттилоот зуд ва муассир паҳн мешавад, идоракунии ин ҷараёнҳо як абзори муҳим дониста мешавад.

Яке аз ҷузъҳои муҳимми зиддиятҳои расонаӣ дахолат ба равандҳои сиёсӣ дар давлати дигар мебошад. Ин метавонад мудохила ба интихобот, тақаллубкорӣ дар натиҷаҳои овоздиҳӣ, паҳн кардани маълумоти бардурӯғ дар бораи номзадҳо ё кӯшиши эҷоди фазои норозигӣ ва бесарусомонӣ дар байни интихобкунандагон бошад. Технологияҳои муосир имкон медиҳанд, ки фаъолияти мазкур пинҳонӣ, самаранок ва дар сатҳи ҷаҳонӣ анҷом дода шаванд. Давлатҳои рӯ ба инкишофро зарур аст, ки бар зидди ин навъи стратегияи набардҳои иттилоотии шабакаҳои иттилоърасон, гуруҳҳои алоҳида, неруҳои манфиатдор стратегияи муқобилиятиро созмон диҳанд.

Мафҳуми бархӯрди кибернетикӣ, ки ба амалиёти ҳарбии ба иттилоот нигаронидашуда дахл дорад, ҳоло дар соҳаи ҳарбӣ, бахусус муноқишаҳои шадид, бештар ва зиёдтар аҳаммият пайдо кардааст. Набарди киберӣ, инчунин дар мафҳуми васеътари "инқилоб дар корҳои низомӣ" - истифодаи технологияҳои нав ва муҳимтар аз ҳама, татбиқи тағйироти ташкилӣ ва идоракунӣ дар соҳаи ҳарбӣ инъикос ёфтааст.

Аз ҷониби дигар, нақши мубориаи шабакавӣ дар муноқишаҳои шиддати паст ва баргузории ба истилоҳ «амалиёти ғайр аз ҷанг», инчунин дар муноқишаҳо, амалҳои террористӣ ва дигар ҷиноятҳои дорои хусусияти ғайриҳарбӣ меафзояд. Дар баробари ин, мафҳуми набарди шабакавӣ бештар ба шакли ташкилии муқовимат, ки аз имконоти

иттилоотӣ истифода мекунад, на муборизаи воқеии зиддиинфрасохтори иттилоотии душман ишора мекунад. Гузашта аз ин, мафҳуми набарди шабакавӣ истифодаи инфрасохтори иттилоотии душманро барои мақсадҳои худ дар назар дорад.

***Хулоса.*** Бархурди манфиатҳо дар фазои иттилоотӣ мазмуни асосии фаъолият дар роҳи ҳифзи манфиатҳои миллиро дар шароити муосири иттилоотикунонии тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳад. Стратегия ва нигоҳи футурологӣ дар ҳимояи манфиатҳои миллӣ, мустаҳкам намудани асосҳо ва захираҳои ҳокимияти давлатӣ, муташшакилгардонии муносибати тамоми таркиботи институтсионалии системаи сиёсии ҷомеа, аҳаммияти махсус дорад. Иттилоот воситаи асосии қудрат, нуфуз ва манбаи қавии ҳокимият дар шароити муосири инкишоф метавонад баромад кунад.

Дар шароити вусъати набардҳои иттилоотӣ сенарияи ғолиб омадан ва ҳифзи манфиатҳо муносибати навро ба амнияти миллӣ тақозо мекунад, ки дар он иттилоот воситаи асосии таъсиррасонӣ мегардад. Дарки он муҳим аст, ки дар ҷаҳони муосир ғолибият на танҳо тавассути воситаҳои анъанавӣ, яъне бо қувваи ҳарбӣ, балки бо роҳи муборизаҳо, набардҳои иттилоотӣ, идораи ахборотии афкори ҷамъиятӣ, эҷод ва паҳн кардани хабари муфид ва истифодаи расонаҳои нав барои таъсир расонидан ба бозигарони асосии бархӯрдҳо ба даст меояд. Набардҳои иттилоотӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи мунокишаҳои гибридӣ мебошанд, таҳияи стратегияҳои ҳамаҷониба, ки дифои киберӣ, идоракунии самараноки ҷараёни иттилоот ва вокуниши фаврӣ ба таҳдидҳоро дар бар мегиранд, талаб мекунанд. Ҳимояи манфиатҳо дар чунин шароит на танҳо таҳкими системаҳои миллии иттилоотӣ ва эҷоди устуворӣ ба манипулятсияҳои беруна, балки инчунин фаъолона истифода бурдани захираҳои иттилоотии шахсии худро барои ташаккули ривоятҳои мусоид, ки ба аудиторияи дохилӣ ва хориҷӣ таъсир мерасонанд, дар бар мегирад. Сенарияи ғолиб омадан дар шароити набардҳои иттилоотӣ дар қобилияти зуд мутобиқ шудан ба таҳдидҳои тағйирёбанда, истифодаи самараноки захираҳои иттилоотӣ ва таҳияи механизмҳои мудофиавӣ, ки субот ва амниятро дар шароити васеъшавии фазои иттилоотӣ таъмин мекунанд, таҷассум меёбад.

## АДАБИЁТ:


1. Брусницын Н.А. Информационная война и безопасность. - М., 2001. – 176 с.
2. Губанов Д.А., Новиков Д.А., Чхартишвили А.Г. Модели информационного влияния и информационного управления в социальных сетях//Проблемы управления № 5, 2009.–С. 28-35
3. Доценко Е. Л. Психология манипуляции: феномены, механизмы и защита. - М.: ЧеРо, Издательство МГУ, 1997. - 344 с.
4. Информационное противоборство и безопасность [Захираи электронӣ] URL: Тема 5. Информационное противоборство и безопасность (nicbar.ru) (санаи муроҷиат: 02. 02. 25 с.)
5. Информационное противоборство. Четвертое измерение противостояния /В. С. Пирумов, А. Г. Шнайдер, и д.р. - М.: Оружие и технологии, 2010. – 252 с.
6. Федоров А.В. Информационная безопасность в мировом политическом процессе: учеб. пособие. - М.: МГИМО-Университет, 2006. – 220 с.
7. Федоров А.В., Зиновьева Е.С. Информационная безопасность: политическая теория и дипломатическая практика. - М.: МГИМО-Университет, 2017. – 359 с.

ТДУ 681.3+04:297(575.3)

# ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ТАРҒИБИ ИДЕЯҲОИ ИСЛОМИ СИЁСӢ: МУШКИЛОТ, УСУЛҲО ВА ПАЙОМАДҲОИ ОН

**РАҶАБАЛИЕВ Ф.З.**
*Унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Мақолаи мазкур ба таҳлили амиқи истифодаи шабакаҳои интернетӣ, бахусус платформаҳои иҷтимоӣ, барои паҳн намудани ғояҳои исломгароии сиёсӣ ихтисос ёфтааст. Ҳадафи калидии таҳқиқот аз баррасии хусусиятҳои фарқкунанда, стратегияҳои амалӣ, механизмҳои ҷалбсозӣ ва таъсири ин гуна фаъолияти тарғиботӣ ба амнияти давлатӣ ва минтақавӣ, махсусан аз дидгоҳи кишварҳои Осиёи Марказӣ, иборат аст.*

*Дар ин тадқиқот методологияи таҳқиқ, ки усулҳои таҳлили мундариҷа, таҳлили гуфтумон (дискурс) ва омӯзиши мисолҳои мушаххас (кейс-стади)-ро фаро мегирад, муфассал ифода ёфтааст. Муаллиф имтиёзҳои фазои интернет барои гурӯҳҳои исломгароӣ сиёсӣ, аз ҷумла дастрасии фарох, арзонӣ, фазои асосӣ ва технологияҳои истифодашаванда дар тарғиботи онлайнро муайян мекунад. Диққати махсус ба навъҳои ҷалби онлайн ва тундгароӣ, инчунин хароҷоти нисбатан паст, имкони беномӣ ва фаромарзиро мавриди таҳлил қарор ба мутобиқсозии паёмҳои таблиғотӣ ба шароитҳои маҳаллӣ ва забонӣ дода мешавад. Дар мақола фаъолияти таблиғотии гурӯҳҳои мушаххас ба монанди “ДОИШ”, “Ал-Қоида” ва “Ҳизб-ут-Таҳрир” дар киберфазо ва нуфузи онҳо ба аудиторияи мақсаднок дар Тоҷикистон ва давлатҳои ҳамсоя таҳқиқ шудааст. Дар қисми хотимавӣ, пайомадҳои тарғиботи интернетӣ барои амният ва ҷомеа баҳогузорӣ карда мешавад. Роҳҳо ва тадбирҳои муқовимат дар сатҳҳои меъёрии ҳуқуқӣ, техникӣ, иттилоотӣ-мафкуравӣ ва пешгирикунанда, ҳамзамон аҳаммияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин арса пешниҳод мегарданд.*

**Калидвожаҳо:** *Исломгароии сиёсӣ, интернет, платформаҳои иҷтимоӣ, таблиғот, ифротгароӣ, радикализм, киберфазо, ҷалбкунӣ, муқовимат, амнияти иттилоотӣ, Осиёи Марказӣ, ДОИШ, Ҳизб-ут-Таҳрир.*

# ПРОПАГАНДА ПОЛИТИЧЕСКОГО ИСЛАМИЗМА В ИНТЕРНЕТЕ: АНАЛИЗ ПРОБЛЕМ, МЕТОДОВ И ПОСЛЕДСТВИЙ

**РАДЖАБАЛИЕВ Ф.З.**
*Соискатель Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*Данная статья посвящена углубленному анализу использования интернета, в частности социальных платформ, для распространения идей политического исламизма. Ключевой целью исследования является изучение отличительных особенностей, практических стратегий, механизмов вербовки и влияния подобной пропагандистской деятельности на государственную и региональную безопасность, особенно в контексте стран Центральной Азии.*

*В статье подробно описывается методология исследования, включающая методы контент-анализа, дискурс-анализа и изучения конкретных случаев (кейс-стади). Автор анализирует преимущества интернет-пространства для политических исламистских групп, такие как широкий доступ, относительно низкие затраты, возможность анонимности и трансграничность, а также определяет основные платформы и технологии, используемые в онлайн-пропаганде. Особое внимание уделяется моделям онлайн-вербовки и радикализации, а также адаптации пропагандистских сообщений к местным и языковым условиям. В статье исследуется пропагандистская деятельность конкретных групп, таких как ИГИЛ, Аль-Каида и Хизб ут-Тахрир, в киберпространстве и их влияние на целевую аудиторию в Таджикистане и соседних государствах. В*

*заключительной части оцениваются последствия интернет-пропаганды для безопасности и общества, а также предлагаются пути и меры противодействия на нормативно-правовом, техническом, информационно-идеологическом и превентивном уровнях, одновременно подчеркивается важность международного сотрудничества в этой сфере.*

**Ключевые слова**: *Политический исламизм, интернет, социальные платформы, пропаганда, радикализм, экстремизм, киберпространство, вербовка, противодействие, информационная безопасность, Центральная Азия, ИГИЛ, Хизб ут-Тахрир.*

## PROPAGANDA OF POLITICAL ISLAMISM ON THE INTERNET-WORRS ANALYSIS OF CHALLENGES, METHODS, AND CONSEQUENCES

**RADZHABALIEV F.Z.**
*Applicant of the Institute of philosophy, law and political science named after A. Bahoviddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*This article is dedicated to an in-depth analysis of the use of Internet networks, particularly social platforms, for disseminating ideas of political Islamism. The key research odim is to study the distinctive features, practical strategies, recruitment mechanisms, and the impact of such propaganda activities on state and regional security, especially within the context of Central Asian countries.*

*The article details the research methodology, which includes methods of content analysis, discourse analysis, and case studies. The author examines the advantages of the internet space for political Islamist groups, such as broad accessibility, relatively low costs, the possibility of anonymity, and transboundary reach, and identifies the main platforms and technologies used in online propaganda. Special attention is given to online recruitment and radicalization models, as well as the adaptation of propaganda messages to local and linguistic conditions. The article investigates the propaganda activities of specific groups like ISIS, Al-Qaeda, and Hizb ut-Tahrir in cyberspace and their influence on target audiences in Tajikistan and neighboring countries. In the concluding part, the consequences of internet propaganda for security and society are assessed, and ways and measures of counteraction at the normative-legal, technical, informational-ideological, and preventive levels are proposed, while also emphasizing the importance of international cooperation in this sphere.*

**Keywords:** *Political Islamism, internet, social platforms, propaganda, radicalism, extremism, cyberspace, recruitment, counter-measures, information security, Central Asia, ISIS, Hizb ut-Tahrir.*

Падидаи исломгароии сиёсӣ дар давраи муосир ба яке аз омилҳои муҳимми таъсиррасон ба равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мубаддал гаштааст. Гурӯҳҳои гуногуни исломгарои сиёсӣ, ки аз ҷараёнҳои нисбатан муътадил то созмонҳои тундраву террористиро дар бар мегиранд, бо истифода аз шиорҳои динӣ барои дастёбӣ ба ҳадафҳои сиёсии худ талош мекунанд. Дар ин замина, рушди бошитоби технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, алалхусус интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, ба ин гурӯҳҳо имкониятҳои фавқулода васеъро барои густариши идеологияи худ, ҷалби тарафдорон ва сафарбар намудани онҳо фароҳам сохтааст. Интернет ба як минбари калидӣ барои таблиғи идеологияҳои мухталиф, аз ҷумла ақидаҳои ифротию радикалӣ табдил ёфтааст. Ин гурӯҳҳо аз имкониятҳои интернет монанди дастрасии ҷаҳонӣ, арзиши ками паҳнкунии иттилоот, суръати баланд, имкони махфӣ мондан ва иртиботи мустақим бо аудиторияи мақсаднок ба таври устокорона истифода менамоянд [4].

Таҳлили масъалаи тарғиби исломгароии сиёсӣ дар шабакаҳои интернетӣ аз нуқтаи назари таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ, бахусус барои кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорои аҳаммияти хос мебошад [1]. Минтақаи Осиёи Марказӣ бинобар омилҳои мухталифи геополитикӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва таърихӣ ҳамеша дар доираи таваҷҷуҳи гурӯҳҳои ифротгаро қарор дорад. Тарғиботи онлайнӣ метавонад ба субот ва ҳамзистии мусолиматомези ҷомеаҳои минтақа таъсири манфӣ

расонида, ба афзоиши таассуб, радикализм ва экстремизм, алалхусус дар миёни ҷавонон, замина фароҳам оварад. Аз ин лиҳоз, дарки амиқи илмии механизмҳо, усулҳо ва стратегияҳои тарғиботи онлайнӣ барои тарҳрезӣ ва амалисозии чораҳои самарабахши муқовимат ва пешгирии ин зуҳуроти хатарнок зарур ва саривақтист. Натиҷаҳои ин таҳқиқот метавонанд барои мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва коршиносони соҳа дар мубориза бо ифротгароӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ судманд бошанд. Ҳадафи асосии ин мақола таҳлили ҳамаҷонибаи хусусиятҳо, стратегияҳо, механизмҳо ва оқибатҳои тарғиби исломгароии сиёсӣ дар шабакаҳои интернетӣ мебошад.

Мавзуи истифодаи шабакаҳои интернетӣ барои паҳн кардани идеологияҳои ифротгаро, аз ҷумла исломгароии сиёсӣ, дар маркази диққати доираҳои илмӣ ва сиёсии ҷаҳон қарор дорад.

Исломгароии сиёсӣ як зуҳуроти мураккаб ва гуногунпаҳлӯ буда, доираи васеи ҳаракатҳо, созмонҳо ва идеологияҳоеро дар бар мегирад, ки мақсади асосии онҳо ба даст овардани қудрати сиёсӣ ва бунёди ҷомеаи дар асоси таълимоти исломӣ (чи тавре ки онро дарк мекунанд) дар назар дошта мешавад. Гарчанде ҳар кадоми онҳо дорои ҷанбаҳои маънoии хоси худ мебошанд, мафҳуми зерин бо истилоҳоти дигар ба монанди "исломи сиёсӣ", "бунёдгароии исломӣ" ё "радикализми исломӣ" ҳаммаъно зуд-зуд истифода мешавад, [8]. Таърихан исломгароии сиёсӣ ҳамчун аксуламал ба мустамликадорӣ, ғарбгароӣ, дунявият ва мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар кишварҳои исломӣ ба вуҷуд омадааст. Аз асри XX сар карда, ҷараёнҳои гуногуни исломгарои сиёсӣ, аз қабили "Ихвон-ул-муслимин" дар Миср, "Ҷамоати исломӣ" дар Покистон ба саҳнаи сиёсӣ ворид шуданд (фаъолияти ҳамаи онҳо бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди он манъ аст!). Дар асри XXI, бо таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, инқилобҳои иттилоотӣ ва шиддат гирифтани вазъи геополитикӣ, исломгароии сиёсӣ шаклҳои нав гирифтааст. Аз як тараф, ҷараёнҳои мӯътадиле мавҷуданд, ки дар доираи низомҳои сиёсии амалкунанда фаъолият намуда, барои ислоҳот кӯшиш мекунанд. Аз ҷониби дигар, ҷараёнҳои радикалӣ ва ифротгаро, ба монанди Ал-Қоида ва ДОИШ, (фаъолияти ҳамаи онҳо бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди кишвар манъ аст!) бо истифода аз зӯроварӣ ва терроризм барои расидан ба ҳадафҳои худ "ҷиҳоди ҷаҳонӣ"-ро эълон кардаанд. Ин гурӯҳҳо тафсири хоси худро аз ислом пешниҳод намуда, ҳама гуна мухолифон, аз ҷумла мусулмонони дигарандешро "кофир" мешуморанд [2].

Пайдоиш ва густариши интернет ба фаъолияти гурӯҳҳои исломгарои сиёсӣ, махсусан ҷараёнҳои радикалӣ, имкониятҳои фаровон муҳайё сохт. Интернет ба як фазои нави амалиёти идеологӣ табдил ёфт, ки дорои афзалиятҳои зиёд барои гурӯҳҳои таблиғотӣ мебошад. Интернет имкон медиҳад, ки паёмҳои таблиғотӣ ба аудиторияи азим дар саросари олам, новобаста аз марзҳои давлатӣ, расонида шаванд. Дар қиёс бо ВАО-и анъанавӣ (телевизион, радио, рӯзномаҳо), паҳн кардани иттилоот тавассути интернет хеле камхарҷ аст. Таъсиси вебсайт, саҳифа дар шабакаи иҷтимоӣ ё канали видеоӣ хароҷоти камро тақозо мекунад. Иттилоот дар интернет бо суръати баланд паҳн мешавад [5]. Хабарҳо, изҳорот ва маводи таблиғотӣ метавонанд дар як муддати кӯтоҳ ба ҳазорон нафар дастрас гарданд. Шабакаҳои иҷтимоӣ имкони муоширати дуҷонибаро бо аудитория фароҳам меоранд. Гурӯҳҳои таблиғотӣ метавонанд бо ҷонибдорони худ бевосита дар тамос бошанд, ба саволҳои онҳо посух диҳанд ва онҳоро ба мубоҳисаҳо ҷалб намоянд. Интернет имкон медиҳад, ки маводи таблиғотӣ дар шаклҳои гуногун – матн, акс, аудио, видео, графикаи компютерӣ – пешниҳод карда шавад, ки ин самаранокии онро меафзояд. Амалиёт дар интернет аз ҷониби давлатҳои миллӣ ба душворӣ назорат карда мешавад. Гурӯҳҳо метавонанд аз як кишвар ба аудиторияи кишвари дигар таъсир расонанд. Шабакаҳои иҷтимоӣ имкони пинҳон кардани шахсияти аслиро фароҳам меоранд, ки ин барои аъзои гурӯҳҳои ифротгаро, ки аз таъқиби қонунӣ ҳарос доранд, муҳим аст [6]. Гурӯҳҳои исломгарои сиёсӣ, бахусус онҳое, ки

фаъолияташон тибқи қонун дар кишварашон манъ карда шудааст, ба таври васеъ ба фазои маҷозӣ рӯ овардаанд. Интернет ба онҳо имкон медиҳад, ки берун аз ҳудуди кишвари худ таблиғот баранд. Алалхусус шабакаҳои иҷтимоӣ, дар байни ҷавонон хеле маъмул ва таъсирбахш буда метавонанд. Гурӯҳҳои ифротгаро ҳолати мазкурро дарк намуда, саъй мекунанд, ки тавассути мухтавои ҷолиб ва интерактивӣ ҷавононро ба сафи худ ҷалб намоянд. Ҷавонон, ки аксаран дар ҷустуҷӯи маънои зиндагӣ, адолат ва мансубият ба гурӯҳе ҳастанд, метавонанд ба осонӣ ба доми таблиғот гирифтор шаванд. Шабакаҳои интернетӣ барои ташкили шабакаҳои махфии иртиботӣ, ҳамоҳангсозии фаъолият ва сафарбар намудани ҷонибдорон барои амалҳои мушаххас (аз эътирозҳо то амалҳои террористӣ) имкониятҳои фарох фароҳам меоранд. Паёмрасонҳои рамзгузоришуда (encrypted messengers) барои ин мақсадҳо ба таври густурда истифода мешаванд. Баъзе гурӯҳҳо аз интернет барои ҷамъоварии маблағ тавассути хайрияҳои онлайнӣ ё дигар усулҳои пинҳонӣ истифода мебаранд [3].

Гурӯҳҳои исломгарои сиёсӣ барои расидан ба мақсадҳои худ дар фазои маҷозӣ аз стратегияҳо ва технологияҳои мухталиф истифода мекунанд. Ин стратегияҳо пайваста такмил ёфта, ба тағйирёбии муҳити онлайн ва чораҳои муқовимат мутобиқ мегарданд.

Муҳтавои тарғиботи исломгароии сиёсӣ дар интернет хеле гуногунранг аст, аммо баъзе мавзуъҳо ва паёмҳои калидӣ такрор мешаванд, ки ба муҳимтаринашон инҳо дохиланд: шикоят аз беадолатӣ ва ситам, танқиди ҳукуматҳои дунявӣ ва “куфр”, даъват ба “исломи пок” ва “салафи солеҳ”, тафсири интихобӣ ва ғаразноки дин, эҷоди симои душман таҳти унвони “мо” ва “онҳо”, ваъдаҳои хаёлӣ ва ғайра [7].

Тарғибгарон аксар вакт ба мушкилоти воқеии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дар кишварҳои мусулмоннишин (камбизоатӣ, коррупсия, набудани озодиҳо) ишора карда, ҳукуматҳои мавҷударо дар ин нокомиҳо муттаҳам мекунанд ва исломро ҳамчун роҳи ягонаи ҳалли ин мушкилот муаррифӣ менамоянд. Ҳукуматҳои дунявии кишварҳои мусулмоннишин ва давлатҳои ғарбӣ ҳамчун “душманони ислом” ва “тобеи Ғарб” тасвир карда мешаванд. Қонунҳои дунявӣ “ғайриисломӣ” эълон шуда, даъват ба сарнагун кардани ин ҳукуматҳо ва барпо намудани “давлати исломӣ” ё “хилофат” садо медиҳад. Тарғибгарон иддао мекунанд, ки онҳо пайрави “исломи ҳақиқӣ ва пок” – и даврони Паёмбари ислом ва саҳобагон (“салафи солеҳ”) мебошанд ва дигар мусулмонон аз роҳи рост каҷ шудаанд. Онҳо тафсири хушк ва ҳарфии матнҳои диниро пешниҳод мекунанд. Оятҳои Қуръон ва ҳадисҳоро аз контексти таърихӣ ва маъноии худ ҷудо карда, барои асоснок кардани ақидаҳои ифротгароёна ва амалҳои зӯроваронаи худ истифода мебаранд. Мафҳумҳоеро чун “ҷиҳод”, “такфир” (кофир эълон кардан), “ҳиҷрат” ва “байъат” (савганд ёд кардан ба амир) ба маънои маҳдуд ва радикалиаш истифода мекунанд. Аз нуқтаи назари онҳо ҷаҳон ба ду қутб – “мо” (мусулмонони “ҳақиқӣ”, муҷоҳидон) ва “онҳо” (кофирон, мунофиқон, душманони ислом) – ҷудо карда мешавад. Чунин амал барои барангехтани эҳсосоти манфӣ нисбат ба “душман” ва таҳкими ҳамбастагӣ дар дохили гурӯҳ хидмат мекунад. Ба ҷонибдорон ваъдаи зиндагии беҳтар дар “давлати исломӣ”-и оянда, адолати иҷтимоӣ, озодӣ ва дар ниҳоят, “биҳишт” дода мешавад. Ин ваъдаҳо хусусан барои ҷавонони маъюс ва шахсоне, ки дар ҷустуҷӯи маънои ҳаёт ҳастанд, ҷолиб буда метавонанд [6].

Гурӯҳҳои исломгарои сиёсӣ аз доираи васеи фазои интернетӣ истифода мебаранд:

–Вебсайтҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ: Барои интишори баёнияҳо, мақолаҳои идеологӣ, фатвоҳо, китобҳо ва дигар маводи тарғиботӣ. Ин вебсайтҳо аксар вақт бо забонҳои гуногун фаъолият мекунанд.

–Шабакаҳои иҷтимоӣ (Facebook, Twitter, Instagram, ВКонтакте, Odnoklassniki): Барои паҳн кардани паёмҳои кӯтоҳ, аксҳо, видеоҳо, ҷалби аудиторияи васеъ ва ташкили ҷомеаҳои онлайнӣ. Бо вуҷуди сиёсати маҳдудкунандаи ин шабакаҳо, гурӯҳҳо тавассути эҷоди саҳифаҳои нав ва истифодаи усулҳои пинҳонкорӣ фаъолияти худро идома медиҳанд [3].

–Паёмрасонҳо (Telegram, WhatsApp, Signal): Барои иртиботи пинҳонӣ, ҳамоҳангсозии фаъолият, паҳн кардани дастурҳо ва маводи ҳассос хизмат мекунанд. Каналҳои Telegram ба як воситаи муҳимми тарғибот ва ҷалб барои бисёр гурӯҳҳои ифротгаро табдил ёфтааст.

–Шабакҳои видеоӣ (YouTube, TikTok, Vimeo): Барои интишори наворҳои видеоии тарғиботӣ, аз ҷумла суханрониҳои “амирон”, нашидҳо (сурудҳои динӣ), саҳнаҳои ҷангӣ ва ҳатто эъдомҳо. Видеоҳои кӯтоҳ ва эҳсосотӣ дар TikTok барои ҷалби ҷавонон истифода мешаванд [6].

–Форумҳо ва блогҳо: Барои мубоҳисаҳои идеологӣ, ҷалби ҷонибдорон ва посух ба саволҳо. Дар баъзе мавридҳо, унсурҳои тарғиботӣ ҳатто дар муҳити бозиҳои онлайнӣ ворид карда мешаванд.

Тарғибгарони исломи сиёсӣ аз техника ва усулҳои гуногуни равонӣ ва технологӣ истифода мебаранд. Маводи тарғиботӣ аксар вақт ба таври касбӣ омода шуда, аз эффектҳои визуалӣ ва садоии ҷолиб истифода мекунанд, то таваҷҷуҳи аудиторияро ҷалб намоянд. Нашидҳо – сурудҳои динӣ бо оҳанги ҳаяҷоновар ва матни идеологӣ – барои бедор кардани эҳсосот ва таҳкими рӯҳияи ҷангҷӯёна васеъ истифода мешаванд. Ривоятҳои “ҷолиб” ва эҳсосотӣ дар бораи “қаҳрамонӣ”-и муҷоҳидон, “зулм”-и душманон ва “адолат”-и исломӣ эҷод месозанд. Ин ривоятҳо барои сода кардани воқеияти мураккаб ва таъсир ба эҳсосоти аудитория хидмат мекунанд.

Истифодаи аккаунтҳои сохта барои паҳн кардани шарҳҳои иғвоангез, таҳқири мухолифин ва эҷоди фазои тарс дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби паҳнкунандагони исломи сиёсӣ васеъ истифода мешавад. Онҳо аз интишори маълумоти бардурӯғ ва таҳрифшуда барои бадном кардани “душманон” ва ҷонибдорӣ аз ақидаҳои худ кор мегиранд. Барои таъсиррасонии равонӣ аз автоматикунонии паҳнкунии паёмҳо, зиёд кардани шумораи «лайкҳо»ва репостҳо барои эҷоди таассуроти дастгирии васеи мардумӣ истифода мекунанд. Ин мутобиқ кардани паёмҳо ба хусусиятҳои равонӣ ва эҳтиёҷоти гурӯҳҳои мушаххаси аудитория масалан, ҷавонони эҳсосотӣ, шахсони дар ҳолати бухронӣ қарордошта таъсири амиқ мерасонад [7].

Раванди ҷалбкунӣ ва радикализатсияи онлайнӣ аксар вақт аз чанд марҳила иборат аст: шиносоӣ ва ҷалби ибтидоӣ, ғарқ шудан дар идеология, таҳкими мансубият ва ҷудошавӣ аз ҷомеа ва сафарбаркунӣ ба амалиёти фаъол. Шахс тасодуфан ё тавассути ҷустуҷӯ ба маводи тарғиботӣ дучор меояд. Агар муҳтаво ба эҳтиёҷот ё мушкилоти ӯ мувофиқат кунад (масалан, эҳсоси беадолатӣ, ҷустуҷӯи маъно), таваҷҷуҳи ӯ афзоиш меёбад. Шахс ба таври мунтазам маводи тарғиботиро истеъмол мекунад, ба гурӯҳҳои онлайнӣ ҳамроҳ мешавад ва бо аъзои дигар муоширaт мекунад. Дар ин марҳила ҷаҳонбинии ӯ тадриҷан тағйир ёфта, идеологияи гурӯҳро қабул мекунад. Алоқа бо дӯстон ва оилаи пешина, ки ақидаҳои нави ӯро қабул надоранд, коҳиш меёбад. Мансубият ба ҷамоаи маҷозии “бародарон” ва “хоҳарон” мустаҳкам мешавад. Дар марҳилаи ниҳоӣ, шахс метавонад барои анҷом додани амалҳои мушаххас, аз ҷумла паҳн кардани тарғибот, ҷалби аъзои нав, маблағгузорӣ ё ҳатто иштирок дар амалҳои зӯроварона ва террористӣ, сафарбар карда шавад [9]. Нақши муоширати онлайн ва ҷамоаҳои маҷозӣ дар ин раванд хеле калон аст. Онҳо ба шахс эҳсоси мансубият, дастгирӣ ва эътирофро медиҳанд, ки шояд дар ҳаёти воқеӣ аз онҳо маҳрум бошад.

Барои баланд бардоштани самаранокии тарғибот, гурӯҳҳои исломгарои сиёсӣ паёмҳои худро ба хусусиятҳои забонӣ ва фарҳангии аудиторияи мақсаднок мутобиқ месозанд. Онҳо маводҳои тарғиботиро ба забонҳои маҳаллӣ, аз ҷумла забони тоҷикӣ, ӯзбекӣ, қирғизӣ ва ғайра, барои ҷалби аудитория дар Осиёи Марказӣ тарҷума ва таҳия мекунанд [12]. Аз норозигии мардум аз камбизоатӣ, бекорӣ, фасод ва дигар мушкилоти иҷтимоӣ барои асоснок кардани зарурати “тағйирот” дар асоси ислом истифода мебаранд. Баъзан унсурҳои фарҳанги маҳаллӣ ба таври интихобӣ дар паёмҳои тарғиботӣ ворид карда мешаванд, то онҳо барои аудиторияи маҳаллӣ “ошно” ва “фаҳмо” бошанд.

Фазои маҷозии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, ба ҳадафи фаъолияти тарғиботии гурӯҳҳои гуногуни исломгарои сиёсӣ ва террористӣ табдил ёфтааст. Таҳлили амалиёти онҳо имкон медиҳад, ки стратегияҳо ва тактикаҳои истифодашаванда беҳтар фаҳмида шаванд. Масалан, созмони террористии ДОИШ (Давлати исломии Ироқу Шом) яке аз аввалин гурӯҳҳое буд, ки аз имкониятҳои интернет барои тарғибот, ҷалб ва сафарбаркунӣ ба таври васеъ ва касбӣ истифода намуд. Дар авҷи "қудрат"-и худ (солҳои 2014-2016), ДОИШ мошини пурқудрати медиавиро ба кор андохта, маводи тарғиботии босифатро бо забонҳои гуногун, аз ҷумла забонҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, таҳия ва паҳн мекард. Истифодаи видеоҳои ҷолиб бо саҳнаҳои ҷангӣ, нашидҳо, ваъдаҳои "ҳаёти хушбахтона" дар "хилофат", таҳдид ба "душманон", ҷалби ҷангиёни хориҷӣ, аз ҷумла аз кишварҳои Осиёи Марказӣ мушоҳида карда мешавад. Онҳо аз шабакаҳои иҷтимоӣ ба монанди Twitter ва Telegram хеле фаъолона истифода мебурданд. Пас аз шикастҳои низомӣ ва аз даст додани қаламравҳои худ, фаъолияти медиавии ДОИШ коҳиш ёфт, аммо комилан аз байн нарафт. Онҳо ба тактикаҳои боз ҳам махфитар гузашта, ба паҳн кардани идеология тавассути шабакаҳои пӯшида ва ҷалби "гургони танҳо" (lone wolves) такя карданд. Тарғиботи ДОИШ то ҳол дар фазои маҷозӣ, аз ҷумла дар сегменти тоҷикии интернет, ба назар мерасад.

Ал-Қоида, ки қабл аз ДОИШ ба арсаи "ҷиҳоди ҷаҳонӣ" ворид шуда буд, низ аз интернет барои паҳн кардани идеологияи худ истифода мекунад. Дар муқоиса бо ДОИШ, тарғиботи Ал-Қоида бештар ба масъалаҳои назариявӣ ва идеологӣ такя менамояд. Ал-Қоида ва гурӯҳҳои вобаста ба он (масалан, дар нимҷазираи Араб ё Мағриб) аз вебсайтҳо, форумҳои онлайнӣ ва нашрияҳои электронӣ (ба монанди маҷаллаи "Inspire") истифода мебаранд [9]. Паёмҳои онҳо аксар вақт ба танқиди сиёсати Ғарб, даъват ба "ҷиҳод" ва пешниҳоди дастурҳо барои анҷом додани амалҳои террористӣ бахшида шудаанд.

Ҳизб-ут-Таҳрир ал-Исломӣ як созмони сиёсии фаромиллӣ буда, ҳадафи асосии худро барпо намудани "Хилофат" эълон кардааст. Фаъолияти ин созмон дар бисёр кишварҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ, мамнӯъ аст. Бо вуҷуди ин, Ҳизб-ут-Таҳрир дар фазои маҷозӣ хеле фаъол мебошад. Ташкили лексияҳои онлайнӣ, паҳн кардани варақаҳо ва китобҳои электронӣ, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои ҷалби ҷонибдорон, хусусан дар байни ҷавонон ва зиёиён яке аз самтҳои фаъолияти он мебошад. Паёмҳои онҳо аксар вақт ба танқиди низомҳои сиёсии мавҷуда, "дахлнопазирии ислом" ва зарурати "ҳукмронии шариат" бахшида шудаанд. Онҳо аз зӯроварӣ ба таври ошкоро пуштибонӣ намекунанд, аммо идеологияи онҳо метавонад заминаро барои радикализатсияи баъдӣ фароҳам оварад.

Нақши интернет дар фаъолияти дигар гурӯҳҳои исломгарои сиёсии фаъол дар минтақа низ қобили таваҷҷуҳ аст. Ғайр аз ДОИШ, Ал-Қоида ва Ҳизб-ут-Таҳрир, дигар гурӯҳҳои исломгарои сиёсӣ ва ифротгаро низ дар фазои маҷозии Осиёи Марказӣ фаъолият мекунанд. Аз ҷумла: Ҳаракати исломии Ӯзбекистон (ҲИӮ) ва гурӯҳҳои вобаста ба он, Ансоруллоҳ (Ҷамоати Ансоруллоҳ), ҷараёнҳои хурдтари салафӣ ва такфирӣ ва ғайра(*фаъолияти ҳамаи онҳо бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди ҷумҳурӣ манъ аст*!). Гурӯҳҳои хурд ва ячейкаҳои пинҳонии салафӣ ва такфирӣ низ метавонанд дар интернет барои паҳн кардани ақидаҳои худ ва ҷалби ҷонибдорон фаъолият намоянд [1].

Тарғиботи исломгароии сиёсӣ дар шабакаҳои интернетӣ дар Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсоя ба гурӯҳҳои мушаххаси аҳолӣ нигаронида шудааст:

− Ҷавонон:Ин гурӯҳ бо сабаби хусусиятҳои синнусолӣ (ҷустуҷӯи идеалҳо, эҳсосотӣ будан, майл ба радикализм), истифодаи фаъолонаи интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, инчунин мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ (бекорӣ, набудани дурнамои равшан) осебпазиртарин ба шумор меравад.

− Муҳоҷирони меҳнатӣ: Шахсоне, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷи кишвар қарор доранд, метавонанд бо сабаби надоштани маълумот, зудбоварӣ дурӣ аз Ватан, эҳсоси танҳоӣ, мушкилоти иқтисодӣ ва дастрасии осон ба интернет ба доми тарғибот афтанд.

− Занон: Гарчанде ки аксар вақт мардон ҳадафи асосии ҷалбкунандагон мебошанд, дар солҳои охир таваҷҷуҳ ба ҷалби занон низ афзоиш ёфтааст. Занон метавонанд ҳамчун тарғибгарон, ҷалбкунандагон ё “ҳамсарони муҷоҳидон” истифода шаванд.

Оқибатҳо барои амният:

− Афзоиши хатари терроризм ва экстремизм: Тарғиботи онлайнӣ метавонад ба радикализатсияи афрод ва ташаккули гурӯҳҳои нави экстремистӣ мусоидат карда, хатари анҷом додани амалҳои террористиро афзоиш диҳад.

− Радикализатсияи ҷавонон: Ҷавонон, ки осебпазиртарин гурӯҳи иҷтимоӣ мебошанд, метавонанд таҳти таъсири тарғиботи онлайнӣ ба идеологияҳои ифротгаро гаравида, ба сафи гурӯҳҳои террористӣ пайванданд ё дар кишвари худ амалҳои ғайриқонунӣ (террористӣ) анҷом диҳанд.

− Таҳдид ба суботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ: Паҳншавии идеологияҳои ифротгаро метавонад ба ташаннуҷи авзои сиёсӣ, барангехтани низоъҳои мазҳабӣ ва миллӣ ва дар ниҳоят, ба халалдор шудани суботи давлат ва ҷомеа оварда расонад.

− Ҷалби ҷангиёни хориҷӣ: Интернет ҳамчун воситаи муассир барои ҷалби шаҳрвандон ба сафи созмонҳои террористии байналмилалӣ дар минтақаҳои даргир (Шарқи Наздик ва Афғонистон) хидмат мекунад.

Оқибатҳо барои ҷомеа:

− Паҳншавии таҳаммулнопазирӣ ва бадбинӣ: Тарғиботи ифротгароӣ ба паҳншавии таҳаммулнопазирӣ нисбат ба дигарандешон, пайравони динҳои дигар ва гурӯҳҳои этникӣ мусоидат мекунад.

− Қутббандии ҷомеа: Идеологҳои ифротгаро метавонанд ҷомеаро ба гурӯҳҳои мухолиф тақсим карда, ҳамбастагии иҷтимоиро халалдор созанд.

− Тахрибӣ арзишҳои дунявӣ ва миллӣ: Тарғиботи исломгароии сиёсӣ аксар вақт бар зидди арзишҳои дунявӣ, демократӣ ва миллӣ нигаронида шуда, кӯшиш мекунад, ки онҳоро бо арзишҳои динии тафсири ифротгароёна иваз намояд.

− Таъсири манфӣ ба шуури ҷамъиятӣ: Паҳншавии доимии маводи тарғиботӣ метавонад ба тадриҷан тағйир ёфтани шуури ҷамъиятӣ, бахусус дар байни ҷавонон, ва қабули ғояҳои радикалӣ ҳамчун як чизи “муқаррарӣ” оварда расонад.

Муқовимат ба тарғиботи исломгароии сиёсӣ дар шабакаҳои интернетӣ бояд ҳамаҷониба буда, дар чанд самт амалӣ карда шавад:

Самти ҳуқуқӣ:

− Такмили қонунгузорӣ дар соҳаи мубориза бо киберэкстремизм ва кибертерроризм, бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва хусусиятҳои миллӣ.

− Муайян кардани масъулияти провайдерҳои интернетӣ ва соҳибони платформаҳои онлайнӣ барои паҳн накардани маводи ифротгароӣ.

− Тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқӣ барои таъқиби ҷинояткорони киберӣ.

Самти техникӣ:

− Маҳдуд кардани дастрасӣ ба маводи ифротгароӣ тавассути бастани вебсайтҳо ва саҳифаҳои дахлдор (бо риояи қонун ва ҳуқуқи инсон ба дастрасӣ ба иттилоот).

− Мониторинги мунтазами фазои маҷозӣ барои ошкор ва пешгирии паҳншавии маводи тарғиботӣ.

− Таҳия ва истифодаи технологияҳои нав (масалан, зеҳни сунъӣ) барои муайян кардани муҳтавои ифротгароӣ.

Самти иттилоотӣ-мафкуравӣ:

− Таҳия ва паҳн кардани контрнарративҳо (паёмҳое, ки бевосита идеологияи ифротгароёнро рад мекунанд) ва алтернативнарративҳо (паёмҳое, ки арзишҳои мусбӣ, ба монанди таҳаммулпазирӣ, ҳамзистии осоишта, ватандӯстӣ ва исломи муътадилро тарғиб мекунанд).

− Баланд бардоштани саводнокии медиавӣ ва рақамии аҳолӣ, хусусан ҷавонон, то онҳо тавонанд маълумоти дурустро аз бардурӯғ фарқ кунанд ва ба таъсири тарғибот муқовимат нишон диҳанд.

− Ҷалби рӯҳониёни мӯътадил, зиёиён ва пешвоёни афкори ҷамъиятӣ ба корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тарғиби арзишҳои созанда.

Самти пешгирикунанда (профилактикӣ):

− Кор бо гурӯҳҳои осебпазир (ҷавонон, муҳоҷирон, шахсони дар ҳолати буҳронӣ қарордошта) барои баланд бардоштани устувории онҳо ба таъсири идеологияҳои ифротгаро.

− Баланд бардоштани нақши маориф, оила ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба қонун.

− Ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки метавонанд заминаро барои норозигӣ ва гароиш ба ифротгароӣ фароҳам оваранд.

Мубориза бо тарғиботи ифротгароии сиёсӣ дар шабакаҳои интернетӣ, ки хусусияти фаромарзӣ дорад ва ҳамкориҳои фаъоли байналмилалиро тақозо мекунад. Ин ҳамкориҳо метавонанд дар самтҳои мубодилаи иттилоот ва маълумоти фаврӣ оид ба фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ дар интернет, мубодилаи таҷриба ва технологияҳои пешқадам дар соҳаи муқовимат ба киберэкстремизм, ҳамоҳангсозии талошҳо дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ барои таҳияи стратегияҳои ягонаи мубориза, расонидани кумаки техникӣ ва машваратӣ ба кишварҳое, ки дар ин соҳа ба дастгирӣ ниёз доранд ва ғайра амалӣ карда шаванд [10].

Таҳлили ҳамаҷонибаи тарғиби исломгароии сиёсӣ дар шабакаҳои интернетӣ нишон медиҳад, ки ин падида як таҳдиди ҷиддӣ ба амнияти миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ маҳсуб меёбад. Интернет ба як абзори муассир дар дасти гурӯҳҳои ифротгаро ва террористӣ барои паҳн кардани идеологияи худ, ҷалби ҷонибдорон ва сафарбар намудани онҳо табдил ёфтааст. Дар ҷараёни тадқиқот мафҳум ва моҳияти исломгароии сиёсӣ дар шароити муосир, хусусиятҳои интернет, ки онро барои тарғибот ҷолиб мегардонанд, стратегияҳо, усулҳо ва платформаҳои асосии истифодашаванда аз ҷониби гурӯҳҳои исломгарои сиёсӣ, механизмҳои ҷалбкунӣ ва радикализатсияи онлайн, инчунин фаъолияти гурӯҳҳои мушаххас дар фазои маҷозии Осиёи Марказӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтанд. Оқибатҳои манфии ин падида барои амният ва ҷомеа арзёбӣ гардида, роҳҳои муқовимат дар сатҳҳои гуногун баррасӣ шуданд [11].

Дар фарҷом метавон хулоса кард, ки:

− Интернет ба гурӯҳҳои исломгарои сиёсӣ имкониятҳои беназирро барои дастрасӣ ба аудиторияи васеъ, паҳн кардани паёмҳои худ бо суръат ва арзиши кам, махфӣ мондан ва ташкили шабакаҳои пинҳонӣ фароҳам овардааст:

− Стратегияҳои тарғиботи онлайнӣ пайваста такмил ёфта, аз усулҳои гуногуни технологӣ ва психологӣ, аз ҷумла истифодаи мултимедиа, қиссапардозӣ, ҳадафгирии равонӣ ва мутобиқсозии забониву фарҳангӣ истифода мебаранд.

− Раванди ҷалбкунӣ ва радикализатсияи онлайн аксар вақт марҳилавӣ буда, нақши ҷамоатҳои маҷозӣ ва муоширати мустақим дар он хеле муҳим аст. Ҷавонон ва муҳоҷирони меҳнатӣ аз гурӯҳҳои осебпазиртарин ба шумор мераванд.

− Тарғиботи исломгароии сиёсӣ дар интернет ба амнияти миллӣ ва минтақавӣ таҳдид намуда, ба афзоиши хатари терроризм, радикализатсияи ҷомеа ва халалдор шудани субот мусоидат мекунад.

− Муқовимат ба ин падида бояд ҳамаҷониба буда, чораҳои ҳуқуқӣ, техникӣ, иттилоотӣ-мафкуравӣ, пешгирикунанда ва ҳамкориҳои байналмилалиро дар бар гирад.

Тадқиқоти ин соҳа метавонад ба рушди донишҳои илмӣ дар арсаи сиёсатшиносӣ, омӯзиши амният, низоъшиносӣ ва медиакоммуникатсия саҳми арзанда гузорад. Натиҷаҳои он метавонанд аз ҷониби сохторҳои давлатии масъули амният ва мубориза бо экстремизм, ниҳодҳои таҳлилӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳия ва татбиқи стратегияҳои муқовимат ба ифротгароии онлайнӣ истифода шаванд. Дар интиҳо якчанд тавсия барои пешгирӣ ва мубориза бо паҳншавии исломгароии сиёсӣ тавассути шабакаҳои интернетӣ пешниҳод мегардад:

– Тақвияти мониторинги фазои маҷозӣ барои ошкор ва маҳдуд кардани маводи ифротгароӣ.

– Дастгирии таҳия ва паҳн кардани муҳтавои алтернативӣ ва контрнарративҳо бо забонҳои маҳаллӣ.

– Баланд бардоштани саводнокии медиавӣ ва рақамии аҳолӣ, хусусан ҷавонон.

– Тақвияти ҳамкориҳо бо ширкатҳои технологӣ ва соҳибони платформаҳои онлайнӣ барои пешгирии паҳншавии муҳтавои зараровар.

– Гузаронидани тадқиқоти мунтазам оид ба тамоюлҳои нави тарғиботи онлайнӣ ва арзёбии самаранокии чораҳои муқовимат.

## АДАБИЁТ:

1. Абдуллоев, Ш. Исломи сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ: таҳдидҳо ва воқеият. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 250 с.
2. Алимов, Р.К. Кибертерроризм как новая угроза международной безопасности //Вестник Таджикского национального университета. Серия юридических наук. – 2020. – №2. – С. 115-123.
3. Бергер, Ҷ.М. Экстремизм. – Москва: Альпина Паблишер, 2017. – 288 с. (тарҷума аз англисӣ)
4. Вейманн, Г. Терроризм в киберпространстве: Новая арена глобальной войны. – Москва: Аспект Пресс, 2018. – 350 с. (тарҷума аз англисӣ)
5. Қосимов, Н. Нақши шабакаҳои иҷтимоӣ дар радикализатсияи ҷавонон //Масъалаҳои сиёсатшиносӣ. – Д., 2021. – №1. – С. 45-58.
6. Berger, J.M., & Morgan, J. The ISIS Twitter Census: Defining and Describing the Population of ISIS Supporters on Twitter. The Brookings Project on U.S. Relations with the Islamic World. Analysis Paper No. 20, March2015. https://www.brookings.edu/research/the-isis-twitter-census/ (санаи муроҷиат: 12.04.2025).
7. Conway, M. Determining the Role of the Internet in Violent Extremism and Terrorism: Six Suggestions for Progress in Research //Studies in Conflict & Terrorism. – 2017. – Vol. 40, No. 1. – P. 77-98.
8. Kepel, G. Jihad: The Trail of Political Islam. – Cambridge, MA: Harvard University Press, 2002. – 454 p.
9. Neumann, P. R. Radicalized: New Jihadists and the Threat to the West. – London: I.B. Tauris, 2016. – 256 p.
10. United Nations Counter-Terrorism Centre. The Use of the Internet for Terrorist Purposes. New York: United Nations, 2017. [Манбаи электронӣ].–Реҷаи дастрасӣ: https://www.un.org/counterterrorism/ctitf/sites/www.un.org.counterterrorism.ctitf/files/UNCCT%20Report%20on%20Internet_April2017.pdf (санаи муроҷиат: 10.04.2025).
11. Ҳомидов, С.С. Муқовимат бо экстремизми динӣ дар шабакаи интернет: таҷрибаи Тоҷикистон // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Силсилаи фалсафа ва ҳуқуқ. - 2022. - №3. - С. 78-89.
12. Раҷабалиев Ф.З. Заминаҳои пайдоиши исломи сиёсӣ дар Тоҷикистон. (солҳои 70-80-уми асри XX) // Паёми ДМТ, 2023. №5. Саҳ. 277-283.

ТДУ 321.01+323:1(575.3)

# ҶОЙГОҲИ АХЛОҚ ВА ХАРАКТЕРИ МИЛЛӢ ДАР ТАШАККУЛИ МЕНТАЛИТЕТИ ШАХС ВА МИЛЛАТ

**МУЗАФФАРӢ М.**
*Доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷиксиитон, директори Маркази антропологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақола масъалаи ҷойгоҳи ахлоқ ва характери миллӣ дар таносуби якдигар мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муайян намудани мавқеи ин ду омил худҳадаф набуда, равшан намудани мазмуни онҳо дар сарнавишти миллат ҳадафи таҳлилу баррасӣ қарор гирифт.*
*Чунин ҳадаф водор месозад, ки худи мафҳуми "ахлоқ" дуруст муайян шавад. Дар ин раванд, муайян намудани предмети худи ахлоқ мушкилии зиёдеро ба миён овардааст, ки муаллиф дар ин мақола шарҳу тафсири худро пешниҳод менамояд.*

*Дар қисми дуввуми мақола муаллиф масъалаи мавҷуд будани сифатҳои манфиро дар табиати инсон мавриди таҳлил қарор додааст.*

*Бо мақсади асоснок намудани андешаҳо дар бораи вуҷуд доштани чунин сифатҳо дар табиати инсон, муаллиф андешаҳои баъзе аз мутафаккиронро дар бораи чунин омилҳо пешкаши хонанда гардонидааст. Баҳри равшантар баён намудани ин андешаҳо муаллиф ифодашавии омилҳои зикршударо дар мисоли табиати анатомию физиологии инсон нишон додааст. Ба ақидаи муаллиф, раванди ҷаҳонишавӣ ин сифатҳоро дар ҳаёти иҷтимоиву фардии инсон хеле назаррас ошкор намудааст.*

**Калидвожаҳо***: ахлоқ, хислат, миллат, асосҳои ахлоқ, дин, фарҳанг.*

# МЕСТО НРАВСТВЕННОСТИ И НАЦИОНАЛЬНОГО ХАРАКТЕРА В ФОРМИРОВАНИИ МЕНТАЛИТЕТА ЛИЧНОСТИ И НАЦИИ

**МУЗАФФАРИ М.**
*Доктор философских наук, профессор, член-корр. Национальной академии наук Таджикистана, директор Центра антропологии Национальной академии наук Таджикистана*

*В статье речь идет о месте нравственности и национального характера в судьбе нации. Определение двух названных фактора, не являясь самоцелью, оно необходимо для выявления их значимости в судьбе той или иной нации.*

*Такой аксиологический подход позволяет более адекватно определить смысл понятия нравственности. В этом плане определение границ нравственности стало дополнительной задачей для автора статьи.*

*Во второй части статьи, автор ставит вопрос о наличии качеств агрессивности в человеческой природе. Для подтверждения данной идеи, приводятся воззрения отдельных мыслителей относительно проявления элементов агрессивности в поведении человека.*

*С целью обоснования наличия в природе человека признаков агрессивности, автор статьи обращается к оценке анатомо-физиологических и эмоциональных проявлений в деятельности человека. Эти проявления стали более заметны в наши дни в процессе глобализации индивидуальной и социальной жизни людей.*

**Ключевые слова:** *нравственность, характер, нация, основы нравственности, религия, культура.*

# THE PLACE OF MORALITY AND NATIONAL CHARACTER IN THE FORMATION OF THE MENTALITY OF THE INDIVIDUAL AND NATION

**MUZAFFARI M.**
*Doctor of Philosophy, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Director of the Center of Anthropology of National Academy of Sciences of Tajikistan*

*The article deals with the place of morality and national character in the destiny of a nation. The definition of the two named factors is not an end in itself, it is necessary to identify their significance in the destiny of a particular nation.*

*Such axiological approach allows to more adequately define the meaning of the concept of morality. In this regard, defining the boundaries of morality has become an additional task for the author of the article.*

*In the second part of the article, the author raises the question regarding the presence of aggressive qualities in human nature.*

*To confirm this idea, the views of some thinkers are cited regarding the manifestation of elements of aggressiveness in the biological nature of human.*

*In order to substantiate the presence of aggression in human nature, the author of the article addresses an assessment of the anatomical, physiological and emotional manifestations in human activity. These manifestations are more noticeable nowadays in the process of globalization of individual and social life of the human.*

**Keywords:** *morality, character, nation, foundations of morality, religion, culture.*

...Аз ин сабаб дар раванди ҳаёти шахсию ҷамъиятӣ арзишгузории ахлоқро ба таъхир гузоштан, чунин натиҷа дорад, ки мо пойбанди мушкилоти вазнинтаре хоҳем гашт. Бинобар ин, санҷиш бо меъёрҳои ахлоқӣ дар ҷамъият, дар муносибат бо одамон, нисбат ба санҷиши муносибат миёни ду ва якчанд шахс, муфидтар ва арзишмандтар аст.

Дар ҷамъият воқеаҳои гуногун ва ҳодисаҳои ғайричашмдошт рӯй медиҳанд. Чунин гуногунрангии ҳодисаҳо шахси мушоҳидакорро маҷбур месозад, ки бо дарназардошти сифатҳои ахлоқии худ, бо ченаки меъёрҳои ахлоқӣ фаъолияти дигаронро арзишгузорӣ кунад.

Равшан намудани решаҳои пайдоиши ҷаҳолат кори заҳматталаби илмист. Дар ҷустуҷӯи асосҳои пайдоиши ҷаҳолат яке аз мутафаккирони Ғарб И.Кант ба чунин хулоса омада буд, ки решаи ҷаҳолат дар ботини инсон, дар шакли ниҳон мавҷуд аст. Бо ин далел ӯ иқрор дошт, ки инсон табиатан монанди ҳайвон сифати аҳриманиро низ дорост [4].

Дар таърихи фарҳанг мутафаккирони зиёде кӯшиш намудаанд, ки сарчашмаи зулмоту ноадолатиро муайян созанд. Дар натиҷа решаи бадкориро гоҳ дар тинати инсон ва гоҳ дар мавҷудияти шайтон маънидод намудаанд. Сифатҳои манфии инсонро ба шайтон ва сифатҳои мусбатро ба худи инсон нисбат додаанд.

Бархе аз муҳаққиқон бар чунин ақидаанд, ки бадӣ дар шакли объективӣ вуҷуд надорад. Ин ақида аз он мебарояд, ки худи ҳолатҳои "бадӣ", "зулм" ва "беадолатӣ" ҳолатҳои нисбиянд. Ниёгон бар он ақидаанд, ки бадӣ ва беадолатӣ вуҷуд доранд, вале бе сифати мухолифи худ пурра фаҳмидашаванда нахоҳанд буд. Ин сифатҳо дар қиёси якдигар хуб даркшавандаанд.

Масалан, тибқи ақоиди авастоӣ некӣ ва бадӣ – ақоиди ҳамеша муқобили якдигар вуҷуд доранд. Яке аз ин ду нерӯ ҳангоми аз миён рафтанаш, олами моддӣ шакли дигарро мегирад ва дар фарҷоми кайҳон танҳо яке аз нерӯ – некӣ боқӣ хоҳад монд. Ба ибораи дигар, рушноӣ (некӣ) бар зулмот (бадӣ) ғолиб меояд ва вайро комилан аз байн хоҳад бурд [2].

Некӣ ва бадӣ дар тинати шахс сурат гирифта, дар тарозуи ахлоқ ҳарду баробарвазн вуҷуд доранд. Тафовути ин ду ҳолати равонию хирадиро нисбат ба якдигар мо танҳо бо меъёрҳои ахлоқӣ метавонем равшан созем.

Одатан равиши тафаккур дар ду самт, яъне ба сӯи некӣ ва бадӣ равон аст. Фаҳмиши таносуби ин ду нерӯ донистани меъёрҳои ахлоқиро металабад. Ҳолатҳои ахлоқии худбинӣ ва худпарастӣ, сифатҳое мебошанд, ки инсон, агар аз онҳо озод бошад, ҳар чӣ бештар шояд қобили қабули атрофиён гардад. Дар озод шудан аз ин сифатҳои ахлоқӣ шахс бояд ҳар чӣ бештар ба хирад такя кунад. Мафҳумҳои "худбин" ва "худпараст" дар маънои этимологияшон танҳо дорои маънои манфӣ нестанд. Аз решаи калимаи "худ" мафҳумҳои "худшиносӣ", "худогоҳӣ" ва ғайра ҳолатҳои ахлоқии мусбат пайдо шудаанд. Вале калимаҳои "худбин" ва "худпараст", ки аз мафҳуми "худ" реша гирифтаанд, бо сабаби тобиши ахлоқӣ доштанашон, ҳамчун сифатҳои манфӣ дарк мешаванд. Ахлоқ ҳамчун падидаи хоси инсонӣ на танҳо барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки пеш аз ҳама, баҳри оромии ботинии шахс зарур ва ҳатмист. Ахлоқ тафаккури инсонро аз сифатҳои манфӣ озод менамояд.

Таҳқиқоти анатомию физиологӣ нишон медиҳанд, ки ҳолатҳои эҳсосӣ на танҳо дар асоси равишҳои психикӣ, балки ҳолатҳои тасаввури ахлоқӣ низ сурат мегиранд. Ин ҳолатҳо метавонанд бо роҳи воридшавӣ ба таҳтулшуур боиси кирдори мусбат ва ё манфии одамон гарданд. Бесабаб нест, ки тасаввури манфӣ ба ахлоқ вобаста, ҳолатҳои психофизиологии манфиро ба миён меоварад [7].

Равандҳои навини таҳаввули иҷтимоӣ дар заминаи рушди технологӣ метавонанд ба дигаргунии муносибатҳои ахлоқӣ оварад. Дигаргуншавии арзишҳои ҷомеа ва пайдоиши шакли нави онҳо, бегумон ба дигаргуншавии арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ оварда мерасонанд. Дар ҳаёти имрӯза пурра ворид шудани техника ва технологияи нави компютерӣ, табиати муошırати бевоситаи одамонро тадриҷан аз байн мебарад, ки ин афзалияти риоя намудани принсипҳои анъанавии ахлоқро коҳиш медиҳад. Дигаргуншавии шароити зисти одамон дар деҳот, оҳиста – оҳиста хусусияти шаҳрнишиниро гирифта, зарурати риояи анъана ва иҷрои урфу одату расму русумро дар миёни мардум шояд ба тадриҷ аз байн барад, ки ин бешубҳа ба ахлоқи одамон таъсир хоҳад расонд.

Дар шароите, ки аксарияти одамон бо истифода аз таҷҳизоту технологияи навин баҳри рӯзгузаронӣ саргарми кору зиндагии хешанд, вақт барои муошırати бевосита намемонад ва ҳар кас кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки барои қонеъ гардонидани табиати маънавии худ ҷаҳони кӯчаке биофарад, то ки ӯро аз парешонҳолию дармондагӣ муҳофизат намояд. Чунин ҳолат сабаби бегонашавӣ миёни одамон гашта, дар натиҷа, муносибат миёни одамон сурати механикӣ мегирад ва афрод бинобар заиф шудани ҳисси инсондӯстӣ, масъулияти иҷтимоӣ ба риояи меъёрҳои ахлоқӣ камтар таваҷҷуҳ медиҳанд. Нахустин нишонаҳое, ки ҳатман ба вазъияти ногувор мерасонад, ин авҷ гирифтани ҳодисоти фарҳангӣ, ки берун аз меъёри оммавист. Дар чунин вазъият гурӯҳе аз одамон фаъолияти яроқбадастон, филмҳои зӯроварӣ, расмҳои марду зани бараҳна, ахбори мунтазам дар бораи дуздиву ҷинояткориро мунтазиранд.

Фарогирии маданияти оммавӣ ва фазои густурдаи иттилоотие, ки ин омил дорад, хотираи одамонро аз маълумотҳои нолозим пурра сохта, бо ин роҳ дар шакли ташаккулнаёфтаи низоми ахлоқии ҷомеа ва алалхусус низоми ахлоқии ташаккулнаёфтаи насли наврас аломатҳо ва ҳаракатҳои ғайриахлоқиро ба воя расониданашон мумкин. Амалҳои аз равону хирад берун омада метавонанд шуури ахлоқии мардумро коста ва вайрон созанд. Имрӯзҳо қисми зиёди одамон беҳбудии зиндагиро дар қонеъ гардонидани талаботи ҷисмонии худ мебинанд. Дониш, ақида, маънавиёт барои баъзе аз онҳо он қадар ҳам арзише надоранд. Дар шуури одамон ақидае ҷойгир шудааст, ки мувофиқи он талаботи асосии инсон ва асоси ахлоқ дар зинда мондан ва мутобиқшавӣ ба вазъият аст.

Кӯшиши мутобиқшавӣ ба муҳити атроф ва бо ин усул зиндагиро пеш бурдан, шахсро албатта аз роҳҳои гуногуни муносибат оҳиста – оҳиста дур месозад.

Масалан, ҳолати равонию ахлоқие, ки дар фарҳанги Ғарб ҷой дорад, ин боварӣ ба таълимоти психоаналитикӣ мебошад. Ин таълимот асоси равонию ахлоқии фаъолияти инсонро дар завқи табиии ӯ мебинад. Баъзеҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки аз чунин завқ худро дар канор гиранд, нафарони дигаре дар зери фишори чунин ғариза мондаанд.

Баъзе аз ҷавонон бар чунин ақидаанд, ки гӯё тафаккур, чунонки дар боло зикр шуд, дар муқоиса бо ҷисм ҳеҷ аст. Аз ин ҷо, қонеъ кардани талаботи ғаризаҳои табиӣ, хоҳиши шаҳват, зӯроварӣ ва ғайра бештар диққати ҷавононро ба худ ҷалб намудаанд.

Хушбахтона, бархе аз шахсон озодиро дар дониш ва илм мебинанд. Қайд кардан зарур аст, ки ибтидои ҳама гуна амали ахлоқӣ ва ғайриахлоқӣ аз фаҳмиш ва шакли ҷаҳонбинӣ вобаста аст.

Масъулияти ахлоқии шаҳрванд ва яке аз сифатҳои асосии шахс дар зиндагӣ накӯкор будан аст. Нарасонидани зарар ба дигарон, ба муҳити атроф яке аз сифатҳои бунёдиест, ки сифатҳои дигари ахлоқӣ барои он ҳамчун шоху панҷа ба ҳисоб меравaнд. Бо боварӣ гуфтан мумкин нест, ки дар замони муосир зараровaрӣ кам шуда бошад.

Зарар бошад ба се намуд тақсим аст: зарари ҷисмонӣ, равонӣ ва ақлонӣ. Ҳар кадоме аз онҳо тобиши ахлоқӣ дорад ва моҳиятан мафҳумҳои ахлоқиянд. Зарари ҷисмонӣ шакли содатарини зарар аст. Таъсири зарари равонӣ ба системаи хаёл, ирода, фикр ва эҳсосоти инсон мерасад. Зарари ақлонӣ бошад, таъсираш ба тамоми вуҷуди инсон расида, вазнинтарин ва давомноктарин зарар ба шумор меравад. Масалан, агар мо шахсро бо хотираи хуб надоштанаш маҳкум кунем, ё ин ки бигӯем: “Шумо бе ирода ё бе диққат мебошед”, шояд шахс чандон аз мо наранҷад. Агар мо шахсро ба беақлӣ ва бехирадӣ айбдор кунем, вай аз мо дар ҳақиқат ранҷиданаш мумкин. Сабаби чунин дарк дар он аст, ки хирад сифати моҳиятии инсон аст. Эҳсосот, хотира ва ғайра сифатҳои равонӣ дар ҳайвон ҳам вуҷуд доранд, вале ҳангоме, ки сухан дар бораи “хирад” меравад, ин сифат танҳо сифати хоси инсонӣ бувад. Аз ин рӯ, надоштани хирад ва ё шахси бехирад, ба ҳайвон баробар аст.

Имрӯзҳо бо таъсири раванди глобализатсия навъҳои гуногуни зарaррасонӣ ба миён омадаанд, яъне зарaррасонии иқтисодӣ, молиявӣ, озуқавӣ, техникӣ, ахборотӣ ва ғайра.

Аз тарафи дигар, зарар дар кадом шакле сурат нагирад, дар натиҷа ба субъекти зарaррасон баргаштанаш аз эҳтимол берун нест. Дар ин бора, дар қонуни куҳанбунёди мардуми ориёитабор “Қонуни Мануҳ” гуфта шудааст: “Зарaррасон ҳатман мариз хоҳад шуд, шахси безарар саломат хоҳад монд” [9, 52].

Мутобиқи натиҷагирӣ аз коркарди ахлоқӣ, агар зарaррасон ҷазои худро аз тарафи қонун набинад, баъдан пушаймонӣ аз амалаш вайро гирифтори маризӣ ва дучори бадбахтиҳо хоҳад намуд. Набард бо виҷдони худ, тасаввури ӯро дастболо намуда, дар шакли асабонӣ ҷисму ҷони худро маҷрӯҳ месозад. Дар афкори ахлоқии ниёгон далелҳои зиёде мавҷуд аст, ки майли куштор оҳиста – оҳиста ба худкушӣ ба анҷом мерасад. То ҳатто, одати тамокукашӣ, ки аз як тараф, амали беозор аст, ифодашавии он майли зӯроварист.

Чунон ки дар боло зикр шуд, рукни сегонаи “пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек” – ро дар ҳақиқат бунёди асосии на танҳо таълимоти ниёгони мо, балки пояи ҳама гуна таълимоти ахлоқии умумибашарӣ шуморидан мумкин аст.

Пайдарҳамии ин рукни сегона тасодуфӣ нест. Фаҳмиши табиати инсон муаллифи ин рукнҳоро водор сохтааст, ки сарчашмаи амали инсонро муайян сохта, ифодашавӣ ва натиҷаи ҷараёни ин сарчашмаро равшан созад. Фикри инсон, чунон ки гуфтаанд, базрест, ки баъди пошидан мешукуфад ва гуфторро ба бор меоварад ва мутобиқи он рафтори одамӣ сурат мегирад. Аз ин сабаб, пайдарҳамии ин рукн, пайдарҳамии фикру гуфтору рафтор аст, чунки аз фикр гуфтор ва аз гуфтор рафтор сарчашма мегирад.

Бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки моҳияти инсон дар пиндору гуфтору рафтори ӯ ошкор мегардад. Ҳар як номувофиқатӣ миёни ин се рукн ҳақиқатро халалдор намуда, барои инсон зараровар аст. Бинобар ин, шахс бояд сарфи назар аз замон, макон ва шароити иҷтимоии мавҷудбуда, кӯшиш намояд, ки амалаш аз сухан ва суханаш аз андешааш сарчашма гирад. Фикр сарчашмаи амал аст, сухан бошад сарчашмаи саломатӣ ва ё маризист. Аз ин сабаб, мазмуни сухану шакли онро нигоҳ бояд дошт. Андешаҳои бофта ва нодуруст, риёкорӣ, махфӣ нигоҳ доштани хоҳиш, моҳияти покизагии инсонро нопок намуда, қобилияти ҳиссӣ ва дарки ҳадсиро хароб месозанд. Ин амалҳо аз ҳар як шахс масъулияти ахлоқиро талаб мекунанд.

Ахлоқи ҳамида аз шахс як қатор масъулияти ахлоқиро талаб мекунад. Пеш аз ҳама накӯкор будан. Яке аз сифатҳои асосии шахси накӯкор даст кашидан аз зарар нисбат ба олами атроф аст.

Масъулияти дигари ахлоқӣ берун будани шахс аз ҳарисӣ ва манфиатҷӯӣ мебошад. Масалан, ба яғмо бурдани ашёи ба кас тааллуқдошта, аз тарафи каси дигар, аз ҳарисии ӯ далолат мекунад. Агар шахс дар чунин ҳолат бошад, боз ду сифати дигар, яъне чашмгуруснагӣ ва бегонашавӣ ба ҳарисӣ зам мешаванд. Пӯшида нест, ки имрӯзҳо ҳадафи зиндагии як қатор одамон пулу мол, ҳаёти бодабдаба, бошукӯҳ ва дар натиҷа ифроткорӣ гаштааст.

Мутаассифона, нафароне дида мешаванд, ки бо мақсади ҳарҷӣ бештар ба даст овардани сарват ҳарифони худро аз байн мебаранд, гурӯҳҳоро муқобили якдигар равона месозанд, ҷангу кашмакашиҳои зиёдеро дар доираи ҷамъият ба миён меоваранд. Имрӯз ҳолате ба назар мерасад, ки асосҳои ахлоқиро ҳамчун арзиш пешниҳод менамоянд. Дар натиҷа нафароне, ки дар ин набарди ҳарисию манфиатҷӯӣ муваффақият ба даст намеоранд, ноком, бетолеъ ва бадбахт ҳисобида мешаванд. Мо бояд бифаҳмем, ки давлатманд шахсе нест, ки аз молу ашё беандоза таъмин аст, давлатманд касест, ки худбасанда, худдонанда ва хударзиш аст. Беҳуда нест, ки мутафаккири бузурги Юнони антиқа Арасту мефармояд: Ҳангоми интихоби дӯст, ту бояд шахсеро интихоб кунӣ, ки ӯ худ бе молу ашё чист ва кист? На он шахсеро, ки вай зиёд молу ашё дорад ва на он шахсеро, ки мардум вайро молу ашёдор меҳисобанд. Чунки ҳангоми аз даст додани молу ашёи худ, чунин шахс бе ҳеҷ мемонад, на молу ашёдор ва на дар тасаввури одамон, дигар сарватманд аст ва на худбасандаву хирадманд. Бинобар ин, агар кас дар майдони ҳарисӣ худро заиф ҳис кунад, шояд ин далели он бошад, ки ӯ табиатан аз фиреби саробмонанди зиндагӣ озод ва пок аст.

Аз ин сабаб моликияти шахсӣ дар ҷамъият бояд ҳаду ҳудуде дошта бошад ва ба меъёре ҷавобгӯ бошад. Рақобати пулу мол ва аз худ намудани ҳарҷи бештар сарват, на барои шахси алоҳида ва на барои ҷамъияту миллат манфиатовар аст.

Масъулияти дигари ахлоқӣ покдоман будан аст. Покдоманӣ худ қувваест, ки инсон ӯро барои ташаккули ҷисму равони худ истифода мебарад. Покшавӣ қисми таркибии тарбияи ҷисмонӣ ва равонист. Пок нигоҳ доштани ҷисму нафс аз ду амал иборат аст: покии зоҳирӣ ва покии ботинӣ.

Покии ботинӣ ё худ тозагии ботинӣ нисбат ба зоҳирӣ муҳимтар аст. Тоза нигоҳ доштани бадан яке аз талаботи ахлоқии инсон аст. Дар роҳи покии ботинӣ ва зоҳирӣ рафтан, ин маънои онро дорад, ки шахс аз нӯшидани шароб, тамокукашӣ, бадгӯӣ, фосиқӣ, дӯстӣ ва муошират бо одамони нопок дар канор аст. Ҳамаи ин амалҳо дар натиҷа хирадро норавшан ва тира сохта, шахс оҳиста–оҳиста ба амалҳои ғайриахлоқӣ даст мезанад. Усули покшавии ҷисм ва равони инсон нахостани муошират бо одамони нопок аст.

Масъулияти дигари ахлоқӣ дар худ ташаккул додани қаноатмандист. Дар фарҳанги имрӯзаи Аврупо қонеъ нашудан ба ҳама паҳлӯҳои зиндагӣ ҳисси мусбат ҳисобида мешавад, дар фарҳанги тоҷик бошад, қонеъ нашудан ҳисси манфист.

Тибқи табиати худ инсон ҳолати шахшударо намепазирад. Чунин ҳис, албатта, манфӣ нест. Гирифтори ҳисси қаноатмандӣ шудан низ, натиҷаи мусбатро намедиҳад.

Равшан аст, ки дар замони муосир талаботи беохири моддӣ, ба даст овардани сарвати зиёд, кашфи асрори табиат, дигаргун кардани он "манфиати" рӯзафзуни зиёде дар арзишиносии одамон ба миён овардааст.

Арзишҳои навин инсонро ба ҳаёти пурҷӯшу хурӯш, ба мубориза ва муваффақиятҳои моддӣ ба даст овардан, даъват мекунад. Ҳама гуна арзишҳои навин, эҳсосот, фикр ва ахлоқи навинро тақозо доранд.

Масъалаи таносуби рӯҳ ва ҷон аз масъалаҳои марказии фалсафаи асримиёнагии Шарқ ба шумор рафта ҷавҳари мубоҳисоти ғоявии даврро ташкил менамуда аст. Мутафаккирони машшоъ, ки Ибни Сино дар садри онҳо қарор дошт, пайрави равияи Арастуии масъала буда, дар пайравии ӯ таъкид мекунанд, ки рӯҳ ва ҷон аз ҳамдигар ногусастаниaнд [4, 74].

Мақсаду мароми асосии асари «Ҳай ибни Яқзони» Ибни Сино – пайдо кардани ҳамоҳангии ҳастӣ бо инсон, ба истилоҳи дигар – муайян намудани мақом ва мартабаи инсон дар ҳастӣ мебошад. Муҳаққиқон таъкид доранд, ки гарчанде Ибни Сино асосан арастугаро аст, «Ҳай ибни Яқзон»-ро ӯ дар пайравии Афлотун ва навафлотуниён навишта, дар онҳо қиссаҳои рамзиеро бо забони рамзӣ ҷой дода ифода намудааст [3, 181]. Қиссаи Ибни Сино як иродаи рамзии маротиби вуҷуд буда дар он рӯҳи нотиқаи инсон сайри маънавӣ менамояд. Он ҷаҳони моддиро тарк карда ба ҷаҳони улвӣ ворид мешавад ва дар он ҷо сайр менамояд. Ҷаҳони мазкур ҷаҳонест, ки дар тасаввури инсон мавҷуд буда дар он рӯҳи инсон оид ба ҳақи-қатҳои фалсафӣ маълумот ба даст меорад. Яъне, сафари мазкури руҳ як навъи муҷоҳида ва худшиносии инсон аст, ки он барои такмили маънавии хеш татбиқ мегардад.

Арасту дар "Рисолаи Нафси" худ ин масъаларо таъкид намуда, исбот мекунад, ки рӯҳи наботӣ ё ҳайвонӣ воқеан аз ҷони худ ҷудо гардида, мемиранд ва ба пӯсишу нобудӣ мерасанд, аммо рӯҳи инсон, ки рӯҳи ақлонӣ аст, абадӣ буда, аз ҷони фонӣ ҷудо мешавад.

Дар ин радиф Арасту андешаи Анаксагорро далел оварда мегӯяд, ки аввалан, фаъолияти ақл, ки тафаккур аст, «имконият» мебошад. Он чиро, ки мо дар рӯҳ бо номи ақл ёд мекунем, бо чизе махлут нест ва бо чизҳои шаклдор пайванде надорад. Аз ин рӯ, ақл бо ҷон пайваст нест. Дигар ин, ки қобилияти ҳиссӣ ё рӯҳи ҳайвонӣ ҷон надорад ва бинобар ин аз ҷисм (тело) канда буда наметавонад. Ақл бошад, аз ҷисм ҷудост. Сеюм – чун Арасту ба пуррагӣ таносуби ақл ва қобилияти назариявии онро шарҳ дода наметавонад, танҳо аз дигар навъ будани рӯҳро қайд карда, бо ин алоқамандии байни «абадӣ» ва «фониро» ифода менамоянд [2, 40].

Яке аз нукоти муҳим, ки дар бахши тамҳидӣ ва гоҳе ҳам тайи бахши нахуст бад-он ишора кардем, зарурати тарҳи масъалаи сайри аз маҳсус ба номаҳсус дар тафаккури афлотунӣ аст. Баҳси тафсилӣ дар хусуси масъалаи сайри ақли – нафсонӣ аз олами маҳсус ба соҳати маъқул ва номаҳсус, фарох аст. Фалсафа дар талаққии Афлотун чизе ҷуз тақрир ва таҳқиқи ин сайр нест. Мавзӯи ишқ ва зебоишиносӣ низ дар партави масъалаи сайри нафси башарӣ қобили дарк ва фаҳм аст. Афлотун бештарин баҳси худ роҷеъ ба назарияи зебоишиносиро дар ду рисолаи «Федр» ва «Меҳмонӣ» овардааст. Дар баҳси ҳозир, нигориши рисолаи «Федр» пеш аз рисолаи «Меҳмонӣ» нисбатан аҳаммият дорад, агарчи ҳар ду рисола мукаммили ҳамдигар ҳастанд. Ҷанбаи ғолиб дар рисолаи « Федр » тарҳи сайри нузулии нафс аз соҳати номаҳсус ва маҳсус аст, чун дар ҳақиқат рӯҳ ва

устура гардиши осмонии арвоҳи илоҳи ва ғайриилоҳӣ ба ҳубути бархе нуфус ва пайдоиши мавҷуди инсонӣ мебошад (Федр, 245 с. то 249 е). Ваҷҳаи ғолиб дар рисолаи «Меҳмонӣ» тарҳи сайри суудии нафс аз олами маҳсус ба номаҳсус аст, чаро ки аз орои мутафовит дар хусуси мадҳу табиини ишқ ва хосса маротиби суудии ишқ аз назаргоҳи худи Афлотун гуфтугӯ ба амал меояд (Меҳмонӣ, 197 б то 212 а). Ба ҳамин хотир аст, ки дар ҷараёни сулуки нафсонӣ ишқ низ бо ҳамон ду навъ сайри нузулӣ ва суудии маърифат рӯ ба рӯ ҳастем. Ба ин тартиб бо таваҷҷӯҳ ва тамаркуз ба рисолаҳои «Федр» ва «Меҳмонӣ» метавон ба асли назарияи зебоишиносӣ ба маротиби ишқ назди Суқрот ва Афлотун даст ёфт.

Лозим ба зикр аст, ки рисолаҳои «Федр» ва «Меҳмонӣ» ба ҳеҷ ваҷҳ ба маънои баёни махсуси масъалаи ишқ ва тафкики он аз назарияҳои маърифат ба вуҷуд нест. Асосан баҳси Афлотун ғанитару аниқтар аз он аст, ки сирфан ба ишқ маҳдуд шавад. Худи Афлотун пеш аз ҳар нигариши сонавӣ ва тафсири муфассирон ба ироаи тасвири як порча азандешаи хеш мубодират меваразад ва сареҳан ҷараёни мутаолии ишқу сулук манозили онро ба маънии «ёдоварӣ» мисоли аълои хайру зебоии мутлақ мешуморад, ки дар мартабаи ҳаёт пеш аз ҳубути мутааллиқи мушоҳидаи нафсонӣ воқеъ шудааст (Федр, 249 с). Бо таваҷҷӯҳ бо ҳамин ба ҳайси илтифоти ишқ тавъам бо маърифат (ҳузури муҷарради маъшуқ назди ошиқ) аст, ки наметавон назарияи зебоишиносиро ҷудо аз назарияи шинохт ва назарияи вуҷуд таҳқиқу таҳаққуқ бахшид. Дар бахши ҳозир нахуст кӯшиш мешавад, то мубоҳитси пояи инсоншиносӣ ва илмуннафси Афлотун матраҳ гардад. Ва сипас сайъ хоҳад шуд, бо таваҷҷӯҳ ба ду сарришта ҷараёни ишқ яъне мартабаи оғозини зебоиҳои ҷисмонӣ ва мартабаи поёнӣ мисли хайру зебоии мутлақ, ба баёни моҳияту муқовимоти ишқ ва манозили сулуки ошиқона пардохта шавад.

Ибни Сино сайру сулуки руҳро он тавре тасвир менамояд, ки имрӯз дар филмҳои кортунӣ-мултфилмҳо ифода мешавад. Ба истилоҳи муосир, онро метавон СайнсАрт номид, зеро дар пайравӣ аз қаҳрамонони асари Ибни Сино – пири маънавӣ, ки хеле симои воқеӣ дорад, ҳакиме соликро аз кӯҳу водиҳои дониш раҳнамоӣ намуда, бо роҳи хушкиву обӣ ба дарки ҳақиқат мерасонад. Ҳаким – таҷассумгари ақли фаъол мебошад, ки дар фалсафаи Ибни Сино «Ҳай» – ақли зинда, ё ақли даҳумро дар роҳи маърифати ҳастӣ роҳнамоӣ мекунад. Падари ӯ – Ақли аввал – Яқзон, ё ақли бедор аст. Ҳамин тавр, моҷарои ин ду – шарҳи он аст, ки чӣ тавр Ақли фаъол Ақли нотиқа ё гӯёро соҳибмаърифат менамояд. Бо суханони дигар, ин қиссаи шарҳдиҳандаи раванди маърифати инсон буда, дар он ҷанбаҳои онтологӣ ва гносеологии раванди маърифат ифода ёфтаанд. Ҳанӯз шореҳони аввалини асари мазкури Ибни Сино ба он мазмуну муҳтавои динӣ бахшида, масалан Ҷузҷонӣ, Пир, ё ҳакимро Ҷабраил меномад, ки мисли малоикаи дигар, абадӣ буда тобеи фазову вақт намебошанд. Солик ин малоикаи ҳикматро дар ҳоле дармеёбад, ки бо вуҷуди доштани қомати пирон, симои нуронӣ, қувваи ҷавонӣ дошт. Дар ин ҷо донишмандии ақл ба сони пири рӯзгордида таъкид гардида, қудрати доимо таҷдидшаванда, чандирӣ ва чолокии он – ишора ба ҷавонӣ аст.

Дигар масъалаи мубрами асари Ибни Сино «Ҳай ибни Яқзон» афкори ӯ доир ба инсон ва мақому манзалати он дар ҳастӣ мебошад. Бояд таъкид гардад, ки бо ин асар Ибни Сино ҳамчун яке аз бунёдгузорони антропологияи фалсафии Шарқ баромад намуда, мақоми ақлгароёнаи инсоншиносиро ривоҷу равнақ додааст. Инсон ҳамеша хостор ва умедвори хайр аст ва дар кӯшиши ҳифзи ҳувияти худ қадам мезанад. Роҳи тасаввуф ин равандро на ба тариқи мубориза бо воқеият, на дар мухолифат бо он, балки аз тариқи танзими ҳаёти шахсии худ, риояи хостаҳои фарҳангу расму оини миллӣ, бо нигоҳдории муҳити умумифарҳангӣ татбиқ менамояд. Дар ин раванд адаб ҳамчун роҳи умумиинсонӣ, метавонад шахсро ба ҳамнавоӣ бо фарҳангҳои дигар водор намуда, ӯро дар роҳи таҳзиби ахлоқӣ мутмаин ва бо таҷрибаи ҳамкорӣ бо инсону фарҳангҳои дигар мусаллаҳ намояд. Дар натиҷа умеди инсон нисбат ба ояндаи хайр на дар шакли ирфонӣ, балки дар ҳаёти воқеии минбаъда татбиқ гардида, дар натиҷа ҳамраъии фарҳангӣ бо иттиҳоду ҳамгироӣ сабаби таҳаввули хайргароёнаи сохторҳои иҷтимоӣ мегардад.

Агар ба сарчашмаи афкори Ибни Сино назар кунем, дармеёбем, ки ишора ба устурасозии Суқротро дошта, дар барбари ин устурасозӣ ба мавзеъгирӣ мепардозад ва ишора мекунад, ки иддае аз олимон ба ҳаққонияти ин устура эътиқод надоранд, валекин бо ҳамаи ин ба тавҷеҳ ва тавзеҳи он мепардозанд ва дар ин роҳ маҷбур мешаванд, ки ба вуҷуди ҷину парӣ ва кимиёгарӣ ва ҳатто ҷаъли мавҷудоти афсонаӣ ва шигифтангез мутавассил шаванд. Худи Суқрот бар он аст, ки боде ба номи Буриос мавҷуд мегардад, то духтарак ҳангоми бозӣ аз сахра ба пойин парт шавад ва бимирад ва ба дунболи ин моҷаро, мардум онро таҳти унвони устураи рабудашудани духтарак аз сӯи Буриос ва издивоҷ бо вай таъбир ва талаққӣ кунанд. Суқрот дар идома мегӯяд: «Ман яқинан барои ин умур вақт надорам ва албатта, дӯсти ман, иллати онро барои шумо боз хоҳам гуфт. Ман ҳанӯз натавонистаам, то бинобар фармони катибаи парастишгоҳи Делфӣ «хештанрои бишносам» то он ҷо, ки ин ҷаҳл боқӣ аст ба назарам меояд, ки таҳқиқи умумри берунӣ амри хандаовар аст. Дар натиҷа роҷеъ ба чунин умуре беэътино ҳастам, албатта эътиқодоти роиҷ ва маъмул дар мавриди онҳоро мепазирам ва ҳамон тавре ки онҳоро гуфтаам таҳқиқоти худро тарҷиҳан ба сӯи хештани хеш маътӯф месозам ва мехоҳам бидорнам оё худи ман воқеан офаридаи печидатар ва мағруртар аз Тийфун (Туйфун, ғули тарсноки устураи) ҳастам. Ё он ки мавҷуде содда ва меҳрубонтар ҳастам, ки олами улвӣ низ барои ман табиате ғайри тайфунӣ ва мулоим арзонӣ дошта аст.» (Федр, 230 б, 229 с.).

Ҳамин тавр, ки дар рисолаи «Федр" аз ҷанбаҳои инсоншиносӣ ва маърифатшиносӣ ва зебоишиносии Афлотун дарак пайдо менамоем. Дар осори Афлотун бо навъе иззат ва эҳтироми хос нисбат ба инсон рӯ ба рӯ ҳастем, ки дар камтар фалсафае метавон назири онро ёфт. Сурати амиқи чунин иззат ва ҳурмати башарӣ дар дини илоҳӣ ё мазоҳиб, ё сувари мухталифи динӣ - илоҳӣ равшан мушоҳида мешавад.

Дар мавриди усули таҳқиқ ва маншаи фикрии осори Ибни Сино дар мавриди фалсафаи инсон андешаронӣ намуда, М. Диноршоев таъкид мекунанд, ки назаргоҳи Ибни Сино нисбат ба инсон комилан воқеъгароёнаву ақлгароёна буда вуҷуди заминии онро таҳлили таҳқиқ менамояд. Устод М. Диноршоев "Ҳай ибни Яқзони" Синоро на ирфонӣ, балки намоде аз фалсафаи Машриқ, идомаву мухтасари «Китоби Шифо»-и ӯ меҳисобад, ки комилан дуруст аст. Зеро аз мазмуну мундариҷаи ин асар бармеояд, ки бо вуҷуди саропо рамзиву тамсилӣ будани он, масоили матраҳшудаи фалсафӣ дар он барои ҳалли масоили табиӣ, алалхусус тафсири раванди тафаккури инсон, донишандӯзии он бахшида шудааст.

Бад ин тариқ, назарияҳои Ибни Сино донишҳои тиббиро дар бораи аҳамияти майна бо амри фалсафии шарҳ додани фаъолияти ақлӣ ҳамчун раванди сирф ғайримоддӣ ба ҳам пайвастааст. Асари Ибни Сино ва осори ирфонии ҳамноми Ибни Туфайл ва Суҳравардӣ аз рӯи метод ва методологияи таҳқиқ, объект ва предмети омӯзиш дар муҳити гуногун қарор дошта, шабоҳати зоҳирӣ доранд. Нигоҳи тозае ба ишқи ирфонӣ ва заминӣ чун ба «ҳастишиносии ҳақиқат» имкон медиҳад, то масъалаҳои вижаи ахлоқ дар фазои адаб мавриди таҳқиқ гарданд. Дар ин муҳит андешаи ахлоқӣ инсонро барои омӯзиши сабабҳои мушкилоти ҳаёт дар зовияи фарҳангӣ ва маънавӣ барангехта, ӯро ба ҷустуҷӯи маънои ҳаёт, таҳрику таҳзиби руҳ такон медиҳад.

**АДАБИЁТ:**


1. Маҳмадҷонова М. Андешаҳои фалсафӣ дар рисолаи «Ҳай Ибни Яқзон»-И Ибни Сино – д.и.ф., Ахбори ИФСҲ АМИТ, 2020.№4. С. 32
2. Абӯалӣ ибни Сино. Осор. Ҷилди 1. Душанбе, "Дониш", 2005. 171.
3. Аристотель. О душе. М. 1937.
4. Пурджаводи Н. Хай ибни Йакзан. М. 2018.
5. Диноршоев М. Философия Насириддина Туси. Душанбе, 1968 с.74.
6. Зуҳро Музаффари. Теория любви в философии Платона. Душанбе. 2015.

ТДУ 001:1 (091)(575.3)

## ПАЙРАВОНИ ФАЛСАФАИ ИБНИ СИНО: ТАЪЛИМОТИ ИБНИ БОҶҶА

**НАЗАРОВ С.Т.**

*Котиби илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ, номзади илмҳои фалсафа*

*Мақола ба рушду нумуи мактаби фалсафӣ-илмии Ибни Сино бахшида шудааст. Масъалаи тақдири минбаъдаи таълимоти мактаби фалсафии машшоъ, ки рушди илму тамаддуни ҷаҳонро таъмин намудааст, яке аз масоили муҳимми таърихи фалсафа ба шумор рафта баҳсу мунозираҳои зиёдеро ба миён овардааст. Аммо боиси зикр аст, ки анъанаи пайравӣ ва шогирдии Ибн Сино хеле барвақт аз даврони Ибни Боҷҷа (1070-1138) яке аз мутафаккирони маъруфи асримиёнагӣ оғоз шуда, оғози он ба замони ҳаёти Ибни Сино мансуб аст. Ибни Боҷҷа аз мутафаккироне мебошад, ки пайрави мактаби фалсафӣ-илмии арастугароӣ буда, осори Абунасри Форобию Ибни Синоро шарҳу таҳлил намуда, дар ғарби хилофат паҳн кардааст, Пайравони мактаби Сино бо он фарқ мекунанд, ки назаргоҳи таҳқиқии ташкикиро идома дода билкулл тақлидгари ақидаҳои Форобию Ибни Сино набуданд, балки анъанаи устодонашонро идома дода, назарияву фарзияҳои онҳоро шарҳ, тавзеҳ ва таҳриру инкишоф додаанд. Бинобар ин мактаби машшоия шуҳрати баланди рушди илмиятро дошта дар инкишофи илму дониш ва тамаддуни олам саҳми боризе доштааст.*

**Калидвожаҳо:** *Ибни Боҷҷа, Ибни Сино, Абунасри Форобӣ, мактаби машшоия, Арасту, пайварии илмӣ, дониш, илм, тамаддун, илми асримиёнагӣ.*

## ПОСЛЕДОВАТЕЛИ ФИЛОСОФИИ ИБН СИНА: УЧЕНИЕ ИБН БОДЖИ

**НАЗАРОВ С.Т.**

*Ученый секретарь Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана, кандидат философских наук*

*Статья посвящена развитию и распространённости философско-научной школы Ибн Сины. Вопрос о дальнейшей судьбе учения великой философской школы, обеспечившей развитие мирового знания и цивилизации, является одним из важнейших вопросов в истории философии и породил множество споров и разногласий. Однако стоит отметить, что традиция следования и ученичества у Ибн Сины зародилась очень рано, во времена Ибн Баджи (1070-1138), одного из самых известных средневековых мыслителей, и ее начало восходит ко времени жизни Ибн Сины. Ибн Баджа — один из видных мыслителей, последователей философско-научной школы Аристотеля, исследователь и интерпретатор трудов Абу Насра аль-Фараби и Ибн Сины, который способствовал их распространению на западе Халифата. Последователи школы Сины отличаются тем, что они продолжили курс на систематическое исследование и не полностью подражали идеям Аль-Фараби и Ибн Сины, а продолжали традицию своих учителей, объясняя, излагая, редактируя и развивая их теории и гипотезы. Таким образом, школа Машшоя имеет высокую репутацию в области научного развития и внесла значительный вклад в развитие науки, знаний и цивилизации в мире.*

**Ключевые слова:** *Ибн Баджа, Ибн Сина, Абу Наср аль-Фараби, школа Машшойя, Аристотель, научная преемственность, знание, наука, цивилизация, средневековая наука.*

## FOLLOWERS OF IBN SINA'S PHILOSOPHY: THE TEACHINGS OF IBN BOJJA

**NAZAROV S.T.**

*Scientific secretary of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, candidate of philosophical sciences*

*The article is devoted to the development and growth of the philosophical-scientific school of Ibn Sina. The question of the future fate of the teachings of the great philosophical school, which ensured the development of world knowledge and civilization, is one of the most important issues in*

*the history of philosophy and has given rise to many debates and controversies. However, it is worth noting that the tradition of following and being a disciple of Ibn Sina began very early, during the time of Ibn Bajja (1070-1138), one of the most famous medieval thinkers, and its beginning dates back to the time of Ibn Sina's life. Ibn Bajja is a thinker who followed the Aristotelian philosophical-scientific school, and who interpreted and analyzed the works of Abu Nasr al-Farabi and Ibn Sina, and disseminated them in the western Caliphate. The followers of the Sina school are distinguished by the fact that they continued the perspective of systematic inquiry and did not completely imitate the ideas of Al-Farabi and Ibn Sina, but rather continued the tradition of their masters, explaining, expounding, editing, and developing their theories and hypotheses.*

*Therefore, the Mashshoya school has a high reputation for scientific development and has made a significant contribution to the development of science, knowledge, and civilization in the world.*

**Keywords:** *Ibn Bajja, Ibn Sina, Abu Nasr al-Farabi, Mashshoiya school, Aristotle, scientific continuity, knowledge, science, civilization, medieval science.*

Ибни Боҷҷа (1070-1138) яке аз мутафаккирони маъруфи асримиёнагӣ мебошад, ки осори Абунасри Форобию Ибни Синоро шарҳу тавзеҳ намуда, дар ғарби хилофат паҳн кардааст, аммо билкулл тарғибгари ақидаҳои Форобию Ибни Сино набуд. Мутафаккири барҷаста дар рушду такомули ҳикмат ва хирадгароӣ фаъолият намуда дар риштаи илмҳои фалсафӣ, аз ҷумла ҷомеашиносӣ, сиёсат ва махсусан ахлоқ саҳми бориз гузошта, осори арзишманде аз худ мерос мондааст. Махсусан, афкори фалсафии Ибни Боҷҷа ба рушди фалсафаи шарқӣ дар Андалусия таъсири амиқ расонида, ҳалқаи пайвандгареро байни афкори Форобӣ ва Ибни Рушд ташкил дод, ба ташаккули ақидаҳои Ибни Туфайлу Ибни Рушд ба сифати маншаъ хизмати назаррас намуда аст.

Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур андешаҳои фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа, ҳамчун пайрави Ибни Сино мавриди баррасӣ ва таҳқиқи амиқ қарор гирифтааст. Ибни Боҷҷа масъалаҳои меҳварии фалсафаро амсоли омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ дар низоми фалсафии Ибни Боҷҷа, таълимоти Ибни Боҷҷа оид ба моҳияти шахсият ва ҷомеа ва масоили фалсафаи амалиро дар пайравӣ аз мактаби фикрии Ибни Сино ба сомон расонидааст.

Дар шароити истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бунёду таҳкими давлатдории миллӣ машғул аст, бинобар ин таҳлил ва омузиши амиқи осор ва афкори фалсафӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии гузаштагон ва мероси пурқимати онҳо аз аҳаммият холӣ набуда, пажуҳишу баррасии онҳо аз вазифаҳои муҳимми илми тоҷик ба шумор меравад.

Дар ин росто рӯ овардан ба омузиши таълимоти фалсафию ахлоқии гузаштагонамон, махсусан мероси давраи “тиллоӣ”-и рушди илму фарҳанг асрҳои IX-XIII аҳаммияти хосе пайдо менамояд. Аз ин ҷо дарки дурусти ин мерос, аз ҷумла афкори гаронқадри файласуфони машшоия Абунасри Форобию Абуалӣ ибни Сино бағоят муҳим мебошад. Ибни Боҷҷа яке аз ҳамин гуна мутафаккирон мебошад, ки осори Форобию Синоро шарҳу таҳлил намуда онро дар ғарби хилофат паҳн кардааст ва чуноне маълум, ки ин осор бо таҳлили Ибни Рушд дар кишварҳои Ғарб чун фалсафаи рушдия - аввероизм нуфузи зиёде пайдо кард.

Ибни Боҷҷа аз шахсоне буд, ки фалсафаи машшоия, махсусан Форобиро бо ғояҳои тозаи худ ғанӣ сохта, ба тарғиби он дар ғарби хилофат пардохтааст. Албатта ӯ танҳо тарғибгари ақидаҳои Форобию Сино набуд, балки дар фалсафа, ҷомеашиносӣ, сиёсат ва махсусан ахлоқ ғояҳои тозаи худро дошт. Дар натиҷаи талошҳои ӯ шиносоии донишмандон дар Ғарб, махсусан дар Андалусия бо афкори фалсафию ахлоқии мутафаккирони қисмати ғарби хилофат хеле афзуд. Пас, таҳқиқи андешаҳои ин мутафаккир ва фаъолияти ташвиқгарии ӯ хеле муҳим мебошад.

Фалсафаи Ибни Боҷҷа ба рушди фалсафаи шарқӣ дар Андалусия таъсири амиқ расонида, ҳалқаи пайвандгари байни Форобӣ ва Ибни Рушдро ташкил дода, ба ташаккули ақидаҳои Ибни Туфайлу Ибни Рушд таъсир расонидааст. Ибни Боҷҷа аз бисёр ҷиҳат рушди муттасил ва хусусияти ақлонии фалсафаи файласуфони ғарби

мусулмонро муайян кардааст ва дар илму фалсафа мақоми арзанда дорад, ки ӯро дар радифи асосгузорони илми муосир: Декарт, Галилей, Бруно, Паскал, Нютон, Спиноза қарор додааст. Ғояҳои Ибни Боҷҷа илҳомбахшандаи мероси гуногуншакли фалсафӣ ва илмии гузашта будааст.

Фарқияти асосии фалсафаи иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа дар он зоҳир мешавад, ки дар тафовут аз файласуфони дигари шарқӣ, вай кӯшиш намудааст, то таваҷҷӯҳи худро ба таҳқиқи давлат, ҳамчуноне, ки инро Афлотун ба ҷо оварда буд равона созад. Дар баробари ин, Ибни Боҷҷа роҳи дигареро низ ихтиёр намуда, назарияи башардӯстонаи худро дар асарҳояш баён доштааст ва кӯшиш намудааст, ки воситаҳои наҷоти инсонро дар воқеияти мавҷуда пайдо намояд.

Ба омӯзиш ва баррасии афкори фалсафии Ибни Боҷҷа муҳаққиқони зиёде рӯй овардаанд, вале мутаассифона то ба имрӯз як қатор ҷанбаҳои афкори ӯ таҳқиқношуда боқӣ мондаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки афкори ин мутафаккир дар сатҳи нокифоя омӯхта шудааст. Дар ин самт метавон сабабҳои мухталифро махсусан қайд намуд: мавҷуд набудани анъанаи баррасии афкори Ибни Боҷҷа, маҳдуд будани сарчашмаҳо, бойигарии матнҳо ва душвориву мураккабии дарки онҳо, кӯшиши муаллиф ба мустақилӣ, ба итмом нарасонидани консепсияи ӯ, коркард нагардидани ҷанбаҳои алоҳидаи он ва ғайраро метавон таъкид кард.

Боиси эътироф аст, ки дар таълимоти Ибни Боҷҷа масоили марбут ба ҳастӣ ва шинохти он ба назарияи ҳастишиносии Ибни Сино сахт шабоҳат дорад. Масалан, фалсафа, ҳам аз назари Ибни Боҷҷа ва ҳам аз назари Ибни Сино маърифати ашёест ба қадри тавони инсон, ки ҳама улумро шомил аст.

Ибни Боҷҷа дар пайравӣ аз Форобиву Сино фалсафаро бо номи илми куллӣ ва ҳамчун ҷузъи чаҳоруми фалсафаи назарӣ ёдоварӣ намуда онро аз илоҳиёт комилан ҷудо мекунад ва таъкид менамояд, ки фалсафа сифатҳои куллии ҳастӣ – ваҳдат, касрат, кул, ҷузъ, иллат, маълул ва монанди онҳо масоили ҳастиро омӯхта, ҳаллу фасл менамояд.

Ибни Сино муътақид буд, ки ҳастӣ (вуҷуд) бар хилофи нестӣ (адам) амри воқеист. Вале ҳастиро таъриф додан ё тарсим кардан амри мумтанеъ аст. Вай ин андешаи худро чунин тавзеҳ дода аст: «Ҳастиро хирад худ бишносад бе ҳад ва бе расм, ки ӯро ҳад нест, ки ӯро ҷинс ва фасл нест, ки чизе аз вай омтар нест. Ва варо расм нест, зеро ки чизе аз вай маъруфтар нест. Оре, бошад, ки номи варо ба забоне дуни забоне бишносанд, пас ба тадбире огоҳӣ диҳанд, ки бад-он лафз чӣ хоҳанд. Масалан, агар ба тозӣ гуфта бошанд, ба порсӣ тасвири вай кунанд ё ишорат кунанд, ки вай он аст, ки ҳамаи чизҳо андар зери вай ояд» [1, 8 – 9].

Масалан, файласуфи кунунии Эрон Маҳдии Ҳоирии Яздӣ дар китоби худ «Илми куллӣ» менависад: «мафҳуми вуҷуд (ҳастӣ) мафҳуми бадеҳиу-т-тасаввур аст, ки аз фарти вузӯҳ дар дарки он комилан аз таъриф ва ташреҳ бениёзем. Агар ҳам аҳёнан таърифоте барои вуҷуд дар истилоҳи фалосифа меёбем (монанди собитулайн ё ин ки «вуҷуд чизе аст, ки аз он хабар медиҳанд), инҳо тамоман таърифи лафзӣ ва луғавӣ аст ва шарҳулисм ва таъриф ба ҳад ва расм нест» [2, 19 – 20]. Аз назари мантиқи сурии антиқа ва асрҳои миёна Ибни Сино ва Маҳдии Ҳоирии Яздӣ комилан ҳаққанд, зеро онҳо ду навъи таъриф: – таъриф тавассути ҷинсу фасл ва таъриф тавассути расм, ки бо ёрии онҳо ҳақиқат ба лафзҳои ниҳоят куллӣ таъриф дода мешавад, амри муҳол аст.

Ба андешаи синошиноси маъруфи тоҷик, академик М.Диноршоев ҳастӣ, аз назари Ибни Сино гуногунҷанбаъ аст. Он ҳам ашёи маҳсус, ҳам ашёи руҳонӣ, ҳам ашёи маконгир, ҳам ашёи номаконгирро фаро мегирад. Бадин минвол Ибни Сино ҳадди ақал ду навъи ҳастиро эътироф дошт: 1. ҳастии моддӣ, ки ҳама ашё, падида ва равандҳои моддиро шомил аст, 2. ҳастии руҳонӣ, ки лафз (мафҳум)-ҳои зеҳнию ақлонӣ ва ашёи гуногуни муфориқ ва фавқуттабииро фаро мегирад. Аз ин лиҳоз таълимоти фалсафии Ибни Сино дар бораи ҳастӣ аз назариёти зурвониён ва даҳриён доир ба ҳастӣ, ки танҳо ҳастии моддиро эътироф намуда, ҳамагуна тазоҳуроти ҳастии руҳониро инкор мекарданд, ба куллӣ тафовут дорад. Пас бояд гуфт, ки «ҳастӣ» аз назари Ибни Сино

мақулаи фалсафие аст, ки онро метавон ҳам барои ишораи ашёи маҳсус ва ҳам барои ишораи ашёи муфориқ ба кор бурд, зеро «ҳастӣ табиате аст, ки ҳамли он бар ҳар чизе, хоҳ он ҷавҳар аст, хоҳ ғайри ҷавҳар, саҳеҳ аст» [3, 190].

Ҷиҳати муҳими таълимоти Ибн Боҷҷа дар бораи вуҷуд назарияи моҳият ва вуҷуд аст, ки сарчашмаи он аз осори Арасту [4] ва Форобӣ ғизо мехурад [5, 114 – 115]. Чуноне ки мутафаккир қайд менамояд: «чӣ асл ва асолат аст – моҳият ё ҳастӣ (вуҷуд)?» [5, 114 – 115]. Баъзе муҳаққиқон ин масъаларо меҳвари ҳақиқии тамоми фалсафа ва низоми ҷаҳонбинии вай мешуморанд дар ҳоле, ки худи мутафаккир ин масъаларо мавриди таҳқиқи махсус қарор надода буд.

Ибни Боҷҷа дар «Китоб-ун-нафс» навиштааст: «Ҳастӣ бар ин даҳ [мақула] на чунон барафтад, ки «ҳайвонӣ» бар мардум ва бар асп, ки якеро беш аз дигаре набувад ва на чунон чун сапедӣ бар барф ва кофур, ки якеро беш аз дигаре нест, то мутавотӣ будӣ, ки ин чунинро мутавотӣ хонанд бар чизҳои бисёр ба як маъни афтад бе ҳеҷ ихтилоф. Балки ҳастӣ нахуст мар ҷавҳарро ҳаст ва ба миёнҷии ҷавҳар мар каммият ва кайфият ва изофаро ва ба миёнҷии эшон мар он боқиро. Ва ҳастии сиёҳӣ ва сапедӣ ва дарозӣ ва паҳноӣ чунон нест, ки ҳастии замон ва тағайюр, ки эшонро сабот аст ва замону тағайюрро сабот нест. Пас ҳастӣ бар ин чизҳо пешу пас афтад ва ба камобешӣ, ҳар чанд бар як маънӣ афтад ва чунинро мушаккак хонанд» [6, 29].

Аз ҷумлаи масъалаҳои ҳастӣ, ки Ибни Боҷҷа ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст, масъалаи силсилаи ҳастӣ ва мавҷудоти ба он марбут аст, ки дар «Китоб ан-нафс» чунин шарҳ ёфтааст: «Чизҳои шоистатарин барои ҳастӣ [аввал] ҷавҳарҳо, сипас аразҳоянд. Ҷавҳархое, ки дар аҷсом нестанд, шоистатарин ҷавҳарҳо барои вуҷуданд, магар ҳаюлои уло, зеро ин ҷавҳарҳо се гунаанд: модда, сурат ва муфориқ, ки на ҷисманд ва на ҷузъе аз ҷисм ва вуҷуди он ногузир аст, зеро ҷисм ва ҷузвҳои он маълуланд. Ва инсон саранҷом ба ҷавҳаре мерасад, ки иллате аст нопайваста [ба модда], балки комилан муфориқ. Пас нахустин мавҷуди шоистаи ҳастӣҷавҳари муфориқи нопайваста ба ҷисм, сипас сурат ва сипас модда аст. Ҳар чанд [модда] сабаби ҷисм аст, аммо сабаби бахшандаи ҳастӣ нест, балки пазиро (маҳал)-и ҳусули ҳастӣ аст. Ҷисм дорои ҳаюло ва афзун бар он дорои сурат аст, ки ҳаюло комилтар аст. Пас аз инҳо араз аст. Дар ҳар табақае аз ин табақот шуморе аз мавҷудот ёфт мешаванд, ки дар ҳастӣ мутафовутанд» [6, 29]. Аз ин гуфтори мутфаккир бармеояд, ки вай аввалияти ҳастии муфориқро бар ҳастии моддӣ эътироф дорад ва барои ҷомеаи динмеҳвар чунин шарҳи масъала шакли қонеъбахши масъалаи таносуби руҳониёт ва моддиёт аст.

Назарияи ҷавҳарии аҷсоми Ибни Боҷҷа доир ба мабдаъҳои ҳастии ҷисми моддӣ ва олами моддӣ аст, ки он ба ду қисм: ҷавҳар ва араз тақсим мешавад. Ҷавҳар ҳамаи он ашёст, ки дар мавзӯъ вуҷуд дорад ва ҳастии он аз чизи дигаре вобаста нест, то ҳомили вай бошад. Пас хусусияти асосии ҷавҳар он аст, ки вай ҳастии мутлақ аст. Вале мутлақияти ҷавҳар аз назари Ибни Боҷҷа нисбист, зеро Худованд аз рӯи зот, мартаба ва вазъ ба он пешӣ дорад ва гарчи ба маънии зикршуда ҷавҳар нест (чунонки Фомаи Аквинӣ, Декарт ва Спиноза мепиндоштанд), вале муҳаррики аввал ва сабаби ниҳоии ҷавҳар аст.

Дар баробари ҷавҳари аҷсом Ибни Боҷҷа дар пайравӣ ба Ибни Сино ва Форобӣ масъалаҳои назарияи сабабият, ҳаракат, макон ва замон, азалият ва абадияти олам, масъалаи тағйирот ва сабот, инчунин ҷиҳатҳои фалсафии таълимот дар бораи нафсро мавриди таҳлил қарор медиҳад.

Низоми ақидаҳои фалсафии Ибни Боҷҷа бо таълимоти ӯ дар бораи руҳи инсон робитаи ногусастанӣ дорад. Вай дар асари нотамомаш “Китоб ан-нафс” бо исрор қайд менамояд, ки “илм дар бораи руҳ дар ҳамаи муносибатҳо аз ҳама гуна илмҳои риёзӣ боло меистад. Ғайр аз ин, ҳар як илм ба илм дар бораи руҳ ниёзманд аст, аз ин рӯ, мо наметавонем оғози илмро аз худ намоем, то даме, ки руҳро наомӯзем” [7, 159]. Маърифати руҳ , ба қавли ӯ, ба муҳаққиқ неру мебахшад, нерӯ бошад, дар навбати аввал, барои “аз бар намудани бурҳону далелҳо зарур аст, зеро бе онҳо дар хусуси табиат маълумоти пурра ба даст овардан ғайриимкон аст. Он чӣ, ки ба сиёсат дахл дорад, дар бораи он боақлона

мулоҳиза рондан мумкин нест, то даме, ки дарк нанамоӣ, ки руҳ чист” [7, 159]. Ба қавли ӯ мавзӯи илм дар бораи руҳ хеле арзишманд ва шоёни шавқу завқ мебошад. Агар илмро ҳамчун мабдаи аввал ё метафизикаро ба ҳайси сароғоз ба ҳисоб нагирем, пас илм дар бораи руҳ мавқеи аз ҳама баландро ишғол мекунад [7,159]. Ғайр аз ин, мегӯяд Ибни Боҷҷа, - “бе дарки пешакии руҳ ва ақл дониши мо дар бораи сароғоз комил нахоҳад буд” [7, 159].

Дар системаи фалсафии Ибни Боҷҷа инсон дар намуди маҷмӯи “олотҳои тафриқавӣ, робитаҳои мутақобила ва тобеъшавӣ” пешниҳод карда шудааст [7, 159]. Дар зери мафҳуми “олот” ҳамаи узвҳои инсон- дарунӣ ва берунӣ, ҳамчунин ҳамаи воситаҳои мавҷудаи ӯ ифода меёбанд. Олоти инсонро Ибни Боҷҷа ба “ҷисмонӣ” ва “руҳӣ” ҷудо мекунад. Олотҳои ҷисмонӣ, ба мисли бадан ба табиӣ ва сунъӣ тақсим мешаванд. Олотҳои табиии ҷисмонӣ ё “узвҳо” - масалан, дастон, пойҳо, шуш ва ғ ба сафро (талҳа), хун низ мансубанд.

Ибни Боҷҷа собит месозад, ки маҷмӯи олотҳо тавассути муҳаррикҳо ё бо сабабҳои барангезанда ба ҳаракат дароварда мешаванд, ки онҳо хеле зиёданд ва инҳо дар навбати худ ҳамчун дорои маҷмӯи олотҳо мебошанд. Муҳаррикон аксиденталӣ ва аслӣ мешаванд: “баъзан онҳо худ ба худ ба ҳаракат медароянд, баъзан ба воситаи якчанд ашёи дигар – як ашё ё зиёда аз он. Ин воситаҳо моҳияти олотҳо ё як навъ ба ҳамин монанд олотҳоеанд, ки ба муҳаррикон мансубанд. Ва ё “он чӣ, ки ба касбу ҳунар дахл дорад, онҳо худ чизеро ба ҳаракат намедароранд, балки тавассути олот онро ба ҳаракат медароранд” [8, 113 – 142]. Мавриди зикр аст, ки қариб ҳамаи муҳаррикон олот ба шумор меравand ва ин олоте, ки ҳамчунин муносибатҳои мартабавӣ доранд, ба мисли олоти “пешгузашта” ва “пасоянд” буда, дар он муҳаррикone, ки тавассути олот ба ҳаракат медароянд, “як навъ муҳаррики охирини пайваст бо як навъ ашёи ҳаракаткунанда мебошад (масалан каҷкорди чӯбтарошӣ дар муносибати он бо тахтапора). Маълум аст, ки муҳаррики охирин бе муҳаррики якум ба ҳаракат намедарояд, ҳамчунин муҳаррики якум бе муҳаррики охирин, “зеро ҳаракат фақат ҳангоме ба амал меояд, ки ҳаракати муҳаррики якум вуҷуд дошта бошад” [8, 113 – 142].

Бо ҳамин сабабҳо, як қатор ақидаҳои мантиқан пешниҳоднамудаи Ибни Боҷҷа, моро ба хулосае водор месозад, ки муҳаррики якум нисбат ба ҳаракати мабдаи амалкунанда, “дар сафи муҳаррики охирин, аз рӯи андоза аввалин мебошад, муҳаррике, ки аз он пеш намегузарад, дигар муҳаррикон бе он ба ҳаракат намедароянд ва ин муҳаррик олот ба шумор меравад” [8, 113 – 142]. Ҳамагуна ҳаракаткунанда аз он вобаста аст, ки муҳаррики якум чӣ гуна аст: “агар муҳаррики аввал ягон чизи табиӣ бошад, - ақидаҳояшро идома медиҳад Ибни Боҷҷа,- маълум мешавад, ки ҳаракаткунанда ягон чизи табиист ва агар муҳаррики аввал ягон чизи марбут ба санъат бошад, пас, ҳаракаткунанда низ ягон чизи ба санъат алоқаманд мебошад ва ҳаракаткунанда чӣ гунае, ки аст, ин аз хусусияти хоси олотҳо вобаста мебошад. Ҳар як ҳаракаткунанда дорои муҳаррике мебошад, ки тавассути он ба ҳаракат меояд. Муҳаррик дар таносуби бадан метавонад зоҳирӣ ё ботинӣ бошад” [8, 113 – 142]. Ин андешаҳои мутафаккир моро водор ба он месозад, ки агар муҳарраки аввал, яъне сабаб набошад ҳеҷгоҳ гоҳ муҳаррики дигар, натиҷа ба вуҷуд оварда наметавонад. Аз ин рӯ, ҳамагуна ҳаракаткунанда аз ҳаракати муҳаррики аввал вобастагии муҳим дошта, бе он наметавонад арзиҳастӣ кунад. Ҳамчунин дар муҳаррики зоҳирӣ, одатан ба баданҳои сунъӣ монанд аст, монанди мошини бо муҳаррик ҳаракатдиҳанда, ки ба муҳаррики ботинӣ бештар ҷисмҳои табиӣ мувофиқ аст ва муҳаррики онҳо дар худи онҳо ҷойгир шудаанд.

Дар бораи ҷисми табиӣ сухан ронда, Ибни Боҷҷа тахмин мекунад, ки дар дохили он ҳам худи муҳаррик ва ҳам ҳаракаткунанда пайваст мешаванд, аммо дар ин маврид онҳо ба ҳамдигар монанд нестанд. Чунончӣ, “бо санг чунин ҳолат рух медиҳад: “азбаски санг ҳангоми партофтанаш ба таври имконпазир ба пойин ҳаракат мекунад, ҳаракат ба он сабаб ба амал меояд, ки вазниниро бо худ мегирад” [6, 54]. Дар ин ҷо ҳаракаткунанда майлу рағбати имконпазири ба зер ба дониста шуда, муҳаррик бошад, вазнинист, ки мутобиқ ба табиати худ ҳаракат карда, роҳи худро дар як самт идома медиҳад. Вале дар ин ҳолат бо мавҷудоти ба ваҷд (ба илҳом ) омада чӣ хоҳад шуд? Дар ин ҷо ҳаракаткунанда, мегӯяд Ибни Боҷҷа, - бо шакле сару кор дорад, ки тавассути он амалиёти муайян ба ҷо оварда мешавад, муҳаррик бошад, “ё ҳаракаткунандаро барои ба самти муқобил ҳаракат кардан, ё барои

ҳаракати табиии он водор месозад” [6, 55]. Ҳаракати мутлақ дар инсон рӯҳ ва ҷузъиёти он ба шумор меравад. Вақте ки одам дастонашро боло мебардорад ё меҷаҳад, он гоҳ “бадан ба ҳаракат меояд, тавассути он ҷон (рӯҳ ) ҳам якҷо бо узвҳои ҷудогона ба ҳаракат даромада, ҳарорати табиӣҳосил мекунанд. “Ҳарорати табиӣ ҳаракаткунандаи нахустин ба шумор меравад, муҳаррики нахустин бошад, шакли бадан аст, ки олоти ҳаракатдиҳанда маҳсуб меёбад” [8, 116].

Агарчанде фаъолияти илмии Ибни Боҷҷа ба мисли Форобӣ он қадар муназзам ҳам набошад, аммо вай санъати ғайриқиёсии фаромӯшшударо ба «санъати амалӣ» бадал сохта ва барқарор намуд. Дар ин хусус вай чунин ибрози ақида намудааст: «Агар баъзе аз онҳо (санъати амалӣ) илми қиёсро истифода намоянд ҳам, чуноне ки ин ҳолатҳо дар илми тиб ва хоҷагии кишоварзӣ ба мушоҳида мерасад, пас онҳоро қиёсӣ ном намебаранд, зеро ҳадафи онҳо (дигаронро бовар накунонидан) ва истифода набурдани илми қиёс, балки ким-кадом фаъолнокиро ба амал овардан аст» [9, 368]. Ҳамин тариқ, ба санъати ғайриқиёсӣ чунин намудҳои дониш мансубанд, ки ба иҷрои вазифаҳои амалӣ марбутанд.

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои боло натиҷагирӣ метавон кард, ки ақидаҳои ҳастишиносии Ибни Боҷҷа, асосан дар заминаи осори машҳуртарин мутафаккирони юнонӣ Афлотун ва Арасту ва ҳамчунин шаҳиртарин ҳакимони машшоияи асримиёнагии Шарқи исломӣ Абӯнасри Форобӣ ва Ибни Сино арзи ташаккул ёфтаанд. Ҳарчанд бисёр андешаҳои донишмандон ба ҳамдигар шабеҳ бошанд ҳам, вале Ибни Боҷҷа дар бисёр мавридҳо дар баёни ин ё он масоили фалсафӣ афкори тоза ироа доштааст.

## АДАБИЁТ:


1. Ибни Сино. Илоҳиёти «Донишномаи алоӣ» [Матн] / Ибни Сино. – Теҳрон, 1383. – С.8-9.
2. Маҳдии Ҳоирии Яздӣ. Илми куллӣ [Матн] / Маҳдии Ҳоирии Яздӣ. – Чопи панҷум. – Теҳрон, 1384. –С.19-20.
3. Диноршоев, М. Матолиби фалсафаи Ибни Сино [Матн] / М. Диноршоев. – Душанбе, 2012. – С.190.
4. Аристотель. Первая аналитика [Текст] / Аристотеля; пер. Н.Н. Ланге. – СПб., 1894.
5. Ал-Фарабӣ. Китоб ал-ҳуруф [Матн] / Ал-Форобӣ. –Бейрут, 1986. –С.114-115.
6. Ибни Боҷҷа. Китоб ан-нафс [Матн] / Ибни Боҷҷа. – Димишқ, 1961. – С.29.
7. Игнатенко, А.А. В поисках счастья: (Общественно-политические воззрения арабо-исламских философов средневековья) [Текст] / А.А. Игнатенко. – М., 1989. – **С.159.**
8. Ибн Баджжа. Рисалат ал-вада‘ (Прощальное послание) [Текст] / Ибн Баджжа // Раса'ил Ибн Баджжа ал-илахиййа (Метафизические трактаты Ибн Баджжи). – Бейрут, 1968. –С.113-142.
9. Muslim Scholars and Challenges to Contemporary Muslim Psychologists [Text] // Journal of Religion and Health 43 (4), 2004. – P.368.

ТДУ 001:1(575.3+575+100)

# ТАҲҚИҚИ МЕРОСИ ИЛМӢ-ФАЛСАФИИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО ДАР ТОҶИКИСТОН, ОСИЁИ МИЁНА ВА ҶАҲОН

**ИСЛОМОВА Д.Р.**
*Омӯзгори забони англисии ҶДММ МТҒ Коллеҷи тиббии ноҳияи Б.Ғафуров.*

*Дар мақолаи мазкур мероси илмӣ-фалсафии Абӯалӣ ибни Сино дар асоси таҳқиқоти олимони тоҷик, Осиёи Миёна ва ҷаҳон таҳлил гардидааст. На танҳо олимони тоҷик балки муҳаққиқони Ғарб низ дар заминаи омӯзиш ва таҳлили асарҳои илмии Шайхурраис назарияҳои илмӣ-фалсафии худро тақвияту асоснок менамоянд. Қисми зиёди асарҳои мутафаккири бузург бештар ба мавзӯҳои материя-ҳаракат, моддаву сурат, нафсу тан, сабабият, донисташавии олами моддӣ ҳамаҷониба тадқиқ ва таҳлил шудаанд.*

**Калидвожаҳо:** *Асарҳои Ибни Сино, назарияҳои илми-фалсафӣ, афкори фалсафию равоншиносӣ, материя-ҳаракат, илоҳиёт, дониш, ратсионалӣ.*

## ИССЛЕДОВАНИЕ НАУЧНО-ФИЛОСОФСКОГО НАСЛЕДИЯ ИБН СИНЫ В СРЕДНЕЙ АЗИИ И МИРЕ

**ИСЛОМОВА Д.Р.**
*Преподователь английского языка ОАО МТГ медидцинского колледжа района Б.Гафурова*

*В данной статье анализируется научно-философское наследие Абу Али ибн Сины на основе исследований таджикских, центральноазиатских и мировых учёных. Не только таджикские учёные, но и западные исследователи укрепляют и обосновывают свои научно-философские теории на основе изучения и анализа научных трудов Шейхурраиса. Большинство трудов великого мыслителя были всесторонне изучены и проанализированы, в основном по темам материи-движения, субстанции и формы, души и тела, причинности и познания материального мира.*

**Ключевые слова**: *Труды Ибн Сины, научно-философские теории, философско-психологическая мысль, материя-движение, теология, знание, рациональность.*

## RESARCING SCIENTIC PHILOSOPHY OF HENITAGE OF ABUALI IBNI SINO IN TAJIKISTAN CENTRAL ASIA AND THE WORLD

**ISLOMOVA D.R.**
*Englihs teacer stoc company medical college of B. Gafurov district*

*This article analyzes the scientific and philosophical heritage of Abu Ali ibn Sina based on the research of Tajik, Central Asian and world scientists. Not only Tajik scientists, but also Western researchers strengthen and substantiate their scientific and philosophical theories based on the study and analysis of the scientific works of Sheikhurrais. Most of the works of the great thinker have been comprehensively studied and analyzed, mainly on the topics of matter-motion, substance and form, soul and body, causality and knowledge of the material world.*

**Keywords:** *Works of Ibn Sina, scientific and philosophical theories, philosophical and psychological thought, matter-motion, theology, knowledge, rationality*

Абӯалӣ ибни Сино шуълаи машъалеро мемонад, ки дар олами илму адаб тӯли қарнҳо бо мероси ғаниву беназири илмии худ роҳи имрӯзиёну ояндагонро фурӯзону мунаввар мегардонад. Асарҳои илмӣ-фалсафии мавсуф новобаста аз гузашти асрҳо роҳнамову ҳидояткунандаи аҳли башар ва илму адаб на танҳо дар кишварҳои Машриқзамин, балки дар ҷаҳон маҳсуб ёфта, арзишу қиммати он афзоиш меёбад. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон оиди шинохти Абӯалӣ ибни Сино чунин гуфтаанд:-“Воқиф ва шинохти шахсияти Абӯалӣ ибни Сино, ки фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, имкон дорад, ки ба идеологияи Ваҳдати миллӣ ва худшиносии тоҷикон мусоидат кунад. Зеро осори Ибни Сино дар ташаккули забониву қавмии миллати тоҷик ҳазор сол муқаддам низ саҳми назаррас доштааст”.

Бидуни шакку шубҳа метавон гуфт, ки Абӯалӣ ибни Сино бузургтарин донишманд ва пизишки ҳама давру замон маҳсуб меёбад. Ӯ на танҳо табиб, балки ахтаршинос, кимёшинос, риёзишинос, табииётшинос, равоншинос, файласуф ва ахтари дурахшони адабиёти форсу тоҷик аст.

Бояд қайд намуд, ки роҷеъ ба шарҳи аҳвол, осору афкори Ибни Сино асарҳои зиёде навишта шудаанд ва онҳоро аз рӯи хусусияташон ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст. Аввал, асарҳое, ки ҳолу аҳвол ва давраи зиндагии ӯро дарбар мегиранд. Дар ин тадқиқот саҳми олимони тоҷику рус С.Айнӣ, А.Я.Якубовский, А.А.Семёнов, А.Мирзоев, Б.Ғафуров, Ю.Н.Завадовский, олимони Эрон Саид Нафисӣ, Саидсодиқ Гавҳарин, Забеҳулло Сафо бузург аст. Сониян, асарҳое, ки ба таҳлили афкори фалсафию равоншиносӣ ва мантиқии Ибни Сино мансубанд. Ба ин таҳқиқот олимони тоҷик, рус ва эрон аз ҷумла А.М.Баҳоваддинов, М.Н.Болтаев, М.Диноршоев, А.К.Закуев, Қосим Ғанӣ, Муҳаммад Шоҳвардӣ ва ғайраро дохил намудан мумкин аст.

Дар бораи замон, зиндагиву ҳаёти олими бузурги ҷаҳонӣ - Ибни Сино адабиёти бисёр ва басе гуногуне ҳаст, ки муфассал бо шарҳи васеи тарҷимаи ҳол тасвир ёфтааст. Ва бори дигар барои зикри он ҳоҷате нест. Вале дар рисолаи “Саргузашт” худи Абуалӣ ибни Сино чунин гуфтааст: - “Вақте, ки ба даҳсолагӣ расидам (Қуръон) ва миқдори зиёде аз илми адабиётро ёд гирифта будам. Мардум аз ҳолати ман дар тааҷҷуб буданд” [1, 14]. Ин аз истеъдоду маҳорат ва қобилияти зеҳнии баланд доштани Абӯалӣ ибни Сино ҳанӯз дар айёми кӯдакиаш шаҳодат медиҳад.

Бино ба гуфтаи муаррихи асри миёна Байҳақӣ, падари Абуалӣ ибни Сино писари худро дар заминаи маданияти бағоят бойи халқҳои Осиёи Миёна, Эрон ва Шарқи Наздик тарбия мекард. Дар ин бобат Абуалӣ ибни Сино навиштааст: “Падарам маро дар назди Маҳмуди Массоҳ ном олими риёзиёт, ки худ баққолӣ мекард, шогирд гузошт, то он, ки ман аз ӯ илми ҳисобро омӯхтам. Дар ин миён Абӯабдуллоҳи Боҳилӣ ном шахсе, ки даъвои донишмандии илми мантиқ ва ҳикматро мекард, ба Бухоро кӯчида омад. Падарам Боҳилиро дар ҳавлии мо манзил дод, то ки ба ман фалсафа таълим диҳад. Аммо ман то омадани Абуабдулло Боҳилӣ дар назди Исмоил Зоҳид илми фиқҳро такмил медодам. Ман дар ҳисоб беҳтарин шогирдони ӯ будам, дар ин ҷо усул ва услубҳои эродгириро ба тарзе, ки дар байни аҳли фиқҳ маъмул ва расм буд, аз худ кардам. Ман ба мутолиаи китоби “Исоғуҷӣ” дар ҳузури Абуабдулло Боҳилӣ сар кардам. Рӯзе ӯ ба ман дар таърифи ҷинси ашё гуфт: ”Ин чиз ҳамон аст, ки дар бораи бисёр чизҳои гуногуншакл гуфта мешавад”. Вале дар ҷавоби саволи “Ин чист?”- ман таърифи он чизро ба тарзе таҳлил кардам, ки ӯ мислашро дар умри худ нашунида буд. Ӯ бениҳоят дар ҳайрат монд ва сонӣ ба падарам маслиҳат дод, ки маро ба ғайр аз илм ба кори дигаре машғул надорад” [2, 17].

Абуалӣ ибни Сино тамоми вақти холии худро бо омӯзиши улуми Юнони қадим сарф карда, аз ҳама бештар саргарми мутолиаи фалсафаи он гардид. Ӯ асарҳои олимони Юнони қадим – Гален, Гиппократ, Эвклид ва Птоломейро омӯхта, ба мутолиаи “Метафизика”, ки асари асосии фалсафаи Арасту аст, шуруъ кард. Тибқи нақли худи Абӯали ибни Сино, ӯ тарҷимаи арабии “Метафизика”-и Арастуро чил бор сар то сар хонда баромада, тамоман аз ёд карда бошад ҳам, аввалҳо маъноящро пурра нафаҳмида будааст. Вале рӯзе иттифоқан тафсири он, ки аз тарафи Ал-Форобӣ навишта шудааast, ба дасташ меафтад ва аз мутолиаи он тамоми шубҳа ва нофаҳмиҳои ӯ барҳам медиҳад. Пас аз ин Ибни Сино асарҳои фалсафии муаллифони дигарро низ мутолиа карда, ба осонӣ дарк мекунад.

Ҳамаи ин талошу кӯшишҳои пайваста сабаб гардид, ки асарҳои “Донишнома”, “Ишорот ва танбеҳот”, “Китоб-ун-наҷот”, “Китоб-уш-Шифо” ва ғайраро таълиф намуда, исмашро дар таърихи афкори фалсафии инсоният ҷовидона гардонад. Дар осори мутафаккир масъалаҳои таносуби Худо ва табиат, моддаву сурат, нафсу тан, сабабият, донисташавии олами моддӣ ҳамаҷониба тадқиқ ва таҳлил шудаанд.

Ибни Сино ҳангоми таҳлили моҳияти ҳаракат ду фикри аз ҷиҳати илмӣ муҳимро баён кардааст. Якеи онҳо тасаввуроти вай дар бораи “майл” аст. Бино ба ақидаи ӯ “Майл қувваест, ки аз ҷисми мутаҳаррик ба муҳаррик мегузарад ва ҷисм то тамом шудани он ҳаракат мекунад” [2, 193]. Дар ин ақида ғояи қонуни инерсия ифода шудааст, ки онро танҳо дар асри XVII Галилей кашф намуд.

Асарҳое ҳастанд, ки Ибни Сино онҳоро ба забони модарии худ тоҷикӣ ё чуноне, ки дар асрҳои X - XI мегуфтанд, ба порсии дарӣ, таълиф намудааст. Қабл аз ҳама мо “Донишнома”-ро дар назар дорем. “Донишнома” намунаи беҳтарини асарҳои илмӣ-фалсафӣ буда, аз бобҳои мантиқ, иллоҳиёт, табииёт, ҳайат ва мусиқӣ таркиб ёфтааст. Китоби дар боло зикр гардида, дар ташаккули забон ва истилоҳоти илмии забони тоҷикӣ низ саҳми муассир гузоштааст. Садриддин Айнӣ дар рисолаи роҷеъ ба Ибни Сино аз муқаддимаи “Донишнома”-и Шайхурраис иқтибос оварда, ба терминсозии ӯ аҳамияти хоса зоҳир карда, иброз медорад:-“Мо дар ин чанд сатри муқаддима мебинем, ки ин донишманди бузург мавзӯҳои илмиро чи қадар содда навиштааст, ин олими ҷаҳонӣ, ки ҳамаи таҳсил ва фаъолияти илмии худро дар забони арабӣ гузаронидааст ва дар бораи қоида, хусусият ва луғати арабӣ даҳ ҷилд китоб таълиф кардааст, вақте хостааст бо забони модарии худ китоб таълиф кунад, чи қадар қобилиятӣ илмӣ шудан доштани забони тоҷикиро нишон дода тавонистааст”. Сипас Садриддин Айнӣ ба ҷои ҷамъ-гирд, ба ҷои мизон-тарозу, ба ҷои ашё-чизҳо ва якчанд калимаҳои дигарро мисол меоранд. Ибни Сино тавассути асарҳои тоҷикиаш (зиёда аз 20 номгӯй) исбот кард, ки забони тоҷикӣ ба ифодаи маъниҳои борики илмию фалсафӣ қобил аст.

Шайхурраис аз қабили китоби аввали “Ал-қонун” ва “Мухтасар-ул маҷистӣ” китобҳо ва рисолаҳои зиёдеро таълиф намуд. Аз ҷумла китоби “Ал-маҷмӯъ” дар як муҷаллад, китоби “Ал-ҳосил ва-л-исм” дар ду муҷаллад, китоби “Аш-шифо” дар ҳаждаҳ муҷаллад, китоби “Ал-қонун” дар чордаҳ муҷаллад, китоби “Ал-ирсод-ул-куллия” дар як муҷаллад, китоби “Ал-инсоф” дар бист муҷаллад, китоби “Ал-наҷот” дар се муҷаллад, китоби “Ал-ҳидоя” дар як муҷаллад, китоби “Ал-ишорот” дар як муҷаллад, китоби “Ал-мухтасар-ул-авсат ”, “Ал-алоӣ” дар як муҷаллад, “Ал-қулинҷ” дар як муҷаллад, “Лисон-ул-араб” дар даҳ муҷаллад, “Ал-адвият-ул-қалбия” дар як муҷаллад, “Ал-мӯҷаз” дар як муҷаллад , “Ал-ҳикмат-ул-машриқия” дар як муҷаллад, “Баёну завот-ил-ҷиҳат” дар як муҷаллад, “Ал мабдаъ ва-л-маод” дар як муҷаллад. Аз рисолаҳояш инҳоянд: “Аз-қазо ва-л-қадар”, “Ал-олат-ур-расидия”, “Ғаразу қотиғуриёс”, “Ал-қасоид фи-л-азамат ва-л-ҳикмат”, “Мухтасару Уқлидус”, “Мухтас-ун-набз” ва ғайраҳо [2, 20 – 21].

Ҳамагӣ зиёда аз 100 асари Абӯалӣ ибни Сино ба дасти мо расидааст. Қисми зиёди дастнависи асарҳои олим гум шудаанд. Вале он чӣ ҳам, ки аз асарҳои ӯ боқи мондасст, ба фаъолияти гуногунии илмии ин мутафаккири бузург далолат мекунад. Ибни Сино ҳам монанди Арасту олим ва файласуфи басе пурдон ва аз ҳар илм мукаммал буд. Ӯ машҳуртарин олими мавсуавии (энсиклопедии) замони худ буда, тамоми таълимоти файласуфони гузаштагонро комилан аз худ карда буд.

Дар солҳои Иттиҳоди Шӯравӣ академик, профессор, А.М.Баҳоваддинов ба омӯзиши мероси фалсафии Ибни Сино пардохтааст. Нахустин мақолаи ӯ соли 1948 таҳти унвони “Бузургтарин кохи ёдгории афкори фалсафии халқи тоҷик (Оид ба асари Ибни Сино “Донишнома”) чоп шудааст. Хидмати А.М.Баҳоваддинов дар омӯзиши мероси Ибни Сино ин аст, ки аввалин бор мавқеи ғоявии “Донишнома”-ро чун манбаи афкори фалсафӣ исбот кард ва ба андешаҳои илмӣ ин аллома маълумоти муфассал дод. Ҳамзамон дар тарҷума ва нашри осори Ибни Сино низ хидмати профессор А.М.Баҳоваддинов бузург аст. Мавсуф соли 1957 қисматҳои “Мантиқ”, “Иллоҳиёт” ва “Табииёт”-и “Донишнома”-ро ба русӣ тарҷума намуд. Тарҷумаи асар кори саҳл нест, зерро бо нозукиҳои забони асри даҳ, истилоҳоти илмию фалсафии Ибни Синоро донистан зарур аст. Дар муқаддимаи кор муаллиф қайд кардааст:-“Бори нахуст соли 1947

бо ҳамроҳии А.П.Колпаков ба тарҷумаи “Донишнома” шуруъ намудем, аммо кушишу талошҳои мо бе натиҷа боқи монд. Пас дар тарҷимаи ин осор профессор Е.Э. Бертелс, номзади илмҳои филологӣ М.Н.Османов, номзади илмҳои таърих И. Ализода, Парвиз Шод саҳми худро гузоштанд” [3, 8].

Дар омӯзиши мероси фалсафии Ибни Сино хидмати Парвиз Шод низ калон аст. Номбурда соли 1957 дар бораи ҷаҳонбинии Ибни Сино рисолаи номзадӣ навишта, мазмуни асосии онро дар “Назарияи маърифати Ибни Сино” ном мақолааш дар маҷмӯаи “Аз таърихи фалсафа” дарҷ кардааст. Дар ин мақола муаллиф ба ақидаҳои олимон Ренан, Аҳвонӣ, Мустафо Назиф, ки афкори Ибни Синоро ба Арастую Локк ва Кант шабеҳ донистаанд, зид баромадааст [4, 97]. Ӯ нуқтаи назари Ибни Синоро дар боби маърифат тадқиқ карда, тамоилҳои материалистию идеалистии ӯро нишон медиҳад.

Аммо файласуфи тоҷик, номзади илмҳои филологӣ Умарбек Султонов дар китоби худ таҳти унвони “Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, ва ахлоқии Абуалӣ ибни Сино” доир ба таҳқиқоти Парвиз Шод чунин гуфтааст: “Парвиз Шод Ибни Синоро баъзан сенсуалист, гоҳе эмперик ва баъзан ратсионалисту априорист номидааст, ки ба ҳақиқати таърихӣ чандон мувофиқат намекунад” [5, 4].

Дар китобу мақолаҳои А.Я.Борисов, В.Асмус, Б.Э.Биховский, С.Н.Григорян, У.И.Каримов, Герман Лей ва дигарон низ афкори гуногуни фалсафӣ, психологӣ ва мантиқии Ибни Сино таъбир шудаанд.

Асарҳои файласуфии Ибни Сино дар асрҳои миёна дар Шарқу Ғарб васеъ интишор шуда буданд. Аврупоиён бо метафизикаи Абӯалӣ ибни Сино панҷоҳ сол қабл аз метафизикаи Арасту шинос шуда буданд. Яке аз аввалин асарҳои олимони асри миёна, ки дар Аврупо чоп шудаанд, асарҳои Ибни Сино буданд. Чунончи, “Китоб-уш-шифо”-и Абӯалӣ ибни Сино дар Рим соли 1593 чоп шуда буд.

Пурдонӣ ва маълумоти ҳаматарафаи Абуалӣ ибни Сино аввалан дар он ифода мешавад, ки ӯ мавзӯи баҳси фалсафиро аз таҳқиқи маҷмӯи илмҳо иборат медонад. Фалсафа, ба ақидаи мутафаккир, тамоми ҳикмати инсониро дар бар мегирад. Фалсафа ба ду қисми асосӣ тақсим мешавад- ба фалсафаи назариявӣ, ки шинохти ҳақиқат мақсадаш аст ва ба фалсафаи амалӣ, ки ҳадафи он ба даст овардани некрӯзӣ ва саодатмандӣ аст.

Олими франсуз А.М.Гуашон таҳқиқ ва муқаррар намудааст, ки ғояҳои Абӯалӣ ибни Сино дар бобати ҳастӣ, яъне моҳияту вуҷуд ва зинаҳои ратсионалии оламшиносӣ ба бисёр схоластҳои асри миёна, ба монанди Дунс Скотт, Роҷер Бэкон, Уилям Оккама ва дигарон, ҳамчунин ба файласуфони Ғарб таъсири калон бахшидааст. Гуашон даъво мекунад, ки дар Аврупо муддати дароз ҷараёни файласуфие ба номи “авитсеннизм” вуҷуд дошт [6, 22]. Таълимоти Ибни Сино дар бораи қадимии олам ва шаклҳои ҳастии он, назарияи маърифатии вай ба фалсафаи Аврупои Ғарбӣ роҳ ёфта, принсипҳои муҳимми фалсафаи Сигери Брабантӣ (асри 13) гардиданд, ки ӯ дар танқиди схоластика ва сурат гирифтани материализми замони нав роли муҳим бозида аст.

Машҳуртарин файласуф ва олими мантиқ дар байни халқҳои Осиёи Миёна, Эрон ва дигар мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Миёна Абӯалӣ ибни Сино ба ҳисоб меравад. Ибни Сино назарияи оламшиносӣ (маърифат) ва мантиқи худро дар асарҳои “Китоб-уш-шифо” иборат аз 18 ҷилд, “Китоб-ан-наҷот”, “Донишнома”, “Китоб-ал-ишорат в-ат-танбеҳот” ва ғайра баён кардааст. Ҷоиз ба зикр аст, ки чи олимони хориҷӣ ва чи олимони осиёи марказӣ ҳама эътироф мекунанд, ки “Китоб-ал-ишорат в-ат-танбеҳот” фикру ғояҳои пухта ва комил дорад. Бино ба гуфти профессор Е.Бертелс олим дар ин китоб аз ғоя ақидаҳои Арасту қариб тамоман даст мешуяд. Айнан ҳамин фикрро А.М. Гуашон низ дар мақолаи малхалии худ ба асари Ибни Сино “Китоб-ал-ишорат в-ат-танбеҳот” хотирнишон мекунад. А. Гуашон китобро аз арабӣ ба франсузӣ тарҷума карда, соли 1951 бо шарҳу эзоҳоти зиёди франсузӣ нашр кард.

Асари “Ҳикмат-ал-Машриқия”-и Абӯалӣ ибни Сино, ки дар бораи фалсафаи Шарқ сухан меронад, гум шудааст. Аз ин асар фақат сарсухани он қисме, ки “Мантиқ-ал-Машриқин” ном дорад ва инчунин як қисми ками худи асар боқӣ мондааст.

Мазмуни ин шеър назарияи Абӯалӣ Синоро таҳриф намуда, ақидаи идеалистии маърифатнопазирии ҷаҳонро ба ӯ нисбат медиҳад. Дар бораи таълимоти маърифатии Абӯалӣ Сино ду нуқтаи назари мухолиф ҳаст, ки ба ду нафар файласуфони мисрӣ тааллуқ доранд. Яке нуқтаи назари профессори фалсафаи донишгоҳи Қоҳира-доктор Аҳмад Фуад Ал-Аҳванӣ ва дигаре нуқтаи назари Мустафо Назиф. Мустафо Назиф даъво дорад, ки назарияи маърифати Ибни Сино, монанди таълимоти маърифати Ҷон Локк, сенсуалӣ мебошад. Доктор Аҳванӣ ба ин нуқтаи назар розӣ нашуда, мегӯяд, ки назарияи маърифати Ибни Сино аз ақидаҳои сенсуалии Локк дида, бештар ба ақидаҳои оламшиносии Кант монандӣ дорад. Ба қавли Аҳванӣ, назарияи маърифатии Абӯалӣ ибни Сино аз ду унсур таркиб ёфтааст. Унсури якум дониши муҷаррад ва маҷҳулест, ки дар таҷриба озмуда нашудааст. Ин донишҳо дар худи ақли инсон аз худи табиати ақл ҳосил мешавад. Бинобар ин характери номуайян ва пеш аз таҷрибавӣ доранд, дар амал ҳанӯз собит нашудаанд. Унсури дуввум донишҳоест, ки аз ҳаёти воқеӣ ҳосил шудаанд. Ба ҳамин сабаб, ба фикри Аҳванӣ, ба назарияи сенсуалӣ баробар кардани назарияи маърфиатии Ибни Сино ғалат аст. Вале дар даъвои худи Аҳванӣ ҳам, ки гносеологияи Ибни Синоро бо таълимоти Кант монанд медонад, низ аз ҳақиқат дур аст [6, 28].

Мусаллам аст, ки қисса ва ҳикояҳои фалсафӣ, ахлоқӣ барои баёни андешаҳои илмӣ дар адабиёти асримиёнагии форс-тоҷик мавқеи хосе доранд. Ин навъи адабӣ таърихи дуру дарозе дорад ва намунаи ин гуна қиссаҳо дар адабиёти Юнонистони қадим низ дида мешавад. Яке аз саромадони чунин осори адабӣ дар адабиёти тоҷик Абуалӣ ибни Сино мебошад, ки то замони мо якчанд осори ӯ ба мо боқи мондааст. Аз ҷумла:

1. Рисолаи “Саргузашт” доир ба ҳаёт ва фаъолияти илмию адабии файласуфу донишманд, аллома Абуалӣ ибни Сино муъҷаз маълумот медиҳад. Ин асарро то нисф худи Ибни Сино ва баъд аз забони шогирдаш- Абуубайди Ҷузҷонӣ таълиф шудааст. Дар рисолаи мазкур зикр шудааст, ки падари Ибни Сино аз аҳли илму адаб буда, дар хурди ба таълиму тарбияи фарзандаш аҳамияти хоса зоҳир мекард. Дар натиҷаи кӯшиш ва талошҳои падараш, лаёқату истеъдод ва хотираи мустаҳками Абуалӣ ибни Сино дар синни ҳаждаҳсолагӣ тамоми илмҳои замонашро ҷавҳаркаш намудааст. Баъди муолиҷаи амир Нӯҳ ибни Мансур, ки табибони дарбор оҷиз монда буданд, Ибни Сино ба китобхонаи шоҳӣ дастрасӣ меёбад. Чи гунае, ки худ иброз медорад:-“Дар он китобхона китобҳои бисёре дидам, ки ҳатто номашон ба бисёр касон номаълум буд ва ман ҳам пеш аз он надида будам ва то кунун ҳам надидаам. Он китобҳо ба масъалаҳое пайвастагӣ дошт, ки то ҳанӯз ҳам номаълум аст. Ман дар ин китобхона мақом ва мартабаи ҳар як муаллифро нисбат ба илмаш шинохтам”.
2. “Рисолат-ут-тайр”(оид ба парандагон) ҳангоми маҳбусии ибни Сино дар зиндони Фардҷон таълиф гардидааст. Ин рисола аз ду қисмат иборат аст. Дар қисми аввал панду ҳикмат доир ба дӯстӣ мебошад. Дар қисми дигар тифсили қиссаи парандагон буда, дар он масъалаҳои илмӣ ва то як андоза саргузашти нависанда ба тариқи тамсил ҳикоят мешавад. Ибни Сино дар заминаи ҳикояти мазкур парвариши баданро ба шуғли илмию ақлӣ, ки ба ақидаи ӯ асоси камолоти инсон аст, муқобил мегузорад. Дар рисолаи мазкур чунин омадааст:- “Эй бародарон, ҳеҷ ҳайратангез набувад, агар фаришта рафтори хилофи ахлоқ накунад ва ё ҳайвон ё чорпои саворие кори бад кунад, чунки фаришта воситаи фасод надорад ва ҳайвон олоти ақл надорад. Аммо ҳайратовар кори одаме аст, ки фармонбари худхоҳӣ нашавад ва худро ба нури ақл ғолиби ишратпарастӣ кунад ва ба иззати Худой одаме, ки дар вақти майли ишрат худро устувор нигоҳ медорад, аз фаришта болотар меистад. Боз касе, ки гирифтори ишрат бувад, аз ҳайвон ҳам пасттар аст”.

3. Қиссаи “Ҳай ибни Яқзон” тарҷумаи он ба тоҷикӣ “Зинда писари бедор” мебошад. Қиссаи мазкур аҷибу мароқангез буда, дар нигоҳи аввал аз ҷиҳати маъно мураккабу муҷмал аст. Муаллиф дар ин асар такомули хирад ва ақли одамиро дар якҷоягӣ бо таркиби олам, моҳият ва асоси ҳастӣ тасвир мекунад. Асар дар асоси саргузаштҳои ҷолиб таълиф шуда, масъалаҳои муҳими фалсафиро фаро гирифтааст. Маъхази сюжети ин асар гӯё аз Юнон будааст ва Ибни Сино нахустин шахсест, ки онро бо маънии тозае таҳия кардааст.

4. Қиссаи “Саломон ва Ибсол” асоси достонӣ дошта, дар вай воқеа бо моҷарои хулқу атвор ва кирдори шахс баён мешавад. Маънои он ҳам асоси рамзӣ дорад. Саломон дар инҷо асли шахс-одам, Ибсол-қуввати хаёл ва илмии инсон, ки ба маърифати ҳастӣ равона шудааст ва зани Саломон – майлҳои ҷисмонию ғайриақлии инсонӣ мебоашад. Ибни Сино мегӯяд, ки агар майли инсон ба танпарварӣ вусъат ёбад, қобилияти идроку фаҳмиш ва дониш мемирад.

5. Рисолаи “Пирӯзинома” гӯё Ибни Сино аз паҳлавӣ ба порсии дарӣ тарҷума карда бошад. Дар китоби “Кашф-уз-зунун”-и Ҳоҷӣ Халифа нақл аст, ки ин асарро Бузургмеҳр барои Анушервон навиштааст ва онро Абуалӣ ибни Сино бо амри Нӯҳ ибни Мансур ба порсии дарӣ-тоҷикӣ дар соли 997 мелод тарҷума кард.

Ғояҳои фалсафӣ ва илмии Ибни Сино ба инкишофи минбаъдаи илму фалсафаи Шарқу Ғарб таъсири калон расонидаанд. Умари Хайём, Муҳаммади Ҷурҷонӣ, Насриддини Тӯсӣ, Қутбиддини Шерозӣ, Ҷалолиддини Давонӣ равияи ӯро давом дода илми фалсафаи асрҳои миёнаро хеле тараққӣ доданд. Мубориза ғоявие, ки дар атрофи осори Ибни Сино шиддат гирифт, ба такомули тафаккури фалсафӣ ва илмӣ кӯмак кард, зеро намояндагони мактаби Ибни Сино даъвоҳои душманонаи ғоявии ӯро рад карда, чандин кашфиёти нави илмию фалсафиро баён карданд.

Мақому манзалати Ибни Сино дар илми тиб низ бузург аст. Асарҳои Ибни Сино доир ба соҳаи тиб ҷамъбасти таърихи чандинасраи илми тибби Юнону Рим, Хитой, Ҳиндустон марҳалаи нави инкишофи илмӣ мебошад. Асари машҳури ӯ “Ал-қонун-фи-т-тиб” дар давоми якчанд аср мавсуаии (энсеклопедияи) улуми тиб буд ва дар тамоми макотиби олии Аврупо хизмати китоби дарсии асосии тиббиро адо мекард. Дар асари мазкур тамоми комёбиҳои илми тиб, муваффақиятҳои анатомия ва физиология, касалиҳои дарун ва илми парҳез, фармокология, соҳаи бемориҳои инфексионӣ, дардҳои урология ва ғайра гирдовари карда шудааст.

Кашфиёти Абуалӣ Синоро дар соҳаи илми тиб бояд хотиррасон намуд. Ӯ сабабҳо ва диагностикаи менингит, плеврит, захми меъда, сифилисро таҳлил ва муайян кардааст. Кашфиёти бузурги ӯ дар соҳаи тиб он буд, ки бар хилофи ақоиди олимони тибби замони худ, исбот кард, ки ҷизҳо дар чашми одамӣ на ба воситаи зуҷоҷияи чашм, балки ба воситаи пардаи шабакияи чашм акс меёбанд. Дар баробари ин Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи фармакология низ нақши муассир гузошта аст. Аз панҷ ду ҷилди асари ӯ “Қонун” ба тавсиф ва тасвири 785 навъи доруҳои гиёҳӣ, ҳайвонӣ ва минералӣ бахшида шудааст [6, 23].

Дар рисолаи “Саргузашт” Абӯубайдӣ Ҷузҷонӣ шогирди Ибни Сино чунин мегӯяд:- “Шайхро дар муолиҷаҳое, ки мекард, бисёр таҷрибаҳо ба даст омада буд. Ӯ қасд дошт, ки ин таҷрибаҳоро дар китоби “Ал-қонун” гирд оварад ва онҳоро ба тариқи таълиқ бар ҷузъҳое навишта буд, ки пеш аз тамом шудани китоби “Ал-қонун” аз байн рафтанд” [2, 24].

Абӯалӣ ибни Сино дар рушду нумӯи дигар соҳаҳои табиатшиносӣ аз қабили химия, геология, минералогия, механика ва физика саҳми назаррас дорад. Классификатсияи минералҳо, ки олим пешниҳод кардааст, назар ба классификатсияи қаблӣ, ки ба Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариё таалуқ дорад, бешубҳа қадаме ба пеш мебошад. Чунин фикри Ибни Сино, ки дара ва водиҳо дар зери таъсири обу шамол пайдо шудаанд, ниҳоят ҷолиби диққат аст.

Олим дар асоси таҳқиқ ва таҳлили нақши дар санг мондани наботот, ҳайвонот ва гӯшмоҳиҳо чунин тахмин кардааст, ки як замоне қисми зиёди хушкии ҳозира қаъри баҳр будааст. Ин тахмини ҷасуронаи олим буд, ки хеле вақт сонитар геологҳои аврупоӣ дар амал исбот кардаанд.

Бо таваҷҷуҳ ба заминаҳои таърихиву фарҳангии мардумони ориёнаҷод, табиб ва табобат миёни мардум муқаддас буда, мавқеи хоса дошт. Табиб ҳамчун эҳёгар номида мешуд, ки бо даму нафаси худ дарду ранҷро аз ҷисму рӯҳи дардмандон бартараф намуда ва шавқу умедро ба колбади ҷисму ҷони онҳо падид меовард.

Олами тибби мардумони эронинаҷод бо доштани чунин як донишманди бузург ва файласуфи маъруф Шайхурраис ибни Сино ифтихор дорад, ки дар ҳама давру замон фазои маънавии ӯ муаттар ба атри донишу пажӯҳиш буд. Бешубҳа, Абуалӣ Сино самараи арзандае аз дарахти пурбаракот ва зуҳури равшане аз нақши тоҷикон дар пешрафти тамаддуни башарӣ мебошад. Вай на танҳо эътиборе барои тамаддуни тоҷикону форсизабонон, балки чеҳраи тобноке дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ аст. Ибни Сино аз маъруфтарин донишмандони шарқ дар Ғарб ба шумор меравад. Ба далели фарогирии Ибни Сино ба илмҳои мухталиф ва таъсири ӯ ба мутафаккирон ва олимони пас аз ӯ, ки доираи онҳо на танҳо тамаддуни Шарқ, балки Аврупоро дар бар мегирифт, аз ӯ дар Ғарб ба унвони номдортарин донишманди машриқзамин ёд мешавад.

Сино яке аз бузургтарин нобиғаҳои ҷаҳонӣ дар охири садаи X ва ибтидои қарни XI зиста, дар соҳаҳои ниҳоят гуногуни илм, хусусан дар инкишофи илмҳои фалсафа ва тиб саҳми босазое гузоштааст. Абӯалӣ ибни Сино, ки дар кишварҳои Ғарб бо номи Авитсенна машҳур мебошад, дар давоми умри начандон тӯлонии 57-солааш аз худ дар илмҳои гуногун асарҳои нодир боқӣ гузоштаст. Осори Сино гуногун буда, аз рисолаҳои мухтасар то асарҳои чандинҷилдаро ташкил медиҳанд. Ин асарҳо дар инкишоф ва такмили илмҳои мавҷуда нақши сазовор гузошта, то кунун арзиши бузурги таърихӣ, маданӣ ва илмӣ доранд. Аз ҷумла, китоби “Ал-Қонун”, ки ба забони арабӣ таълиф шудааст, ба забонҳои лотинӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, англисӣ, форсӣ ва урду тарҷума шудааст. “Ал-Қонун” тақрибан 800 сол дар Ғарб як китоби арзишманд ва асосии тиббӣ буд. Барои гиромидошти олим, файласуф ва мутафаккири бузурги халқи тоҷик Абуалӣ ибни Сино яке аз ноҳияҳои пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе ва Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи ӯ номгузорӣ карда шуданд. Акси Ибни Сино дар асъори миллии кишвар инъикос ёфтааст ва номи ӯ ба майдону хиёбонҳо, маҳаллаву ҷамоатҳо ва кӯчаҳо гузошта ва пайкараву нимпайкараҳои ӯ дар гӯшаҳои гуногуни диёр қомат афрохтанд, ки нишони эҳтиром ва арҷгузорӣ ба ин фарзанди фарзонаи миллат аст.

## АДАБИЁТ:


1. Абӯалӣ ибни Сино “Пирӯзинома” Нашриёти “Маориф” Душанбе 1980. 102 с.
2. Абӯалӣ ибни Сино Осори Мунтахаб. Ҷилди якум. “Нашриёти Ирфон” Душанбе-1981 468 с.
3. Ибн Сина. Дони-шнамэ. Книга знания. Перевод и передсловие академика АН Таджикской ССР, доктора философских наук, профессора Богоутдинова А.- Сталинобод, 1957.
4. Шад П.Г.. Теория познания Ибн Сины. В.сб.: Из истироии философии М., 1957
5. Султонов У. “Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абӯалӣ ибни Сино” Нашриёти “Дониш” Душанбе 1975. 164 с.
6. Болтаев.М.Н. Ақидаҳои Фалсафии Абӯалӣ ибни Сино. Нашриёти “Ирфон” Душанбе 1969. 153 с.

ТДУ 1(091)(430)

## ИРОДАИ ҚУДРАТ, РУҲИ ДИОНИСӢ ВА ТАЪЙИНОТИ АХЛОҚ ДАР «ФАЛСАФАИ ҲАЁТ»-И ФРИДРИХ НИТСШЕ

**АМИНОВ Ф.А.**

*Номзади илмҳои фалсафа, дотсент, ходими пешбари илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

*Дар мақола мафҳуми асосии фалсафаи Нитсше "иродаи қудрат" истифода мешавад, ки ин мафҳум ҳамчун принсипи шарҳдиҳандаи ҳама руйдодҳои олам, хосатан бунёди ҷавҳарӣ ва нерӯи асосии ҳаракатдиҳандаи ин олам аст. Мувофиқи андешаи муаллифи мақола дар фалсафаи Фридрих Нитсше ирода ба ҳокимият (қудрат) мушобеҳи ирода ба ҳаёт мебошад. Файласуфи бузург иддао дорад, ки ҳаёт бидуни қудрат бемаънӣ аст, "ҳеҷ ҳаёте бе ирода, бе нерӯи ҳаётӣ нест, ҳеҷ иродае бе қудрат нахоҳад буд". Принсипи Дионисии Нитсшеро таҳлил намуда, муаллиф ба чунин хулоса меояд: принсипи дионисии Нитсше-ин эъзозу икроми Инфиродият, озодӣ ва сифати антропологии руҳ аст, ки ба ҳеҷ шарту шароит тобеъ нест, ҳеҷ мазраи наву мавзунеро наофарида, балки моро ба асрори сириштию табиӣ бозмегардонад. Дионис – ин "баргаштани абадӣ", ҳамеша пас омадан ба ҳолати аввалаи ҳастӣ аст. Баъдан, ба андешаи муаллиф, Нитсше ахлоқи муосирро танқид карда, онро ахлоқи "тӯдаҳо", меномад, ки ба сӯи ҳифозати заифон нигаронида шуда, инкишофи "абармард" – инсони типи навро, ки ҳаётро муқаррар сохта, арзишҳои хештанро "дар фаросӯи неку бад" месозад, монеъ аст. Мавқеи Нитсшеро муайян карда, муаллиф ба хулосае меояд, ки мутафаккир, ба хотири таранннуми табиати инсонии комил ва соҳибирода ахлоқро танқид мекунад. Аз инҷо, ба андешаи муаллиф, идеяи Абармарди Нитсше огоз мегардад. Абармарди Нитсше ин натиҷаи комилияти ахлоқӣ ва фарҳангию маънавии инсон аст.*

**Калидвожаҳо:** *иродаи қудрат, ҳаёт, руҳи дионисӣ, руҳи апполонӣ, романтизм, класситсизм, ахлоқ, арзиш, абармард.*

## ВОЛЯ К ВЛАСТИ, ДИОНИСИЙСКИЙ ДУХ И ПРЕДНАЗНАЧЕНИЕ МОРАЛИ В «ФИЛОСОФИЯ ЖИЗНИ» ФРИДРИХА НИЦШЕ

**АМИНОВ Ф.А.**

*Кандидат философских наук, доцент, ведущий научный сотрудник Научно-исследовательского Института при Таджикском национальном университете*

*В статье рассматривается «Воля к власти»-основное понятие в философии Ницше, используемое им для обозначения принципа объяснения всего совершающегося в мире как таковом; его субстанциальной основы и фундаментальной движущей силы. Согласно мнению автора в философской концепции Фридриха Ницше воля к власти отождествляется с волей с жизнью. Великий философ считает, что жизнь без власти немыслима и «нет никакой жизни без воли, без жизненной силы, и нет воли без власти». Анализируя Дионисийский принцип Ницше, автор* ***приходит*** *к следующему* ***выводу****: Дионисийский принцип Ницше – это культ Индивидуальности, свободы и как антропологического свойства духа, не подчиняющегося обусловленности, но создающего новые координаты гармонии, возвращающей нас к тайне естества.*

*Дионис–это «вечное возвращение», постоянное возвращение к уже сбывшемуся состоянию. Далее, по мнению автора, Ницше критиковал современную мораль как "стадную", направленную на сохранение слабых и препятствующую развитию "сверхчеловека" — нового типа человека, утверждающего жизнь и создающего собственные ценности "по ту сторону добра и зла". Определяя позиции Ницше, автор приходит к выводу, что критикуя мораль, Ницше выступает за целостную и волевую натуру. По мнению автора, отсюда и возникает идея сверхчеловека. Сверхчеловек Ницше-это результат морального и культурно-духовного совершенствования человека.*

**Ключевые слова**: *воля к власти, жизнь, дионисийский дух, аполлоновский дух, романтизм, классицизм, мораль, ценность, сверхчеловек.*

**WIL OF POWER DIONYSION SPIRIT AND OPPOINTING MORAL IN «PHILOSOPHY OF LIFE» OF FRIDRIKH NITSCHE**

**AMINOV F.A.**
*Candidate of philosopy scienses, associate professor, leading researcher at the Tajik National University Research Institute*

*The article considers «Will of power»-the main understanding in Nitsche philosophy using it for disighation of the principle of expeanation all perform in the world such; its such; its substance base and fundamental motive power. According to the opinion of author in phylosophy concept of Fridrkh Nitsche will to power identifiy with will to life. The Great philosopher holds that life without power unthinpable and «no life without will, without vitalitypower, and no wile without power». Analyzing Dionysian principle of Nitsche, the author comes to the following conclusion: Dionysion principle of Nitsche – it's a cult of individuality, frudom and as anthropological property of soul, disobey to conditionality, but found co-ordinates of haumany, returning us to the secret of essence Dionys – it's «eternal return», constant return to origin condition.*

**Keywords:** *Will to power, life, dionysion soue, apollontian spirit, romanticism, classicism, moral, value, superman.*

Яке аз симоҳои шинохтаи фалсафаи охири асри XIX-и Аврупо, ки ирратсионализм ва «фалсафаи ҳаёт» - ро муаррифӣ мекунад, Фридрих Нитсше мебошад. Фаъолияти эҷодии ӯро одатан ба се давра ҷудо мекунанд. Ба давраи аввал асарҳое дохил мешаванд, ки ба фарҳанги юнонӣ ва умуман фалсафаи аттиқа алоқамандӣ доранд: «Тавлиди фоҷиа аз рӯҳи мусиқӣ», «Фалсафа дар марҳилаи фоҷиавии Юнон», «Андешаҳои бемаҳал» аз қабили асарҳои ҳамин давраанд. Дар марҳилаи дуюми фаъолияти эҷодӣ (1876-1882) чунин асарҳо эҷод шудаанд: «Одамият, басо одамият» (ё ин ки «Ай инсон, ай басо инсон»), «Шафақи субҳ», «Илми сурурбахш». Дар асарҳои марҳилаи дуюм Нитсше ҳамчун файласуф, скептик, мунаққиди фарҳангу санъати аврупоӣ ва дини масеҳият баромад мекунад. Асарҳои асосии фалсафии ӯ дар марҳилаи сеюми эҷодии ӯ, марҳилае, ки ӯро бемории сахти дарди сар ва меъда азият медод, навишта шудаанд ва номгӯи ин асарҳо чунин аст: «Чунин гуфта буд Зардушт», «Дар форсӯи неку бад», «Ба насабшиносии (генеалогияи) ахлоқ», «Шоми бутҳо, ё ин ки чӣ тавр хирманкӯбона фалсафагарой мекунанд», «Антихрист» («Алайҳимасеҳ»), «ECCE HOMO. Чӣ тавр дар хештан муқаррар шуд» ва «Ирода ба ҳокимият» (ё ин ки «Иродаи қудрат»). Новобаста аз мундариҷаи мухталифи асарҳояш Ф. Нитсше, дар ҳамаи марҳилаҳои эҷодиаш таълимоти асосии хеш – иродаи қудрат ва ё ирода ба ҳокимиятро инкишоф медиҳад. Ба сифати манбаи бевоситаи ин таълимот волюнтаризми Шопенгауэр хизмат мекунад. Ирода - бунёди ҳаёт, оғози инстинктии (ғаризаи) ирратсионалӣ аст, ки дар ҳама зуҳуротҳои ҳаёт қарор дорад. Олам абадияти беоғозу беанҷом дар таълимоти Нитсше тасвир шуда, ҳамчун ташаккул ё барқарор шудан аст, ки онҷо муборизаи нерӯҳо ва ҳузури ирода ҷой дошта, раванди ташаккул ба ҳеҷ қонуне ё ҳадафу самте нигаронида нашудааст. Он ҷо на воҳидият, на низом ва на маъноест. Ин равандест, ки «ба ҳеҷ куҷое» нахоҳад бурд. Олами таҳаввулёбандаю ташаккулгирифта қобил ба хирад нест ва онро метавон ҳамчун натиҷаи задухӯрди иродаҳо ба хотири бартарият қаламдод кард. Ташаккул, аз нигоҳи Нитсше, набояд чун чизи воқеӣ, ё ин ки ботил, нек ё бад, ягонаю бомақсад баҳогузорӣ шавад. Ҳаёт ҳамчун ҳаракати абадӣ, ҷараёни доимию ташаккулёбандаест, ки аз атрибутҳои «ҳастӣ» холӣ буда, ҳамаи равандҳо – чӣ рӯҳонию чӣ ҷисмонӣ ҳамчун шакли мухталифи «ирода ба ҳокимият» арзёбӣ мешаванд. Андешаи фалсафаи классикӣ, ки онҷо «ҳастӣ» ягонаю ҳақиқӣ, мутобиқ ба хирад ва нерӯи муназзаму тобеъ ба қонунҳои инкишоф тасвир мешуд, аз ҷониби Нитсше ҳамчун зуҳури берун аз хирад, инкишофи бенизому бетартиб тавзеҳ меёбад. Ирода, ки онро Шопенгауэр ирода ба ҳаёт меномад, дар осори Нитсше на ҳамчун иродаи ягонаи олам, балки иродаи мушаххас ба қудрату ба

ҳокимият баҳогузорӣ мегардад. «Муборизa ба хотири зиндагӣ танҳо истисно ва маҳдудияти муваққатии ирода ба ҳаёт аст: муборизаи бузургу хурд ҳамеша ба хотири бартарият, барои инкишоф ва тақсимот, барои қудрат, мутаносибан ирода ба ҳокимият аст, ки айнан ҳамин ирода ба хаёт хоҳад буд» [3, 321].

Агар дар низоми фалсафии Шопенгауэр зиддияти байни иродаи абарқудрат ва этикаи узлатнишинӣ ҷой дошта бошад, дар консепсияи Нитсше чунин тазод ҷой надошта, таълимоти ирода ба ҳокимиятро собитқадамона ва устувортар ба пой мегузорад. Ҳаёт дар раванди абадии ташаккул буда, муборизаи ҳамешагии иродаи заифу иродаи тавоно моҳияти он аст. Мафҳуми ҳаёт қабл аз ҳама ба маънои кӯшише ба худсозию худтаҳкимёбию нерӯмандӣ - ирода ба ҳокимият аст, ки ҳамагуна тавзеҳу ишораро ба раванди пайдошавии он сарфи назар мекунад. Идеяи ирода ба қудрату ба ҳокимият, чуноне ҳамшираи ӯ Элизабет Фёрстер - Нитсше ёдовар мешавад, ҳамон вақте ба сари Нитсше омад, ки ӯ ҳуҷуми қушунҳо, қадамзании қотеъу бардам, хуруҷи муштараки ҳангома, ғалаёну садои таҳлукаангез, худфидосозии комил, омодагӣ ба зарба ва ҳатто ба маргро, боре ӯ мушоҳида намуд. Ҳар чизе, ки зинда аст, бояд дар ниҳоди нерӯмандии хеш барқарор гардад, бояд ба хотири мавқею мақоми хеш, барои дарёфти ҷое дар зери офтоб мубориза барад. Ирода ба ҳокимияту қудрат ин ба маънои хештанро муқаррар сохтан, худро таҳияю лоиҳа кашидан ва мавҷуди хешро таъсис додан аст. Инҷо сухан дар бораи нерӯи худсозандаю худмуқарраркунандае меравад, ки ҳаракати ӯро метавон ба сӯи эътибору шаъну шараф ва арзишҳои ҳама мавҷудоти зинда, таъмин месозад. Ирода ба ҳокимият, иродаи бартарафкунанда - иродаест, ки иродаи дигареро мағлуб сохтаю аз миён мебардорад. Нитсше ғолибият ва ҳолати иртифоъю болошавиро таранну мекунад. Ирода ба ҳокимият ҳаргиз ба сӯи холигӣ самт нагирифтааст ва нерӯи содае нест, ки барои ӯ муқовимату муқобилият фарқияте надошта бошад. Ирода ба ҳокимияту қудрат ҳамон вақт зуҳур мекунад, ки муқобилияту муқовимати дигареро дучор меояд. Аммо ирода ҳамчун оғози худсозандаю бебунёд, на танҳо тавассути муқобилияту муқовимате, ки аз иродаи ғайр бармеояд, авҷ мегирад, балки аз шиддати муқовимати хештан низ суръат мегирад, ки он бартараф намудани монеаҳои ҳувияти хештан аст. Ирода ба қудрат, қабл аз ҳама ба маънои худро ғолиб гаштан ва қобилият ба бартараф намудани иродае дигареро дар назар дорад. Ирода ба ҳокимият зуҳури дар ботини инсон паноҳёфтаи кӯшиши худмуҳофизатӣ буда, қувваи ҳаракатдиҳандаи бисёре аз рафтору амалҳои инсон аст. Ҳамин тавр дар замони вусъат ёфтани тамоилҳои иррационалӣ, позитивистӣ ва релявистии фалсафаи нимаи дуюми қарни 19 таълимоти волюнтаристӣ - ирратсионалии Фридрих Нитсше эҷод шуд, ки то имрӯз таваҷҷӯҳи мутафаккирон, олимони соҳаҳои мухталифи илм ва эҷодкоронро бо ҷаззобияти хосааш ба худ мекашад. Идеяҳои хешро дар шакли истиораю маҷоз, панду ҳикмату андарзҳо ҷомапӯш карда, мафҳумҳои асосии фалсафаи ӯ «олам», «ҳаёт», «ашё», «инсон», «ташаккул» ва ғайра дар барномаҳои муҷтамеъ ва бонизоме таҳия шудаанд. Таваҷҷӯҳи Нитсшеро на дуализми зуҳуротҳо ва «ашёҳои дар худ» - и И. Кант, ки он ҳам идомадиҳандаи анъанаи ратсионализми асри 17-18 буд, балки фалсафаи тосуқротия ҷалб мекард, ки он ҷо андеша ва ҳастӣ ба ҳам комилтар мувофиқат доштанд ва ҳанӯз гирифтору побанди майлонҳои таҳлилӣ ва низоми муҳокимаҳои абстрактӣ нагашта буданд. «Ҳаёт»- мафҳуми марказии фалсафаи Нитсше буда, маҳз тавассути таҳлили моҳияти ҳаёт, ӯ ҳамчун бунёдгузори «фалсафаи ҳаёт» эътироф шудааст [8].

Ҳаёт - дар фалсафаи ӯ оламест, ки онҷо субъекти маърифаткунандаро фарогир аст, оламест, ки чун узве арзёбӣ гашта, ахиран ин ҳақиқат ва воқеияти ягонаест, ки ба он бояд оғози рӯҳонияти инсон тобеъ бошад. Инсонро Нитсше чун узви биологие медонад, ки дар раванди инкишофи хеш шаклҳои мухталифи мутобиқшавиро бо олами муҳит, коркарду таҳия месозад. Инсон ин қабл аз ҳама ҷисм, ин то ҳадде сохтори зинаворест, ки дар ӯ интеллект қабати олию зарурии нигаҳдошти ҳаёт ва ғаризаи ҳаётиро ташкил мекунад. Вобастагии генетикии сутӯҳи мухталифи психикаи инсонро зикр намуда, Нитсше ҳузур доштани ҳама сатҳҳои эволютсияро дар инсони алоҳида таъкид мекунад. Албатта Нитсше биологиятро дар муқобили арзишҳои масеҳият, ки аҷсоми инсонро ба

ҳеч баробар сохтаанд, арзёбӣ мекунад. Аммо ҳузури пешбарандаи иҷтимоиятро низ дар осори Нитсше бисёр дидан мумкин аст, ки далели мутлақ гардонидани ҷанбаи биологиро аз ҷониби ӯ, ба шубҳа мегузорад: «Ёздаҳ нафаре аз ҳамаи дувоздаҳ одами бузурги таърих сирф намояндаи ин ё он кори бузурге будаанд», [3, 423] - менависад ӯ ва чунин андешаҳоро метавон хело зиёд аз осори Нитсше пайдо кард, ки аз афзалият шуморидани муҳити иҷтимоӣ ва фаъолияти ҳаётии инсон дар таълимоти ӯ, дарак медиҳад. Ҳар инсон, хоҳ бошуурона ва хоҳ бешуурона ба васеъ шудани таъсири «Ман» ба олами берунӣ кӯшиш мекунад ё ин ки мисли давлат мехоҳад, ба тасарруфи ҳудуди беруна даст занад. «Бетолеъон низ ҳокимият мехоҳанд ва ҳокимонро маҷбур мекунанд, ки қотилони онҳо бошанд», мегуяд Нитсше [1, 22]. Инсоният, хусусан инсонияти мутамаддун, аз нигоҳи Нитсше дар марҳилаи таназзул, декаданс - ноумедию рӯҳафтодагӣ қарор дорад. Ба ин марҳила инсон хело ҳам барвақт, бо роҳҳои гуногун ворид шудааст. Ва марҳилаи замони муосир ва хусусан даҳсолаҳои баъдиро Нитсше бо эҳсоси ғамоварона посух медиҳад. «Замоне, ки ҳақиқат ба дурӯғи ҳазорсола ба мубориза бармехезад, дар мо ҷунбишу ҷонгудозию заминларзае хоҳад шуд, ки кӯҳҳою водиҳо ҷой дигар мекунанд, ки ҳатто дар хоб надаромада …тамоми шаклҳои ҳокимияти ҷомеаи кӯҳна, ки ба дурӯғ бунёд ёфтаанд, ба ҳаво бармехезанд; ҷангҳое мешаванд, ки ҳанӯз дар замин ҳеҷ гоҳе набуда…» [5, 763]. Мутаассифона, чунин пешгӯии баён намудаи Нитсше тасдиқи таърихии худро пайдо кард ва баъд аз чаҳордаҳ соли фавти ӯ ҷангҳое дар сайёраи Замин ба амал омаданд, ки мислашро инсоният надида буд. Ҳанӯз соли 1903 файласуфи рус Е.Н.Трубетской менависад, ки «Дар ҳадду сарҳади ду садсола фалсафаи Нитсше чун пайғоми пурғуссаю ғамгинонае садо медиҳад. Шахсиятҳои пайғомоваранда (пайғамбарҳо) қабл аз ҳама моҳияти шахсиятҳои дилсӯзу ҷафо кашидаанд: истеъдоди ояндаро пешгӯи кардани онҳо манбаи азияти онҳост». Ва гӯё ба тасдиқи ҳамин бошад, ки Нитсше менависад: «Дер боз инкишофи фарҳанги аврупоии мо дар миёни шиддат ва шиканҷае, ки ҳар даҳсола авҷ мегирад, ташаккул мeёбад… мисле, ки фалокат наздик омада бошад» [9, 675]. Воқеан, андешаҳои хело ҳам қотеона, нешзанандаю ба изтироб оварандаро дар асарҳое, ки як-ду сол пеш аз мубталои бемории рӯҳӣ гаштанаш, навишта буд, мо дучор меоем. Ин ҳамон асари «Антихрист» ва «ECCE HOMO» мебошанд, ки баъзе фаслҳои ин асарҳоро ҳатто чанд рӯзе пеш аз гирифтори бемории рӯҳӣ шуданаш, таҳрир карда буд. Муҳаққиқон бар ҳамин андешаанд, ки нишонаҳои парешонии иллати рӯҳӣ дар баъзе навиштаҳои охирини Нитсше нақши худро гузоштаанд. Дар ҳар ҳолат ҳам пешгӯиҳою пайғомовариҳои Нитсше оид ба фалокатҳои хунинбори қарни 20 тасдиқи худро ёфтанд. Ин ҳодисаҳои драмавӣ баёнгари моҳияти таълимоти ирратсионалии Нитсше ба шумор рафта, тасвири ҷараёну инкишофи хирадхоҳонаи (ратсионалии) оламро ба шубҳа гузоштаанд.

Ҳаётро, ҳамчун зуҳури ирратсионалӣ муайян сохта, Нитсше ба хотири дарёфти тасдиқи баҳогузории хеш ба фоҷиаи (трагедия) аттиқа мурочиат менамояд ва маҳз дар ин осори асотирию адабӣ манбаи нерӯмандӣ, хӯшҳолиҳои масткунандаи ҳаётро пайдо месозад. Эҷодиёти мутафаккирони фалсафаи классикии Юнон, аз қабили Суқрот, Афлотун, Арасту, фоҷианависон ва хусусан файласуфони тосуқротияро таҳлил намуда, ба мутафаккирони тосуқротия (марҳилаи аввали фалсафаи аттиқа, ки онро «токлассикӣ» ё «тосуқротия» меноманд, асрҳои 6-5 то милод) таваҷҷӯҳи хосса зоҳир мекунад ва онҷо «рӯҳи дионисӣ»-ро, ки он ифодаи ҳавасҳои ҳиссӣ, саломатӣ, туғёну нерӯи эҷодӣ ва татбиқи шахсият аст, пайдо мекунад. Рӯҳи «дионисӣ» комилан аз рӯҳи «апполонӣ», ки сарояндаи он фалсафаи ратсионалӣ, фалсафаи классикии Юнон дар симои Суқрот буд, фарқ мекунад. **Рӯҳи «дионисӣ» – хушҳолии масткунандаи ҳаёт ва тавзеҳи мафҳуми ахлоқ буда, б**а андешаи А. Ф. Лосев «Дар Суқрот ва диалектика, Нитсше оптимизми (андешаи некхоҳона) сард ва мағруру худписандро мебинад, ки аз ҳаёти зинда дур буда, танҳо дар қарни таназзул ва суқути ҳикмати қадим имкон дорад» [9, 967].

Суқротро ӯ аввалин инсони замони таназзул, аввалин декадент ва нахустин баёнгари рӯҳи апполонӣ баҳо гузошта, дар аксари асарҳояш ёдовар мешавад. Аз як тараф, қобилияти мутаяқин сохтани мусоҳиб, малакаи ба инсони зарурӣ соҳибият

ёфтани Суқротро, ки тавонист дар Афина мақоми баланд пайдо кунад, таърифу тавсиф менамояд, аз тарафи дигар фалсафаи ӯро баёнгари таназзулу пастравии эллинизм маънидод мекунад. Оғози таърихи масеҳиятро ӯ барвақтар - аз андешаҳои Суқрот медонад. Дар осори Афлотун назарияи мукаммали «тӯҳмат ба олам» - ро, ки аз ҳаёт ҳама зуҳуроти ғайриақлонаю (ирратсионалӣ) бидуни хирадро сарфи назар мекунад, Нитсше дармеёбад. Фарҳанги ҳақиқиро Нитсше дар Юнони тосуқротия, ки аз нигоҳи ӯ он вақт баробарии ду оғоз: дионисӣ (титанизм, бозии озодонаи нерӯҳои ҳаётӣ) ва аполлонӣ (мувозиннату муназзамияту тартиб) эътироф мешуд, дидан мехоҳад. Аполлонизм -дини Аполлон кабл аз ҳама кайфияти хоббинӣ буда, муқобили рухи дионисӣ аст, ки онҷо кайфияту экстаз (ҷунунию ваҷд), хаёлу шабаҳ, мадҳушӣ, сархӯшию бехудӣ боло мешавад. Аполлинизм -«тахаюли зебои рӯъё, асрори оғозу мабдаи шоирӣ» буда, он «зарурияти хушҳолонаи манзараҳои хоб» - ҳаловатест дар фаҳмиши бевоситаи образҳо, мусаввараест, ки дар ҳама шаклҳои он чизи нодаркор ва бетафовуте ҷой надорад [7]. Дионисизм - дини Дионис муқобилу акси аполлинизм аст. Ба ҷои ҳамоҳангию мутаносибӣ ва мавзунию мунтазамии мушоҳидаю мулоҳизаи аполлонӣ, инҷо мо шубҳаро пайдо карда, ҳатто фаноёбфии манзараҳои хушҳолонаю бомуҳаббати ин тахаюлоту хоби аполлониро дар андешаи дионисӣ дучор мешавем. Зимни ба шаклҳои маърифат шубҳа пайдо намудани инсон, ӯро воҳимаи пурдаҳшате фаро мегирад, ки чунин ҳолат хоси андешаи дионисӣ аст ва сипас дионисизм он муттаҳидӣ ва он ҳадду миёндевореро, ки байни инсону муҳити ӯ қарор дорад, аз даст медиҳад. Инсон инҷо ба ваҷд омада, мутаассири ҳаловату роҳати бехудонаю фидокорона ва раҳоӣ ёфтан аз ҷаҳони мавзуну мунтазам ва муқарраршуда мегардад. Дионисизм - ин ваҷди хушҳолона аст, ки ба ҳувияти инсон ва умқи табиат боло мешавад, ҳолати сайру самоъ, рақсу нишот аст, ки фарорасии баҳорро мужда медиҳад, таронаҳои вакхиналии юнониёну бобулистониҳоро хотирмон сохта, тавассути он инсонро ба инсон ва бо табиат дар заминаи берун шудан аз ҳадди фардияташ, мепайвандад. Бо афсуну дилрабоии Дионис, аз нав инсонҳо муттаҳид гашта, табиати бегонашудаю азияткашида аз нав ба писари саркашу фосиқи хеш - инсон оштӣ мегардад. Аполлон ва Дионисе, ки Нитсше дар назар дорад, бешубҳа муҳру нақши ҷаҳонфаҳмии аврупоӣ аст, ки дар зуҳури «романтизм» ва «класситсизм» баён мешавад. «Романтизм» ин кӯшиши беохиру ташаккули идея аст, ки ба дуриҳои ноаён раҳсипор буда, таскинияту тасаллиро дар ноаёнию ғафлати пурасрор меҷӯяд, дар сурате, ки «класситсизм» идеяест, ки атрофи маънои хеш давр зада, дар меҳвари хеш қарор дошта молики абадияти саодатманду ҳаловатбахшандаест. Бешубҳа дар тамоми консепсияи Нитсше ворид шудани ҳамин «романтизм» - ро дидан мумкин аст. Маълум аст, ки фалсафаи классикӣ ба сифати нерӯи созандаю эҷодкунандаи инсон хирад, хулқият, мубодила, меҳнат, инчунин фаъолияти мақсаднок ва арзишҳои фарҳангию таърихиро эътироф намуд. Идеали гуманизмро, ки инкишофи озодии ҳар як нафарро шарти озодии ҳамагон медонист, боло бардошт. Моҳияти ахлоқро дар озодии шахсӣ дида, қарзи инсониро ҳадафи этика ва мақому таъиноти ҳаётии санъату фарҳангро дар тақвияти арзишҳои инсони мутараққӣ, медид. Охири асри 19 тағйиротҳои куллии ҳаёти ҷамъиятӣ, прогрессии илмию техникӣ, раванди зиддиятноки муносибатҳои ҷамъиятӣ, хатари ба сари ҷомеаи инсонӣ омадани рӯйдодҳои фалокатовар ва яккаю танҳо мондани фарди алоҳида, ин арзишҳои анъанавиро халалдор сохт. Инкишофи илмҳои ҷамъиятӣ аз ба вуҷуд омадани тамаддуне дарак доданд, ки онҷо арзишҳои дигари ахлоқию иҷтимоӣ амал мекунанд. Пешрафти илми психология назарияеро ба миён гузошт, ки мувофиқи он рафтори инсон ба сабабҳое алоқаманд аст, ки онҷо ҳолатҳои ғайриихтиёрӣ ва бешуурӣ бештар сурат мегиранд. Ҳадди зуҳуротҳои бешуурият нисбати ҳудуди шуур ва сарҳади хирад, ақл хело васеътар буда, шуур ва хирад наметавонанд, баҳогузори ягонаю дурусти воқеият бошанд. Ва дар заминаи ин зуҳуротҳо бояд меъёрҳои сифатии муносибати инсон ба олам тағйир ёбад. Чунон ки ёдрас шудем, тағйирёбии ин таҳаввулоти фикру андешаро аввалин шуда, бунёдгузори «фалсафаи ҳаёт» Фридрих Нитсше дарк намуд. «Магар мо дар оғози даврае нестем, ки онро метавон қабл аз ҳама бо истилоҳи манфии беруназахлоқӣ ном гирифт» [6, 267] -

боисрор таҳаввулоти ҷамъиятию таърихии замонашро таъкид менамояд Нитсше. Дар таълимоти мутафаккирони ирратсионалист, ҷараёни мавзуну мӯътадили инкишофи ҷамъияту инсони соҳибхираде, ки амалияи он аз нигоҳи ратсионалистон, ҷавобгӯи муқаррароти ақлии ташаккулу инкишоф аст, комилан ба шубҳа гузошта мешавад. Ирратсионализм робитаи мантиқию ҳузури хирадро дар табиат низ инкор намуда, муроқибаи олами атрофро ҳамчун системаи кулл ва қонунии идеяи инкишофу диалектикаи Гегел танқид мекунад. «Заифии мавқеи фалсафаи классикии немисро дар он мебинад, ки он протсесси таърихиро дар инкишофи идеяи мутлақ қаблан муайян сохта, инсон, ҷомеа ва таърихро танҳо шакли дигаргуншудаи он медонад» [2, 39]. Идеяи асосии ирратсионализм дар он зуҳур меёбад, ки олами атроф, ҳамчун мавҷуди кулл эътироф нагашта, аз қонуниятҳои дохилӣ, қонуни инкишоф маҳрум буда, тахти назорати хирад нест ва вориди як ҷараёни бенизому парокандаю печида (хаос) аст ва ба нерӯҳои ҳаракатдиҳандае аз қабили беихтиёрӣ (аффект), ирода итоат мекунад. Аз нигоҳи принсипи нав, мегӯяд Нитсше, мебояд ба ҷои назарияи маърифат «таълимоти перспективӣ оид ба аффект» - ро гузошт. Маҳз бо таъсири ҳавасу талаботҳо инсон оламро аз нав шарҳ медиҳад, зеро ки ҳама гуна рағбату ҳавас ин «намуди маълуми ҳокимиятхоҳӣ» буда, ба хотири ояндаи хешро бо меъёрҳои ин ҳавасу рағбатҳо алоқаманд сохтан, нигаронида шудааст. Беадолатӣ, монеият, истисмор наметавонад дар баробари шаклҳои дигари ҳаёти иҷтимоӣ имтиёз дошта бошад. Фарҳанги аврупоӣ дар инкишофи баъдии хеш бо роҳи пахш намудани оғози дионисӣ аз ҷониби «хирад» ё ин ки «ҳақиқат», сурат гирифт. Ҳаёти муқаррарӣ қотеона ботартиб тасвир шуда, онҷо барои қаҳрамонию худсозӣ ҷой намонда, маъмулияту муқаррарият тантана пайдо намуд. Фалсафаи спиритуалӣ (фалсафаи идеализми объективӣ, ки рӯҳро ба ҳайси бунёди воқеият, ҳамчун ҷавҳари бе ҷисми бидуни материя ва новобаста ба он медонад), дини масеҳият  ва ахлоқи зоҳидона (аскетӣ), инсонро аз бунёди мавҷудияти хеш - яъне аз «ҳаёт» дур сохта, маҷбур месозад ӯ «сарро ба анбӯҳи корҳои осмонӣ халонад» («Зарыват голову в песок небесных дел»). «Инак, ҳеҷ кас то ҳол ҳанӯз қадршиносии шӯҳратёфтаеро аз ҷамъи давоҳо, ки ахлоқ ном дорад, санҷидаю тасдиқ накардааст: барои ин бояд, аввалан ин арзишро ба шӯбҳа гузошт. Хайр чӣ ҳам мебуд! Ин албатта кори мо хоҳад буд», [3, 312] - менависад Нитсше. Дар асари «Дар фаросӯи неку бад» («По ту сторону добра и зла») Нитсше оид ба ахлоқ ҳарф зада, таъкид мекунад, ки дар тамоми таърихи мутамаддуни инсоният, на худи ахлоқро, балки нияти некеро, ки ба сӯи ахлоқ барад, тавсиф намудаанд. Таблиғу ташвиқи ормонҳои ахлоқӣ аз ҷониби онҳое пеш бурда мешуд, ки сирф барои манфиатҳои шахсии худашон ин шиорҳоро ба миён гузошта, вале худ риояи ахлокро дар амалҳояшон ҳеҷ татбиқ намекарданд. Дар асари «Ирода ба ҳокимият» бошад, аз нав ба масъалаи таъиноти ахлоқ баргашта инҷо андешаи хело ҳам нешзанандаеро баён мекунад, ки наметавон ба он мувофиқ буд: «Ахлоқ - ин маҳсули бадахлоқию фосиқист, зеро ки : 1.Ба хотири он ки арзишҳои ахлоқӣ тавонанду ҳукмфармо бошанд, онҳо бояд қатъиян ва фавқулодда ба нерӯ ва аффектҳои хусусияти бадахлоқӣ дошта, такя кунанд. 2. Пайдо шудани арзишҳои ахлоқӣ кори мулоҳизаю аффектҳои бадахлоқист» [4, 110]. Умуман, наметавон ҳар матни навиштаи ӯро фориғболонаю бепарвоёна хонд. Хонандаро андешаи мухталифе аз қабили напазируфтани фикри Нитсше, инкори андешаи ӯ ё баръакс бо шавқу ба ваҷд омадан, зимни тахаюлу парастиши баёнияи ӯ, фаро мегирад. Баъзан ғазаб низ вақти таҳлили осори Нитсше ҷойгири андешаи солим мегардад. Дар ҳама ҳолат ва ба ҳар маъное набошад, Нитсше касро «гирифтору мубтало» месозад, зеро ки ӯ беҳавсалагию бепарвоӣ ва тамаллӯққорию чоплусиро тоб надорад ва ҳамаю ҳама чизро бахшишу гузашту мағфират нахоҳад кард. Дар асари «Шомгоҳи бутҳо…» оид ба баробарии иҷтимоӣ ҳарф зада, онро падидаи харобкоронае тавсиф медиҳад: «Таълимот дар бораи баробарӣ!? Аммо заҳри заҳрогунтаре аз ин нест, ки бо он адолатро тарғиб мекунанд, дар сурате, ки он хотимаи адолат аст…» [10, 622]. Дар ҳақиқат, баробарие, ки то ҳол тарғиб мешуд ҳеҷ гоҳ наметавонад ба ҳаёти одамон татбиқ шавад ва ин баробарӣ ба моҳияти воқеии ҷараёни ташаккули ҷамъият зид аст. Чун ҳар фарди алоҳида хусусиятҳои нотакрору

афзалиятҳоеро дар раванди инкишофи мутазоду мураккаби ҷамъият соҳиб аст, баробар баҳогузорӣ намудани қобилияту имкониятҳои мухталифи онҳо ба бесарусомонию бетартибӣ мебарад. Чуноне баробармузд сохтани мутахассисони касбу корҳои гуногун дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба паст шудани истеҳсолот ва дилмондагии соҳибкасбон ба натиҷаҳои меҳнати ҷамъиятӣ оварда расонд. Ғайр аз ин нуқтаи назари Нитсше дар хусуси онки ҷомеа наметавонад, ба ҳама иддаои дилашро муҳаё созад, ҷолиб аст. Амали «ба ҳар кас чизи мехостагиашро додан» аз ҷониби Нитсше комилан маҳкум карда мешавад. Ҳамин тавр, ҷанбаҳои мухталифи равонияти инсонро таҳлил намуда, Нитсше ба таҳияи идеяи Абармард даст мезанад. Роҳ ба сӯи фавқулодам – ин на роҳи худсозӣ бо истифода аз заифону бечорагон, балки роҳи мубориза ба ҳарифи ягонаю сазовор - бо хештан аст.

**АДАБИЁТ:**


1. А. А. Миголатьев. Классическая немецкая философия 18-19 вв. Г.В.Ф. Гегель. М., 1998.
2. Лёвит К. От Гегеля к Ницше. Революционный перелом в мышление 19 века. - СПБ, «Владимир – Даль», 2002.
3. Ницше Ф. ECCE HOMO. Как становятся сами собою// Ницше Ф. Сочинения в двух томах. Том 2. - М., Изд-во «Мысль», 1990.
4. Ницше Ф. PRO ET KONTRA. Антология. - СПБ, Изд-во РХГИ, 2001.
5. Ницше Ф. Веселая наука. Злая мудрость. - М., «Эскимо», 2007.
6. Ницше Ф. По ту сторону добра и зла. Соч. в двух томах. Т.2. - М., «Мысль» 1990.
7. Ницше Ф. Рождение трагедии или эллинство и пессимизм. //
8. Ницше Ф. Сумерки идолов, или как философствуют молотом // Ф. Ницше. Соч. Т.2. - М., Мысль, 1990.
9. Ницше Ф. Ф. Ницше. Воля к власти. - М., Refi- Book, 1994.
10. Ф. Ницше. Прототипы любви. // Огонёк. 1999, №37-39.
11. Ф. Ницше. Соч: В 2 т. Т.1. - М., Мысль, 1990.

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ – LEGAL SCIENCES

УДК: 343.32ТДУ 330:343.32(575.3)

# ҶАНБАҲОИ ИҚТИСОДИИ МУҚОВИМАТ БА ЭКСТРЕМИЗМ

**ҚУДРАТОВ Н.А.[1]**
**ШОҲЗОДА Н.И[2].**
**САТТОРИЁН Б.А[3].**

*[1]Сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
*[2] Ходими калони илмии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон*
*[3] Унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.*

*Мақолаи мазкур ба таҳлили ҷанбаҳои иқтисодии муқовимат ба экстремизм бахшида шуда, робитаи дуҷонибаи байни экстремизм ва иқтисоди миллиро баррасӣ мекунад. Муаллифон бар онанд, ки экстремизм, ҳамчун таҳдиди иҷтимоӣ ва сиёсӣ, на танҳо боиси коҳиши сармоягузорӣ, шикасти муҳити соҳибкорӣ ва фурӯпошии инфрасохтори иқтисодӣ мегардад, балки заминаҳои иқтисодии иҷтимоие чун фақр, бекорӣ ва нобаробарии дастрасӣ ба имкониятҳоро низ бар манфиати худ истифода мебарад. Тадқиқот нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ оид ба таъсири иқтисодии экстремизм амалан роҳандозӣ нашудааст. Муаллифон, бо такя ба омор, қонунгузорӣ ва таҳлилҳои муосири байналмилалӣ, зарурати таҳия ва татбиқи стратегияи фарогири иқтисодии зиддиэкстремистиро таъкид мекунанд. Ҷанбаҳои калидии пешниҳодшуда дар мақола аз пешгирии фақру бекорӣ, сармоягузорӣ ба минтақаҳои осебпазир, истифодаи иқтисоди рақамӣ, татбиқи механизмҳои молиявӣ ва ҷалби дастгирии байналмилалӣ иборатанд. Муаллифон инчунин зарурати арзёбии илмии зарари иқтисодии экстремизмро барои асосноксозии сиёсати давлатӣ ва тадбирҳои муассири иқтисодӣ таъкид мекунанд. Мақола барои муҳаққиқон, сиёсатмадорон ва мутахассисони соҳаи амният ва иқтисод манбаи муҳим ва амалӣ буда, ба таҳкими таҳқиқоти байнисоҳаӣ ва сиёсати устувори зиддиэкстремистӣ мусоидат менамояд.*

**Калидвожаҳо:** *экстремизм, амнияти иқтисодӣ, рушди устувор, фақр ва бекорӣ, сармоягузорӣ, минтақаҳои осебпазир, иқтисоди рақамӣ, механизмҳои молиявӣ, ҳамгироии ҷавонон, таҳлили иқтисодӣ, сиёсати зиддиэкстремистӣ, Тоҷикистон, амнияти миллӣ, кӯмаки байналмилалӣ.*

# ЭКОНОМИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ЭКСТРЕМИЗМУ

**КУДРАТОВ Н.А[1].**
**ШОХЗОДА Н.И[2].**
**САТТОРИЁН Б.А[3].**

*[1]Начальник управления науки и инноваций Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, доктор юридических наук, профессор*
*[2]Старший научный сотрудник управления науки и инноваций Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана*
*[3]Соискатель отдела государственного права Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*Статья посвящена анализу экономических аспектов противодействия экстремизму и рассматривает двустороннюю связь экстремизма с национальной экономикой. Авторы утверждают, что экстремизм как социальная и политическая угроза не только приводит к снижению инвестиций, развалу деловой среды и краху экономической инфраструктуры, но и использует в своих интересах такие социально-экономические условия, как бедность,*

*безработица и неравенство доступа к возможностям. Исследование показывает, что на сегодняшний день в Республике Таджикистан не проводилось комплексных научных исследований воздействия экстремизма на экономики. Авторы, опираясь на статистические данные, законодательство и современный международный анализ, подчеркивают необходимость разработки и реализации комплексной экономической стратегии противодействия экстремизму. Ключевыми аспектами, предлагаемыми в статье, являются профилактика бедности и безработицы, инвестиции в уязвимые сферы, использование цифровой экономики, внедрение финансовых механизмов и привлечение международной поддержки. Авторы также подчеркивают необходимость научной оценки экономического ущерба от экстремизма для обоснования государственной политики и эффективных экономических мер. Статья является важным и практическим ресурсом для исследователей, политиков и специалистов в области безопасности и экономики, способствуя укреплению междисциплинарных исследований и устойчивой политики противодействия экстремизму.*

**Ключевые слова:** *экстремизм, экономическая безопасность, устойчивое развитие, бедность и безработица, инвестиции, уязвимые сферы, цифровая экономика, финансовые механизмы, интеграция молодежи, экономический анализ, политика противодействия экстремизму, Таджикистан, национальная безопасность, международная помощь.*

## ECONOMIC ASPECTS OF COUNTERING EXTREMISM

**KUDRATOV N.A[1].**
**SHOKHZODA N.I[2].**
**SATTORIYON B.A[3].**

*[1]Head of the Department of Science and Innovations of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Doctor of Law, Professor*
*[2]Senior Researcher of the Department of Science and Innovations of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan*
*[3]Applicant of the Department of State Law of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan.*

*The article is devoted to the analysis of the economic aspects of countering extremism and considers the two-way relationship of extremism with the national economy. The authors argue that extremism as a social and political threat not only leads to a decrease in investment, the collapse of the business environment and the collapse of economic infrastructure, but also takes advantage of such socio-economic conditions as poverty, unemployment and inequality of access to opportunities. The study shows that to date, no comprehensive scientific research has been conducted in the Republic of Tajikistan on the impact of extremism on the economy. The authors, relying on statistical data, legislation and modern international analysis, emphasize the need to develop and implement a comprehensive economic strategy to counter extremism. The key aspects proposed in the article are the prevention of poverty and unemployment, investments in vulnerable areas, the use of the digital economy, the introduction of financial mechanisms and attracting international support. The authors also emphasize the need for a scientific assessment of the economic damage from extremism to justify public policy and effective economic measures. The article is an important and practical resource for researchers, politicians and specialists in the field of security and economics, contributing to the strengthening of interdisciplinary research and sustainable policies to counter extremism.*

**Keywords:** *extremism, economic security, sustainable development, poverty and unemployment, investment, vulnerable areas, digital economy, financial mechanisms, youth integration, economic analysis, counter-extremism policy, Tajikistan, national security, international assistance.*

Экстремизм ва иқтисодиёт ду соҳаи ба назар ҷудо, вале дар асл амиқ ба ҳам вобастаанд. Экстремизм, ҳамчун зуҳуроти хавфноки иҷтимоӣ ва сиёсӣ, метавонад ба

равандҳои иқтисодӣ таъсири манфӣ расонад ва рушди устувори иқтисодиро халалдор созад. Аз як тараф, вазъи ноором ва мавҷудияти гурӯҳҳои ифротгаро (дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин миқдор ба 29 адад мерасад) боиси коҳиши эътимоди сармоягузорон, коҳиши гардиши молу хизматрасонӣ ва коҳиши фаъолиятҳои истеҳсоливу тиҷоратӣ мегардад. Аз тарафи дигар, беадолатии иқтисодӣ, фақр, бекорӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ метавонанд замина барои пахншавии ғояҳои ифротӣ фароҳам оранд. Яъне, робитаи байни экстремизм ва иқтисодиёт дуҷониба мебошад: иқтисодиёти заиф метавонад шароити рушди экстремизмро муҳайё созад, дар ҳоле ки экстремизм сабаби аслии коҳиши рушди иқтисодӣ, коҳиши сармоягузорӣ, талафоти моливу захираҳо ва пастшавии сатҳи зиндагии аҳолӣ мешавад. Бартарафсозии экстремизм на танҳо ба воситаи чораҳои ҳуқуқӣ ва амниятӣ, балки тавассути таҳкими рушди иқтисодӣ, коҳиши камбизоатӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, дастгирии ҷавонон ва тавсеаи имкониятҳои иҷтимоӣ имконпазир аст. Аз ин рӯ, муносибати ҳамгироёна ва мутавозин байни мубориза бо экстремизм ва татбиқи сиёсати самараноки иқтисодӣ барои таъмини суботи устувори миллӣ ва рушди ҷомеа аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқан ба ҳалномаҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, то соли 2025 фаъолияти 29 гурӯҳ ва ташкилоти дорои хусусияти террористиву экстремистӣ манъ карда шудааст. Бо вуҷуди андешидани як қатор тадбирҳои ҳуқуқӣ ва институсионалӣ, таҳлили динамикаи ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта дар солҳои 2010–2024 нишон медиҳад, ки ин падида на танҳо аз ҷиҳати шумора, балки аз лиҳози хусусият ва муҳтавои хатарнокаш (нишондиҳандаҳои сифатӣ) низ афзоиш ёфтааст. Мувофиқи маълумоти омории расмӣ, агар дар соли 2010 ҳамагӣ 10 ҳолати содиршавии ҷиноятҳои экстремистӣ ба қайд гирифта шуда бошад, ин рақам дар солҳои минбаъда бо суръати нигаронкунанда зиёд гардида, дар соли 2011 – 28, 2012 – 18, 2013 – 38, 2014 – 116, 2015 – 345, 2016 – 617, 2017 – 506, 2018 – 360, 2019 – 634, 2020 – 1091, 2021 – 761, 2022 – 991, 2023 – 1228 ва дар соли 2024 ба 1494 ҳолат расидааст [6; 10]. Ин нишондиҳандаҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар даҳсолаи охир шиддат ва миқёси ҷиноятҳои мазкур дар Тоҷикистон ба таври бесобиқа афзоиш ёфтааст. Хусусан, болоравии теъдоди ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ дар солҳои 2020–2024 бозгӯи таҳдидҳои ҷиддии амниятӣ ва иҷтимоиву сиёсии ин зуҳурот аст. Қобили зикр аст, ки аксарияти ин ҷиноятҳо дар шароити рақамишавии ҷомеа содир гардида, бо истифодаи васеъ аз шабакаҳои иҷтимоӣ, платформаҳои паёмрасон ва муҳитҳои рақамӣ содир мешаванд, ки ин раванд муборизаро боз ҳам мураккабтар мегардонад. Аз ин лиҳоз, зарурати таҳия ва татбиқи стратегияҳои муосир, фарогир ва рақамӣ дар самти муқовимат бо ифротгароӣ ва терроризм дар Тоҷикистон беш аз ҳар вақти дигар эҳсос мешавад.

Оқибатҳои манфии экстремизм ба иқтисодиёти миллӣ хеле ҷиддӣ ва гуногунанд, зеро ин зуҳуроти хатарнок на танҳо ба амнияти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, балки ба рушди устувори иқтисодӣ низ таҳдид мекунад. Пеш аз ҳама, экстремизм ба бесуботии сиёсиву иҷтимоӣ оварда, боиси коҳиши эътимоди сармоягузорон мегардад, ки дар натиҷа ҷараёни сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва дохилӣ қатъ мешавад. Сониян, амалҳои хушунатомези ифротгароёна метавонанд инфрасохтори иқтисодӣ, аз ҷумла роҳҳо, иншооти стратегӣ ва марказҳои саноативу тиҷоратиро хароб созанд, ки барои барқарорсозии онҳо маблағҳои зиёди буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ (грантҳо) заруранд. Сеюм, экстремизм хароҷоти давлати таъмини амниятиро афзоиш медиҳад, зеро давлат маҷбур мешавад барои таъмини асосҳои сохти конститутсионӣ, сулҳу субот, таҳкими неруҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ҷилавгирӣ аз таҳдидҳо буҷаи махсус ҷудо намояд. Чорум, коҳиши фаъолияти сайёҳӣ, савдо ва содироту воридот аз ҳисоби эҳсоси хатар дар кишвар мушоҳида мешавад, ки боиси пастшавии даромад ва кам шудани ҷойҳои корӣ мегардад. Панҷум, экстремизм ба сармояи инсонӣ ва рушди неруи меҳнат таъсири манфӣ мерасонад, зеро тарс, муҳоҷират ва фавти одамон аз фаъолияти истеҳсолӣ ва илмӣ монеъ

мешаванд. Ҳамин тариқ, экстремизму терроризм метавонанд боиси коҳиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, афзоиши камбизоатӣ ва пастшавии сатҳи зиндагии аҳолӣ гардад, ки ба таври умум ба иқтисоди миллии кишвар таъсири фалокатбор мерасонад. Мисоли равшани онро мо метавонам дар давлатҳои осебпазир ба монанди Афғонистон, Ироқ, Сирия, Малӣ, Буркина Фасо, Нигерия, Сомалӣ, Мянмар ва ғайра мушоҳида намоем.

Экстремизм ва иқтисодиёт дар андешаҳои олимони муосир ҳамчун ду омиле таҳлил мешаванд, ки бо ҳамдигар робитаи сабабию натиҷавӣ доранд ва якдигарро таҳти таъсир қарор медиҳанд.

Профессор, арбоби давлатӣ С.С. Ятимов дуруст менависад, ки "...аммо боиси афсӯс аст, ки дар ҳоли ҳозир, тамоюл ба таассубу хурофот ва дар ин асос зиёдаравӣ, гаравидан ба ҷараёнҳои динии ифротӣ, беэътиноӣ ба раванди ташаккули хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ аз дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар даҳсолаҳо қафо мондааст. Ин ҷараён хилофи ояндаи босуботи давлатдории миллӣ мебошад" [15, 25]. Ин изҳори назари муҳаққиқ С.С. Ятимов дорои паёми амиқи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад ва ба масъалаи бисёр ҳассоси замони муосир, яъне бархӯрд ва ноҳамгунӣ (носозгорӣ) байни раванди хештаншиносии миллӣ ва паҳншавии хурофоту таассуб дар ҷомеа равшанӣ меандозад. Ӯ бо истифода аз ибораи "боиси афсӯс аст" таваҷҷуҳи хосаро ба як воқеияти нигаронкунанда ҷалб мекунад, ки шомили паҳншавии хурофот, беэҳтиромӣ ба арзишҳои миллӣ ва гаравидан ба ифротгароии динӣ мебошад. Дар ин ҷо "таассубу хурофот" ҳамчун зуҳуроти зиддиратсионалӣ ва монеа барои инкишофи иҷтимоӣ зикр шудаанд, ки инсонро аз тафаккури озод ва созанда бозмедоранд. Ҳамзамон, таъкид мешавад, ки "дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ" дар муқоиса бо суръати густариши ин равандҳо заъифтар боқӣ мондааст. Яъне, ҷомеа дар зоҳир тараққӣ мекунад - мактаб, роҳ, технология ва дигар шароити муосир ҳаст - аммо дар мағз ва рӯҳия баъзе ақибмондагӣ ва анвои манқуртизм эҳсос мешавад. Мавсуф дуруст таъкид мекунад, ки тараққиёти воқеӣ танҳо иқтисод нест, балки шомили огоҳии миллӣ, равшанфикрӣ ва эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ низ мебошад. Ин гуфтаро метавон ҳамчун даъвати зеҳнӣ барои ташаккули як барномаи миллӣ фаҳмид, ки бояд равандҳои худшиносии миллӣ, маърифати дунявӣ ва эҳтироми арзишҳои фарҳангиро таҳким бахшад. Ифодаи "хилофи ояндаи босуботи давлатдории миллӣ" ниҳоят муҳим аст, зеро он нишон медиҳад, ки ин гуна падидаҳо танҳо мушкили ахлоқӣ нестанд, балки таҳдид ба амнияти миллӣ, ваҳдати сиёсӣ ва истиқлоли фарҳангӣ ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, изҳороти С.С. Ятимов на танҳо як таҳлили иҷтимоист, балки ҳушдорест ба элитаҳои сиёсӣ, равшанфикрон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки тарбия, маориф ва сиёсати фарҳангӣ бояд дар маркази ислоҳоти миллӣ қарор гиранд.

Тибқи назари иқтисоддони маъруф П. Коллиер, ки масъалаҳои рушди кишварҳои осебпазирро таҳқиқ намудааст, омилҳои иқтисодӣ, аз ҷумла фақр, бекорӣ ва набудани имкониятҳои баробар, метавонанд сабаби аслии афзоиши шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротӣ шаванд. Аз нигоҳи ӯ, "ҷомеаҳое, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ заифанд, ба доми экстремизм осебпазиртаранд" [1]. Ба ҳамин монанд, муҳаққиқони Бонки Умумиҷаҳонӣ қайд мекунанд, ки заъфи идоракунии иқтисодӣ ва паст будани сатҳи даромади аҳолӣ метавонанд шароити муҳайё барои паҳншавии идеологияҳои ифротиро ба вуҷуд оранд [5].

Пажӯҳишгари соҳаи амният ва рушди устувор, профессор М. Креншоу, экстремизмро ҳамзамон натиҷаи беадолатии иҷтимоӣ ва як сабаби бесуботии иқтисодӣ арзёбӣ мекунад. Мавсуф таъкид мекунад, ки гурӯҳҳои ифротӣ аксаран дар он муҳитҳое фаъол мешаванд, ки иқтисодиёти маҳаллӣ аз набуди сармоягузорӣ, коррупсия ва паст будани сатҳи хизматрасониҳои иҷтимоӣ азият мекашанд. Муҳаққиқ М. Креншоу менависад: "Идеология дар набудани адолати иқтисодӣ зуд реша медавонад" [2].

Аз нуқтаи назари муҳаққиқони Созмони Милали Муттаҳид бошад, экстремизм ба иқтисодиёт бо се роҳ таъсир мерасонад: 1) вайрон кардани равандҳои истеҳсолӣ ва

тиҷоратӣ; 2) коҳиши сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ; 3) ба вуҷуд овардани хароҷоти иловагӣ барои таъмини амнияти миллӣ. Мутахассисони СММ таъкид мекунанд, ки танҳо бо таҳкими рушди фарогир ва баробар, фароҳам овардани имкониятҳои иқтисодии воқеӣ барои ҷавонон ва тавсеаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ метавон ифротгароиро пешгирӣ намуд [4]. Ин нуқтаи назар як мавқеи таҳлилӣ ва илмии СММ-ро оид ба робитаи байни экстремизм ва иқтисодиёт инъикос намуда, таҳлили илмии он аз чанд ҷанба муҳим арзёбӣ мегардад. Пеш аз ҳама, таъкиди СММ бар он аст, ки экстремизм на танҳо падидаи сиёсиву амниятӣ, балки таҳдиди мустақим ба субот ва рушди иқтисодӣ мебошад. Аввалан, вайроншавии равандҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ маънои халалдор шудани фаъолияти корхонаҳо, бозорҳо, ҳамлу нақл (логистика), таъминот ва дигар зерсохторҳои иқтисодиро дорад, ки метавонад боиси коҳиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, афзоиши бекорӣ ва коҳиши даромад гардад. Дуввум, коҳиши сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ ҳамчун натиҷаи ноустувории амниятӣ ва зиёдшавии хатарҳои иқтисодӣ сурат мегирад, зеро сармоягузорон одатан муҳити ором ва пешбинишавандаро талаб мекунанд [9]. Сеюм, афзоиши хароҷоти амниятӣ маънои он дорад, ки давлат маҷбур мешавад маблағҳои зиёдро ба соҳаҳои ҳифзи ҳуқуқ, амнияти марзӣ, мубориза бо терроризму экстремизм ва назорати дохилии тартиботи ҷамъиятӣ равона кунад, ки метавонад сарчашмаи маблағгузории соҳаҳои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, аз ҷумла маориф, тандурустӣ ва инфрасохторро ба таври назаррас маҳдуд созад [8, с. 69-75]. Аз ин ҷо бармеояд, ки экстремизму терроризм на танҳо боиси хароҷоти мустақим, балки боиси зарари иқтисодӣ низ мегарданд. Дар ҳамин замина, тавсияи СММ оид ба рушди фарогир ва баробар, ки ба коҳиши фақр (камбизоатӣ), бекорӣ, маҳрумият ва нобаробарии имкониятҳо равона шудааст, як роҳи устувори пешгирии экстремизму терроризм арзёбӣ мегардад. Таваҷҷуҳ ба ҷавонон дар ин тавсияҳо низ асоснок аст, зеро онҳо ба осебпазиртарин гурӯҳи аҳолӣ нисбат ба идеологияҳои ифротӣ табдил ёфтаанд ва фароҳам овардани шароити иқтисодии воқеӣ барои ин қишр метавонад омили калидии коҳиши ифротишавии онҳо бошад. Ин мавқеъ, инчунин, муносибати СММ-ро ба экстремизм ҳамчун падидаи решадор дар заминаи беадолатиҳои иқтисодию иҷтимоӣ нишон медиҳад ва бар он таъкид мекунад, ки барои муборизаи самаранок танҳо иқдомҳои амниятӣ нокифояанд, бинобар ин, зарур аст, ки сиёсати иқтисодии давлатҳо баробарӣ, фарогирӣ ва имкониятҳои воқеии иқтисодиро таъмин намояд.

Дар маҷмӯъ, муҳаққиқон ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба чунин хулосаи асоснок омадаанд, ки мубориза бо экстремизм танҳо тавассути чораҳои амниятӣ нокифоя аст. Бартарафсозии решаҳои аслии он - аз ҷумла нобаробарии иқтисодӣ, маҳрумият аз имкониятҳои рушд ва набуди адолати иҷтимоӣ - бояд ба маркази стратегияи зиддиэкстремистии ҳар як давлат табдил ёбад. Ҳамин гуна муносибати мутавозин метавонад рушди устувори иқтисодиро таъмин намояд ва заминаҳои иҷтимоиву равонӣ барои рад кардани идеологияи ифротиро ба вуҷуд оварад.

Ҷанбаҳои иқтисодии муқовимат бо экстремизм ҳамчун як самти муҳими амнияти миллӣ ва рушди устувори ҷомеа, маҷмӯи тадбирҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва ташкилотиро дарбар мегиранд, ки ба паст кардани хатари паҳншавии идеологияҳои ифротӣ, коҳиш додани заминаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷинояткории ифротгароёна ва таъмини шароити устувори зиндагӣ барои аҳолӣ равона шудаанд. Ин ҷанбаҳо чунин самтҳоро фаро мегиранд:

**1. Пешгирии фақр (камбизоатӣ) ва бекорӣ.** Фақр ва сатҳи баланди бекорӣ махсусан дар байни ҷавонон, яке аз омилҳои асосии ҷалбшавӣ ба гурӯҳҳои ифротӣ мебошад. Аз ин рӯ, рушди соҳаҳои иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои нави кор, омӯзиш ва бозомӯзии касбӣ, дастгирии соҳибкорони навкор ва ҷавонон воситаҳои муассири пешгирии экстремизм ба ҳисоб мераванд.

Пешгирии фақр (камбизоатӣ) ва бекорӣ яке аз самтҳои калидии муқовимат бо экстремизм ва таъмини амнияти иҷтимоӣ дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Аз дидгоҳи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, фақр ва бекорӣ омилҳои муҳими таҳрикдиҳандаи радикализатсия, ноором ва шомилшавии шаҳрвандон, махсусан ҷавонон, ба гурӯҳҳои ифротгаро маҳсуб мешаванд. Пешгирии ин падидаҳо тавассути роҳандозии сиёсатҳои муассири иқтисодӣ ва иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад.

Соли 2023 дар паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи камбизоатӣ диққати махсус дода шуда, қайд гардид, ки дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои дахлдор сатҳи камбизоатӣ аз 29,5 фоизи соли 2017 то 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш дода шуд. Дар ду даҳсолаи охир сатҳи зиндагии мардуми кишвар тадриҷан беҳтар гардида, нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999-ум то 62 банди фоизӣ дар соли 2023 паст карда шуд. Бо мақсади идома додани ин раванд ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ҷиҳати дар ҳафт соли минбаъда то ба 10 фоиз паст кардани сатҳи камбизоатӣ чораҳои мушаххасро амалӣ намояд. Вобаста ба ин, зарур аст, ки дар соли 2024 тавассути татбиқи самараноки барномаву нақшаҳои қабулгардида суръати рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин карда шавад [12]. Чунин равиш ба сиёсати иқтисодии давлат имкон медиҳад, ки на танҳо камбизоатӣ коҳиш ёбад, балки рушди фарогир ва устувори иҷтимоиву иқтисодӣ таъмин гардад.

Ҳукумати кишвар бояд сиёсати шуғлро бо назардошти афзалиятҳои минтақавӣ, ниёзҳои бозори меҳнат ва рушди кадрҳо таҳия ва татбиқ намояд. Барномаҳои мақсадноки омодасозии кадрҳо ва бозомӯзӣ барои афроди бекор, муҳоҷирони бозгашта ва ҷавонони осебпазир бояд роҳандозӣ гарданд. Ташвиқи соҳибкорӣ, бахусус дар байни ҷавонон ва занон, бо роҳи додани қарзҳои имтиёзнок, грантҳои навоварӣ, роҳандозии марказҳои инкубатсионӣ ва омӯзишии тиҷоратӣ мусоидат ба коҳиши бекорӣ ва камбизоатӣ мекунад.

Сармоягузорӣ ба соҳаҳои инфрасохторӣ, аз ҷумла энергетика, нақлиёт, ирригатсия, тандурустӣ ва маориф метавонад шароити иқтисодиро беҳтар карда, имкониятҳои шуғлро дар маҳалҳо зиёд намояд [14]. Соҳибкории сабз ва иқтисоди рақамӣ имкониятҳои навро барои шуғл ва ташкили манбаъҳои даромади устувор фароҳам меоранд. Тренингҳо ва курсҳои махсуси иқтисоди рақамӣ метавонанд ҷавононро ба самтҳои замонавии фаъолияти иқтисодӣ ҷалб намоянд. Бо истифода аз усулҳои таҳлили хавфҳои иҷтимоӣ ва мониторинги минтақаҳои дорои сатҳи баланди бекорӣ ва фақр, мақомоти давлатӣ метавонанд вокунишҳои барвақтӣ ва тарҳҳои ҳадафноки иқтисодиро амалӣ созанд.

Барномаҳои таҳсилоти касбӣ ва молиявӣ, ки барои мардум, махсусан ҷавонон ва занон дастрасанд, ба зиёд шудани имкониятҳои шуғл ва паст шудани хавфи шомилшавӣ ба гуруҳҳои ифротӣ мусоидат мекунанд. Пешгирии фақр ва бекорӣ на танҳо вазифаи иқтисодӣ, балки шарти муҳими таъмини суботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Он бояд бо истифодаи воситаҳои комплексӣ – аз тарафи давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ гардад. Роҳи муассири коҳиши шомилшавӣ ба ҳаракатҳои ифротгаро аз таъмини зиндагии шоиста, шуғли босифат ва имкониятҳои баробари иқтисодӣ мегузарад.

**2. Сармоягузорӣ ба рушди минтақаҳои осебпазир.** Иқдомҳои иқтисодӣ дар минтақаҳое, ки истиқоматкунандагони он хавфи баланди ифротишавӣ доранд (масалан, манотиқи дурдаст ва дорои сатҳи пасти иқтисодӣ) бояд бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор гиранд. Дар Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатӣ”, Стратегияи нави муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 чунин минтақаҳо бояд бевосита нишон дода шаванд ва сармогузорӣ ба бунёди инфрасохтор, дастгирии тиҷорати хурду миёна, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок, ҳавасмандгардонии истеҳсолот ва хизматрасониҳо (имтиёзҳои махсуси андозбандӣ) ба афзоиши шуғл ва рушди иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Сармоягузорӣ ба рушди минтақаҳои осебпазир яке аз василаҳои

муҳими коҳиши хавфҳои иҷтимоӣ ва муқовимати самаранок ба ифротгароӣ маҳсуб мешавад.

Минтақаҳои осебпазир, ки одатан дорои сатҳи пасти зиндагӣ, инфрасохтори нокифоя ва имкониятҳои маҳдуди шуғл мебошанд, муҳити мусоиде барои паҳншавии идеологияҳои ифротӣ ва ҷалби аҳолии маҳаллӣ ба ҳаракатҳои ифротгаро фароҳам меоранд. Бо дарназардошти ин, зарур аст, ки тавассути барномаҳои стратегӣ ва механизмҳои сармоягузории байналмилалӣ, давлатӣ ва хусусӣ, рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва инфрасохтории ин минтақаҳо таъмин карда шавад.

Сармоягузорӣ ба соҳаҳои асосии истеҳсолӣ, аз ҷумла кишоварзӣ, саноати хурд, хизматрасониҳо ва энергетика, ба таъсиси ҷойҳои нави кор ва устувории иқтисодӣ дар сатҳи маҳаллӣ мусоидат менамояд. Дар баробари ин, густариши инфрасохтори маориф, тандурустӣ, нақлиёт ва иртибот дар ин минтақаҳо на танҳо сифати зиндагии аҳолиро баланд мебардорад, балки боиси афзоиши боварии шаҳрвандон ба сиёсати давлатӣ ва кам шудани шиддати иҷтимоӣ мегардад. Илова бар ин, ташкили кластерҳои истеҳсолӣ ва минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар манотиқи осебпазир метавонад ҳамчун воситаи ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ хидмат кунад.

Давлат метавонад тавассути пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва субсидияҳо сармоягузоронро барои амалисозии лоиҳаҳои иқтисодӣ дар минтақаҳои мазкур ҳавасманд намояд. Сармоягузорӣ ба рушди минтақаҳои осебпазир бояд ҳамчун як қисми ҷудонашавандаи сиёсати умумимиллӣ дар соҳаи амният ва рушди устувор баррасӣ шавад, зеро танҳо тавассути таъмини баробарии иҷтимоӣ ва имкониятҳои иқтисодӣ метавонем ба коҳиши омилҳои радикализатсия ва густариши тафаккури ифротӣ муваффақ гардем.

**3. Механизмҳои молиявии муқовимат бо экстремизм.** Барномаҳои давлатии маблағгузории зиддиэкстремистӣ, таъсиси фондҳои махсуси рушди иҷтимоӣ ва идоракунии самараноки захираҳои буҷетӣ барои ҳимояи гурӯҳҳои осебпазир ва коҳиши сабабҳои иҷтимоии ифротишавӣ аҳамияти назаррас доранд. Инчунин, мониторинги шабакаҳои молиявии марбут ба ифротгароӣ ҷузъи муҳими ин механизм аст. Масъалаи мазкур то андозае дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли худро ёфтааст, зеро дар назди Бонки миллии Тоҷикистон департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон амал мекунад, ки фаъолияти асосии он

Механизмҳои молиявии муқовимат бо экстремизм маҷмӯи абзорҳо, сиёсатҳо ва чораҳои танзимгароиро фаро мегиранд, ки ҳадафи онҳо қатъи сарчашмаҳои маблағгузории гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ, назорати гардиши дороиҳои шубҳанок, самаранок тақсим намудани захираҳои давлатӣ барои барномаҳои зиддиэкстремистӣ ва таҳкими устувории молиявии ҷомеа мебошад. Яке аз самтҳои асосӣ дар ин раванд ташкили низоми муассири мониторинг ва мушаххассозии шабакаҳои маблағгузории ғайриқонунӣ ва ё шубҳанок аст, ки тавассути ҳамкории наздик бо низоми бонкӣ, хадамоти назорати молиявӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амалӣ мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муайянсозии ҳаракати дороиҳо, қатъи ҳисобҳои шубҳанок, таҳқиқи амалиёти молиявии ашхоси алоқаманд ба ҳаракатҳои ифротӣ ва таъмини шаффофият дар шабакаҳои интиқоли маблағҳо аз ҷумлаи чораҳои аввалиндараҷа ба шумор мераванд. Илова бар ин, роҳандозии механизмҳои молиявии пешгирии ифротгароӣ, аз қабили таъсиси фондҳои иҷтимоӣ ва барномаҳои ҳадафноки дастгирии аҳолии осебпазир, ташвиқи таҳсил ва шуғли ҷавонон, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии молиявӣ ва касбии онҳо низ аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Дастгирии молиявии ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва барномаҳои таҳсилоти зиддиифротгароӣ, инчунин маблағгузории лоиҳаҳои тарғиботии муқовимат бо идеологияҳои радикалӣ, метавонанд таъсири бузурге ба паст кардани хавфи шомилшавии шаҳрвандон ба гурӯҳҳои ифротӣ дошта бошанд.

Аз нигоҳи сиёсати давлатӣ, зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияи мубориза бо маблағгузории терроризм ва экстремизм таҳия ва бо низоми миллии амнияти молиявӣ ва гардиши ғайриқонунии маблағ мувофиқ карда шавад. Иштироки фаъоли Тоҷикистон дар созишномаҳои байналмилалии муқовимат бо маблағгузории терроризм, ба мисли гурӯҳи FATF ва ҳамкорӣ бо INTERPOL ва ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ, инчунин таҳия ва татбиқи қонунгузории мувофиқ оид ба шаффофияти молиявӣ бояд як қисми ҷудонашавандаи ин раванд бошад. Механизмҳои молиявии муқовимат бо экстремизм на танҳо барои қатъи фаъолияти гурӯҳҳои ифротӣ, балки барои таъмини рушди устувор, суботи иқтисодӣ ва амнияти миллӣ аҳамияти стратегӣ доранд.

**4. Иқтисоди иҷтимоӣ ва ҳамгироии иқтисодии ҷавонон.** Ташкили барномаҳои иқтисодие, ки ҷавононро ба иқтисоди расмӣ ҷалб менамоянд, масалан, тавассути лоиҳаҳои стартап, курсҳои соҳибкорӣ, грантҳо ва кредитҳои имтиёзнок, метавонад сатҳи иштирок дар ҳаракатҳои ифротиро коҳиш диҳад.

Иқтисоди иҷтимоӣ ва ҳамгироии иқтисодии ҷавонон ба сифати самти муҳими сиёсати давлатӣ дар муқовимат бо экстремизм нақши калидӣ мебозад, зеро маҳз ҷавонон бештар ба таъсири идеологияҳои ифротӣ осебпазиранд ва набуди имкониятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маърифатӣ метавонад онҳоро ба сӯи радикализатсия равона созад. Иқтисоди иҷтимоӣ, ки ба принсипҳои адолати иҷтимоӣ, дастрасии баробар ба захираҳо ва афзалияти манфиатҳои умумият асос меёбад, шароити мусоидро барои фарогирии ҷавонон ба фаъолияти истеҳсолӣ ва муфид дар доираи қонунмандӣ фароҳам меорад. Тавассути рушди бахшҳои иқтисоди иҷтимоӣ, аз ҷумла корхонаҳои хурд ва миёнаи иҷтимоӣ, кооперативҳо, марказҳои омӯзишиву истеҳсолӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратии ба шуғл ва ҳунаромӯзии ҷавонон нигаронидашуда, метавон сатҳи фаъолияти иқтисодии ин гурӯҳи аҳолиро баланд бардошт. Баробари ин, ҳамгироии иқтисодии ҷавонон бо роҳҳои таъмини дастрасӣ ба бозори меҳнат, дастгирии молиявӣ барои стартапҳо ва ташаббусҳои навоварона, пешниҳоди грантҳо ва қарзҳои имтиёзнок, фароҳамсозии муҳити мусоиди соҳибкорӣ ва инфрасохтори марбут ба он (инкубаторҳои тиҷоратӣ, марказҳои тахассусӣ, акселераторҳо) амалӣ мегардад.

Таълими касбии ҷавонписарон ва ҷавондухтарон дар заминаи талаботи бозори меҳнат, татбиқи барномаҳои таҳсилоти дуалӣ ва таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳои истеҳсолӣ низ яке аз воситаҳои муҳим дар коҳиши бекорӣ ва кам кардани омилҳои шомилшавӣ ба ҳаракатҳои ифротӣ мебошад. Дар баробари ин, таъмини дастрасии ҷавонон ба захираҳои рақамӣ, омӯзиши технологияҳои муосир ва дастгирии фаъолияти иқтисодӣ дар муҳити рақамӣ (бизнесҳои онлайнӣ, озмунҳои инноватсионӣ, ҳавасмандгардонӣ барои таҳиягарони барномаҳо) метавонад онҳоро ба сӯи фаъолиятҳои созанда ва ғайриифротӣ равона созад. Дар маҷмӯъ, иқтисоди иҷтимоӣ ва ҳамгироии иқтисодии ҷавонон на танҳо ба коҳиши сатҳи шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротӣ, балки ба рушди устувори иҷтимоиву иқтисодии кишвар ва тақвияти амнияти ҷамъиятӣ мусоидат мекунад.

**5. Истифодаи иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои молиявӣ.** Платформаҳои онлайнӣ барои таҳсил, ташкили тиҷорат ва дастгирии иқтисодии аҳолӣ имконият медиҳанд, ки ҷавонон бештар фаъолиятҳои созанда ва расмиро интихоб намоянд. Ин раванд метавонад ба коҳиши фаъолияти ифротӣ дар муҳити маҷозӣ мусоидат кунад.

Истифодаи иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои молиявӣ дар раванди муқовимат бо экстремизм ва паст кардани хавфҳои иҷтимоию иқтисодӣ аҳамияти махсус дорад, зеро онҳо имкониятҳои васеъ барои шуғл, таълим, дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва рушди фаъолияти соҳибкориро фароҳам меоранд. Иқтисоди рақамӣ ҳамчун муҳаррики нави рушди иқтисодӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ имконият медиҳад, ки шаҳрвандон, махсусан ҷавонон ва гурӯҳҳои осебпазир, ба платформаҳои онлайнӣ, тиҷорати рақамӣ, таълими фосилавӣ ва хизматрасониҳои молиявии электронӣ ҷалб

гарданд. Ин раванд ба коҳиши бекорӣ, таъмини манбаи даромад ва паст кардани таъсири гурӯҳҳои ифротӣ мусоидат мекунад. Дар доираи истифодаи технологияҳои молиявӣ, хусусан системаҳои пардохти электронӣ, бонкдории рақамӣ ва қарздиҳии онлайн, дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ барои он гурӯҳҳое, ки то ин замон аз чунин имкониятҳо маҳрум буданд, осон мегардад. Инчунин, истифодаи системаҳои рақамӣ барои мониторинг ва пайгирии амалиётҳои молиявии шубҳанок ё террористӣ воситаи муҳими мубориза бо маблағгузории экстремизм ба шумор меравад.

Платформаҳои рақамӣ метавонанд барои ташкили тренингҳо, курсҳои омӯзишӣ, машваратҳои соҳибкорӣ ва тарғиботи зиддиэкстремистӣ низ истифода шаванд. Бо ҷалби ҷавонон ба муҳити рақамии созанда, аз ҷумла кор дар бахши IT, таҳияи барномаҳои мобилӣ, тарроҳии веб ва таҳлили маълумот метавон афкори онҳоро аз идеологияҳои ифротӣ дур намуда, ба рушди захираҳои инсонӣ равона кард. Илова бар ин, сиёсати давлатӣ бояд ба рушди инфрасохтори рақамӣ дар минтақаҳои дурдаст, дастгирии стартапҳои инноватсионӣ ва таъмини амнияти рақамии шаҳрвандон таваҷҷуҳи хос диҳад. Ҳамгироии иқтисоди рақамӣ бо тадбирҳои зиддиэкстремистӣ бояд бо таҳияи стратегияҳои миёна ва дарозмуддат, таъмини ҳамоҳангии мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ амалӣ гардад. Дар маҷмӯъ, иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои молиявӣ на танҳо воситаи рушди иқтисод, балки абзори муассири коҳиши шиддати иҷтимоӣ ва мубориза бо экстремизм дар замони муосир ба ҳисоб меравtotally.

**6. Кӯшишҳои байналмилалӣ ва дастгирии молиявии хориҷӣ.** Барномаҳои муштараки давлат бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Бонки ҷаҳонӣ, СММ, ЮНЕСКО ва дигарон, метавонанд захираҳои молиявӣ ва ташкилотиро барои татбиқи стратегияҳои иқтисодии муқовимат бо экстремизм таъмин намоянд.

Масъалаи мазкур дар банди 31 Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ҳалли худро ёфтааст. Дар он бевосита қайд карда шудааст, ки “аз ҳисоби маблағҳои созмонҳои мададрасони байналмилалӣ маблағгузорӣ намудани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, маблағгузории чорабиниҳои алоҳидаи Нақшаи амал оид ба амалисозии Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, таҳия ва вориднамоии барномаҳои таълимӣ ва маводи дарсӣ, гузаронидани семинарҳо, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои дигар, ташаккули махзанҳои маълумот ва ғайра дар назар дошта шудааст” [13].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, “Барномаи барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ё террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028” қабул шудааст ва дар он низ дастгирии молиявии хориҷӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар боби 10 ин барнома қайд карда шудааст,ки “Барои амалӣ гардонидани Барнома дар панҷ соли оянда ҳаҷми умумии маблағгузорӣ, тибқи ҳисобҳои пешакӣ, 84 миллиону 542 ҳазору 600 сомониро ташкил медиҳад. Аз ин миқдор, 27 миллиону 562 ҳазору 600 сомонӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва 56 миллиону 980 ҳазор сомонӣ аз манбаъҳои ғайрибуҷетӣ (аз ҷумла сармоягузории хориҷӣ, кумакҳои донорӣ ва дигар воситаҳо) пешбинӣ шудааст. Ҳамчунин, барои се соли наздик (солҳои 2024 то 2026) ҳаҷми умумии маблағгузории Барнома 45 миллиону 390 ҳазору 600 сомониро дар бар мегирад, ки аз он 16 миллиону 820 ҳазору 600 сомонӣ аз буҷети давлатӣ ва 28 миллиону 570 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби манбаъҳои ғайрибуҷетӣ ба нақша гирифта шудааст [7]. Ин нишондиҳандаҳо гувоҳи онанд, ки дар маблағгузории Барнома саҳми манбаъҳои ғайрибуҷетӣ назар ба буҷети давлатӣ зиёдтар аст, ки ин бозгӯкунандаи аҳамияти ҷалби сармояи хориҷӣ ва кумакҳои беруна дар татбиқи барномаҳои рушди миллӣ мебошад.

Кӯшишҳои байналмилалӣ ва дастгирии молиявии хориҷӣ бояд ҷузъи муҳими стратегияи ҳамаҷонибаи муқовимат бо экстремизм бошанд, ки тавассути ҳамкорӣ бо созмонҳо ва давлатҳои хориҷӣ имконият фароҳам оранд, то кишварҳо ба таври муассир бо таҳдидҳои экстремизм ва терроризм мубориза баранд. Ин кӯшишҳо шаклҳои

гуногунро фарогир мебошанд, аз ҷумла маблағгузории лоиҳаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, татбиқи барномаҳои таҳсилоти зиддиифротгароӣ, омодасозии кадрҳои миллӣ, таҳкими қобилияти ниҳодҳои давлатӣ ва дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ.

Созмонҳои байналмилалӣ чун Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Аврупо, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Бонки ҷаҳонӣ ва Бонки осиёии рушд бо маблағгузорӣ ва кумакҳои техникӣ ба кишварҳо мусоидат мекунанд, то дар сатҳи қонунгузорӣ, институтсионалӣ ва сиёсати ҷамъиятӣ тавоноии муқовимат ба экстремизм ва терроризмро тақвият бахшанд. Аз ҷумла, кумакҳои молиявии хориҷӣ метавонанд ба татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ барои ҷавонон, занон ва гурӯҳҳои осебпазир, дастгирии стартапҳои иҷтимоӣ, таҳкими соҳаҳои маориф, фарҳанг ва ВАО, инчунин ба рушди инфрасохтори иҷтимоиву иқтисодӣ дар минтақаҳои осебпазир равона шаванд. Илова бар ин, барномаҳои шарикӣ ва табодули таҷриба бо кишварҳои пешрафта ва минтақаҳои дигар имконият медиҳанд, ки таҷрибаи беҳтарин дар самти пешгирии ифротишавӣ, мониторинги шабакаҳои маблағгузории ғайриқонунӣ ва таҳкими фазои ҳуқуқӣ татбиқ карда шавад.

Кӯшишҳои байналмилалӣ инчунин фарогири таҳияи стратегияҳои муштарак, механизми ҳамоҳангсозии маълумот, табодули иттилооти оперативӣ ва ҷилавгирӣ аз интиқоли фаромарзии маблағҳо ва кадрҳои радикалӣ мебошанд. Инчунин, ташкилотҳои ғайридавлатии байналмилалӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо татбиқи барномаҳои маърифатӣ ва омӯзишӣ метавонанд дар баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии аҳолӣ нақши муассир дошта бошанд.

Барои самаранок истифода бурдани кумакҳои молиявии хориҷӣ ва ҷалби устувори онҳо, кишварҳо бояд механизмҳои шаффоф ва ҳисоботдиҳандаи идоракунии захираҳоро роҳандозӣ намоянд, ки ба ҷалби боварӣ ва ҳамкории дарозмуддат бо донорҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад. Дар маҷмӯъ, кӯшишҳои байналмилалӣ ва дастгирии молиявии хориҷӣ дар шароити афзоиши таҳдидҳои глобалӣ аз экстремизм, на танҳо кӯмаки молиявӣ, балки василаи муҳими таҳкими суботи миллӣ, рушди устувор ва муттаҳидсозии ҷомеаҳо ба муқобили идеологияҳои радикалӣ ба ҳисоб мераванд.

**7. Мусоидат ба беҳтар намудани шароитҳои манзилии шаҳрвандон, ташаккули низоми дастгирӣ ва дастрасӣ ба манзил, рушди қарздиҳии ипотекӣ** (зербанди 5 банди 23 Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025) [13]. Мусоидат ба беҳтар намудани шароитҳои манзилии шаҳрвандон, ташаккули низоми самараноки дастгирӣ ва таъмини дастрасии васеъ ба манзил, инчунин рушди қарздиҳии ипотекӣ метавонанд ҳамчун яке аз ҷузъҳои сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар муқовимат ба экстремизм нақши муҳим бозанд. Дар шароите ки камбизоатӣ, бекорӣ ва норасоии шароити манзилӣ метавонанд сабабу шароити мусоиди густариши ифротгароиро фароҳам оранд, андешидани тадбирҳо ҷиҳати таъмини шароити зиндагии муносиб барои табақаҳои иҷтимоии осебпазир, бахусус ҷавонон, собиқ маҳкумшудагон ва муҳоҷирони меҳнатии баргашта, аҳамияти стратегӣ дорад. Дар ин замина, таҳия ва татбиқи барномаҳои дастгирии давлатӣ барои сохтмон ва харидории манзил, ҷорӣ намудани низоми субсидияҳо ва қарзҳои имтиёзноки ипотекӣ бо дастгирии давлатӣ метавонанд ҳисси адолат, устувории иҷтимоӣ ва робитаи мусбати шаҳрвандонро бо давлат тақвият диҳанд.

Ҳамзамон, иштироки фаъолонаи ҷавонон дар барномаҳои дастрасӣ ба манзил, ки бо омӯзиш, коромӯзӣ ва фаъолияти истеҳсолӣ пайваст аст, метавонад онҳоеро, ки дар зери таъсири идеологияи ифротӣ қарор доранд, аз гурӯҳҳои хатарнок дур нигоҳ дорад. Аз ин лиҳоз, сиёсати манзилсозӣ ва рушди ипотека бояд на танҳо ҳамчун абзори иқтисодӣ, балки ҳамчун воситаи муҳими пешгирӣ ва муқовимат ба экстремизм дар сатҳи маҳаллӣ ва миллӣ истифода гардад. Дар натиҷа, чунин раванд на танҳо сатҳи зиндагии аҳолиро беҳтар мегардонад, балки ба таҳкими суботи иҷтимоӣ, амнияти миллӣ ва коҳиши хатари радикализатсияи ҷомеа мусоидат мекунад.

**8. Таъмини иҷрои уҳдадориҳои бонкӣ, пурзӯр намудани чораҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои амонатгузорон** (зербанди 5 банди 23 Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025) [13]. Таъмини иҷрои уҳдадориҳои бонкӣ ва пурзӯр намудани чораҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои амонатгузорон ҳамчун яке аз самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм дорои аҳамияти хоса мебошад, зеро ноустувории низоми бонкӣ, аз даст рафтани пасандозҳо ва коҳиши эътимод ба муассисаҳои молиявӣ *(ба монанди Тоҷпромбонк, Тоҷиксодиротбонк ва Агроинвестбонк)* метавонанд омилҳои шадиди норизоият ва ноороми иҷтимоиро ба вуҷуд оваранд, ки аз ҷониби гурӯҳҳои ифротгаро ҳамчун замина барои таблиғи идеологияи зиддидавлатӣ истифода мешаванд.

Дар ҳолати аз даст рафтани амонатҳои мардум ва ҳифз нагардидани ҳуқуқи онҳо, эҳсоси беадолатӣ ва канорагирӣ аз сохтори ҳуқуқӣ ва давлат афзоиш меёбад, ки метавонад боиси ифротишавии гуруҳи муайяни шахсон гардад. Аз ин рӯ, кафолати иҷрои уҳдадориҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ ва таъмини амнияти амонатҳои аҳолӣ на танҳо як вазифаи иқтисодӣ, балки як тадбири стратегӣ дар самти ҳифзи суботи иҷтимоӣ ва амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад. Ҷиҳати татбиқи ин самт бояд назорати давлатии муассир ба фаъолияти бонкҳо (на танҳо аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон, балки аз тарафи мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ), муқаррар намудани механизмҳои кафолат ва суғуртаи пасандозҳо, баланд бардоштани сатҳи шаффофият, ҷавобгарии роҳбарони муассисаҳои молиявӣ, инчунин таҳкими муҳосиба ва назорати дохилӣ амалӣ гардонида шавад.

Ҳамзамон, таълиму фаҳмондадиҳии ҳуқуқии аҳолӣ оид ба муомилоти бонкӣ, боло бурдани саводи молиявӣ ва дастрасии баробар ба хадамоти бонкӣ метавонад ҳисси эътимод ба низоми молиявӣ ва мақомоти давлатӣ, инчунин масъулияти шаҳрвандиро тақвият бахшад. Бинобар ин, рушди устувори низоми бонкӣ ва ҳифзи амонатҳо ҳамчун як воситаи муҳим ва мустақими коҳиши хатарҳои ифротишавии ҷомеа бояд дар сиёсати давлатии муқовимат ба экстремизм мақоми хоса дошта бошад.

**9. Ҳифзи аҳолӣ аз болоравии ҷиддии нархи маводи ғизоӣ ва молҳои дигари ниёзи аввал** (зербанди 5 банди 23 Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025) [13]. Ҳифзи аҳолӣ аз болоравии ҷиддии нархи маводи ғизоӣ ва молҳои дигари ниёзи аввал ҳамчун яке аз самтҳои асосии муқовимат ба экстремизм аҳамияти муҳими иҷтимоӣ ва амниятӣ дорад. Зеро ноустувории иқтисодӣ, норасоии озуқаворӣ ва коҳиши қобилияти харидории аҳолӣ метавонанд заминаҳои иҷтимоие фароҳам оранд, ки аз онҳо гурӯҳҳои ифротгаро барои ҷалби афрод ба ҳаракатҳои тундгароёна истифода баранд.

Бинобар ин, татбиқи сиёсати ҳадафманд ва муассир дар самти ҳифзи аҳолӣ аз гаронии нархҳо метавонад ҳамчун як воситаи бевоситаи коҳиши омилҳои иҷтимоие арзёбӣ гардад, ки ба ифротишавӣ мусоидат мекунанд. Дар ин замина, тадбирҳое чун ташкили захираҳои давлатии маводи ниёзи аввал, субсидия ва дастгирии молиявии табақаҳои осебпазир, танзими одилонаи муқаррарнамоии нархҳо дар бозор, таҳкими истеҳсоли дохилӣ ва таъмини дастрасии баробар ба ғизо ва маҳсулоти муҳим метавонанд ҳисси беадолатӣ, норизоият ва эҳсоси канораншинӣ дар байни аҳолиро коҳиш диҳанд. Ин тадбирҳо боиси таҳкими боварӣ ба давлат ва паст шудани эҳтимоли шомилшавӣ ба ҳаракатҳои ифротӣ мегарданд. Аз ин рӯ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва ҳифзи сатҳи зиндагии мардум бояд ҳамчун қисми ҷудонашавандаи стратегияҳои миллӣ оид ба муқовимат бо экстремизм ва таҳкими суботи ҷамъиятӣ ва сиёсӣ баррасӣ карда шавад.

**10. Арзёбӣ ва таҳлили иқтисодии зарари экстремизм.** Андешидани чораҳо дар асоси таҳқиқоти илмии иқтисодии таъсири экстремизм ба иқтисоди миллӣ (масалан, коҳиши сармоягузорӣ, талафоти буҷетӣ, осеби сайёҳӣ ва савдо) барои асоснокунии сиёсати иқтисодии зиддиэкстремистӣ муҳим мебошад. Таҳлили корҳои илмии анҷомёфта дар самти иқтисодиёт нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъсири

экстремизм ба иқтисоди миллӣ то ҳол мавриди таҳқиқоти ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Бо вуҷуди аҳаммияти рӯзафзуни ин масъала, ки амнияти иқтисодӣ ва рушди устувори кишварро таҳти хатар мегузорад, пажӯҳишҳои илман асосёфта дар ин самт хеле муҳим арзёбӣ мегарданд. Барои бартараф намудани ин мушкилӣ, зарурати андешидани як қатор тадбирҳои илмию амалӣ ба миён меояд. Дар марҳилаи аввал лозим аст, ки гурӯҳҳои махсуси илмӣ-таҳқиқотӣ дар назди КДАМ, вазорату идораҳо, донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ ташкил карда шаванд, ки корҳои илмиро бо назардошти хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва амниятӣ мавриди омӯзиши байнисоҳавӣ қарор диҳанд. Ҳамзамон бояд диссертатсияҳо, монографияҳо, мақолаҳо ва гузоришҳои таҳлилӣ дар самти таъсири экстремизм ба сармоягузорӣ, муҳити соҳибкорӣ, туризм, шуғли аҳолӣ, дар умум ба иқтисодиёт таҳия гарданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаббусҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба муқовимат ба экстремизм фаъолона ширкат мекунад, дар баробари ин барои татбиқи барномаҳои таҳқиқотӣ ва иҷтимоӣ аз созмонҳои байналмилалӣ кӯмакҳои молиявӣ ва техникӣ ҷалб намудан ба мақсад мувофиқ аст. Дар баробари ин, таҳияи методологияи арзёбии зарари иқтисодии экстремизм, ҷорӣ кардани курсҳои махсус дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ барои мониторинг ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии иқтисодию амниятии аҳолӣ низ бояд дар меҳвари тадбирҳои амалии зиддиэкстремистӣ, бахусус Стратегияи нави муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 қарор гиранд. Ҳамаи ин иқдомҳо бояд дар чорчӯби як барномаи таҳқиқотии миллӣ амалӣ гарданд, ки бо назардошти манфиатҳои иқтисодии кишвар дар дарозмуддат равона ба таҳкими амнияти иқтисодӣ ва пешгирии оқибатҳои манфии экстремизм мебошад.

Арзёбӣ ва таҳлили иқтисодии зарари экстремизм яке аз ҷанбаҳои муҳим ва зарурии сиёсати давлатӣ дар самти амният ва рушди устувор маҳсуб мешавад, зеро экстремизм на танҳо таҳдид ба суботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ аст, балки боиси оқибатҳои ҷиддии иқтисодӣ мегардад, ки метавонанд рушди миллиро суст ва амнияти иқтисодиро халалдор созад. Зарари иқтисодӣ аз экстремизм метавонад шаклҳои гуногунро дар бар гирад, аз ҷумла талафоти мустақим (харобшавии инфрасохтор, таъсиси хароҷоти иловагӣ барои амният, коҳиши сармоягузорӣ) ва талафоти ғайримустақим (афзоиши нобоварӣ дар бозор, муҳоҷирати аҳолии соҳибкасб, коҳиши рушди сайёҳӣ ва истеҳсолот).

Яке аз самтҳои асосии таҳлили иқтисодӣ ин муайянсозии хароҷотҳои иловагӣ барои таъмини амният мебошад, ки давлат маҷбур аст аз ҳисоби буҷет барои нерӯҳои интизомӣ, ниҳодҳои зиддитеррористӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми майи соли 2023, № 216 “Дар бораи Номгӯйи дигар субъектҳои дар муқовимат ба терроризм иштироккунанда” дар баробари ҳамаи мақокти ҳифзи ҳуқуқ номгӯи 41 мақомоти дигари давлатӣ номбар карда шудааст, ки бо терроризм бояд муқовимат баранд), назорати сарҳад ва технологияи амниятӣ сарф намояд.

Ҳамзамон, аслан дар минтақаҳое (шаҳру ноҳияҳои алоҳида), ки сатҳи ифротгароӣ зиёд аст, сармоягузориҳо коҳиш меёбанд, лоиҳаҳои муҳими иқтисодӣ ба таъхир меафтанд ё бекор мегарданд, ки ин боиси паст шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди номутавозуни минтақаҳо мегардад. Таҳлили зарар бояд ҳамзамон коҳиши даромади бахшҳои муҳими иқтисод, аз ҷумла туризм, нақлиёт, савдо ва бонкдориро дар бар гирад. Масалан, як ҳодисаи ифротӣ метавонад боиси ворид нагардидани садҳо сайёҳ, қатъ шудани парвозҳо ва коҳиши даромади меҳмонхонаҳо ва нуктаҳои хизматрасонӣ гардад.

Барои ба даст овардани натиҷаҳои амиқ ва воқеӣ, истифодаи методологияҳои илмии ҳисобу таҳлил, ҷамъоварии маълумотҳои оморӣ ва таҳияи нишондиҳандаҳои иқтисодии арзёбии хатари экстремизм зарур аст. Дар маҷмӯъ, арзёбӣ ва таҳлили иқтисодии зарари экстремизм ба мақомоти давлатӣ имконият медиҳад, ки арзиши воқеии ин таҳдидро муайян кунанд, сиёсати молиявии худро самаранок танзим намоянд ва тадбирҳои мушаххаси пешгирӣ ва муқовимати иқтисодиро таҳия ва татбиқ созанд.

**Хулоса:** Ҷанбаҳои иқтисодии муқовимат бо экстремизм бояд ҳамчун як қисми ҷудонашавандаи сиёсати иқтисодии давлатӣ ва амнияти миллӣ баррасӣ шаванд. Бе рафъи мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ ва коҳиши нобаробариҳои минтақавӣ, мубориза бо экстремизм наметавонад натиҷаи устувор диҳад. "... Аз рӯйи таҳлили кӯтоҳ мебинем, ки миллати тоҷик дар шароити навини таърихӣ, бо таҷрибаи шашҳазорсола, барои муваффақона паси сар кардани Даврони Эҳё, ки оғози он эълом гардид, тамоми шароит – решаҳои тамаддунӣ, бунёди қавии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ақлонӣ ва генетикиро дорад. Фақат онро роҳандозии ҳарчи зудтар ва роҳнамоии тахассусмандона бояд" [15, 28].

Барои ҳар як муваффақият, амал кардан лозим аст. Дар Стратегияи нави муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030, Стратегияи милли рушд барои давраи то соли 2030, қонун [11] ва барномаҳои иқтисодии алоҳида ҷанбаҳои иқтисодии муқовимат бо экстремизмро, аз ҷумла пешгирии факр ва бекорӣ дар байни ҷавонон; ташкили ҷойҳои кории устувор дар минтақаҳои осебпазир; дастгирии молиявии соҳибкории наврасон ва ҷавонон; рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар шаҳру деҳоти дурдаст; субсидия барои омӯзиш ва бозомӯзии касбӣ; дастрасии осон ба қарзҳои имтиёзнок барои аҳолии камбизоат; барномаи миллии дастгирии манзилии ҷавонон; созмони марказҳои рушди иқтисодии маҳаллӣ; омӯзиши саводнокии молиявӣ ва соҳибкорӣ дар байни ҷавонон; барномаи ҳамгироии иқтисодии муҳоҷирони меҳнатӣ; таҳкими механизми кафолати пасандозҳо ва амонатҳои бонкӣ; мониторинги молиявии амалиётҳои шубҳанок; ҷорӣ намудани грантҳо барои лоиҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ; барномаи таълимии зиддиэкстремистӣ бо компонентҳои иқтисодӣ; ташкили ярмаркаҳои ҷойҳои кории минтақавӣ; таҳкими ҳамкории бахши давлатӣ ва хусусӣ дар минтақаҳои осебпазир; дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои марзӣ; барномаи давлатии рушди ҳунарҳои миллӣ; сохтмони марказҳои таълимӣ-касбӣ дар ноҳияҳои осебппазир; барномаи «Ҷавонон – нерӯи иқтисодии зиддиэкстремистӣ», ба назар гирифтан зарур аст.

## АДАБИЁТ:


1. Collier P. The Bottom Billion: Why the Poorest Countries Are Failing and What Can Be Done About It. Oxford University Press, 2007. P.96-119
2. Crenshaw, M. (1981). The Causes of Terrorism. Comparative Politics, Vol. 13, No. 4, pp. 379–399.
3. Institute for Economics and Peace (2024). Global Terrorism Index. Sydney. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.economicsandpeace.org/wp-content/uploads/2024/02/GTI-2024-web-290224.pdf (санаи муроҷиат: 04.05.2025).
4. United Nations Development Programme (UNDP). Preventing Violent Extremism through Inclusive Development and the Promotion of Tolerance and Respect for Diversity. New York. 2016. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.undp.org/sites/g/files/zskgke326/files/publications/Discussion%20Paper%20-%20Preventing%20Violent%20Extremism%20by%20Promoting%20Inclusive%20%20Development.pdf (санаи муроҷиат: 04.05.2025).
5. World Bank. World Development Report 2011: Conflict, Security and Development. Washington, DC. 2011. 416 p.
6. Абдуллозода, Н.Р. Детерминанты радикализации и развития экстремистских течений в молодежной среде Республики Таджикистан // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. - № 3 (63). - 2024. - С.17-22
7. Барномаи барқарорсозӣ ва реинтегратсияи шахсони дорои гузаштаи экстремистӣ ё террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2024, №339 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmih.tj/Search/DocumentView?DocumentId=166336# (санаи муроҷиат: 04.05.2025).

8. Беспалая С.Г., Кашин В.А. Детерминация социально-психологических и экономических аспектов терроризма в современном обществе // Историческая и социально-образовательная мысль. – 2019. – Т. 11, № 1. – С. 69-75.
9. Жилина И.Ю. Экономические аспекты современного терроризма // Россия и современный мир. – 2018. – № 1(98). – С. 188-205.
10. Кудратов Н.А. Уголовно–правовая охрана основ конституционного строя и безопасности государства: проблемы доктрины, правоприменения и совершенствования законодательства: диссертация на соискание ученой степени доктора юридических наук. – Душанбе, 2021. – 539 с.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба экстремизм". Аз 2 январи соли 2020, № 1655 Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation/1655_tj_0.pdf (санаи муроҷиат: 04.05.2025)
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/36370 (санаи муроҷиат: 04.05.2025)
13. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.anticorruption.tj/images/PDF/ter-ek.pdf (санаи муроҷиат: 04.05.2025)
14. Шоҳзода Н.И. Мушкилот ва роҳҳои ҳалли ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба бозори хизматрасониҳои экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2024. – №. 2(57). – С. 244-250.
15. Ятимов С.С. Эҳёи миллат - бақои давлат // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2024. – №. 4(88). – С. 14-33.

ТДУ 681.3+04:327+343(575.3)

# ИНФОРМАЦИОННЫЕ ТЕХНОЛОГИИ КАК ИНСТРУМЕНТ РАДИКАЛИЗАЦИИ НАСЕЛЕНИЯ И ПРАВОВЫЕ МЕРЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ЭТОМУ ЯВЛЕНИЮ В ВИРТУАЛЬНОЙ СРЕДЕ

**САЛИМОВ Б.А.**

*Кандидат юридических наук, начальник кафедры Высшей школы ГКНБ Республики Тадикистан*

*В статье исследуются отдельные вопросы использования информационных технологий в радикализации населения. Подчёркивается, что использование Интернета в пропаганде и радикализации отдельных слоев общества является одним из основных направлений деятельности террористов. Также, в исследовании анализируются существующие правовые механизмы, направленные на противодействие использованию современных технологий в террористических и экстремистских целях.*

***Ключевые слова:*** *информационные технологии, интернет, радикализация, пропаганда, террористические и экстремистские организации, противодействие терроризму и экстремизму, преступление, вербовка.*

# ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ҲАМЧУН АБЗОРИ ИФРОТИСОЗИИ АҲОЛӢ ВА ЧОРАҲОИ ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БА ИН ЗУҲУРОТ ДАР ФАЗОИ МАҶОЗӢ

**САЛИМОВ Б.А.**

*Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори кафедраи Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон*

***Аннотатсия:*** *Дар мақола масъалаҳои алоҳидаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар ифротисозии аҳолӣ таҳқиқ карда мешавад. Таъкид мегардад, ки истифодаи Интернет дар таблиғот ва ифротисозии табақаҳои алоҳидаи ҷомеа яке аз самтҳои асосии фаъолияти террористон мебошад. Ҳамчунин, дар таҳқиқот механизмҳои мавҷудаи ҳуқуқии муқовимат ба истифодабарии технологияҳои муосир бо мақсадҳои террористӣ ва экстремистӣ таҳлил гардидаанд.*

**Калидвожаҳо:** *технологияҳои информатсионӣ, интернет, тундгароӣ, тарғибот, ташкилотҳои террористию экстремистӣ, ҷиноятkорӣ, ҷалбнамоӣ.*

# INFORMATIONAL TECHNOLOGY AS A INSTRUMENT OF RADICALIZATION OF POPULATION AND RIGHTS MEASUI OF RESISTANCE OF THIS PHENOMEN IN VIRTUE SPACE

**SALIMOV B.A.**

*Candidate of legal sciences, head of the Department of the High school of the State Committee for National Security of the Republic of Tajikistan*

*The article reseachs the separate issues at using information technology in radicalization of population. It is emphacized that the use of Unterhet in propogabda and nadicalistation of speante section of society is one of the main directions of terrorists activity. In the research analyses existing legal mechanisms, directed to counteraction of using modern technologies in terroristic and extremistic goals.*

**Keywords:** *information technologies, internet, radicalization, propaganda, terroristic and extremistic organizations, counteraction to terrorism, chime, recruiting.*

